***Ключевые слова:*** *независимость, интеллектуал, современные интеллектуалы, секуляризм, достижения времени независимости.*

## MISSION OF INTELLECTUALS OF MODERN TAJIKISTAN

**BEKZODA DIDAVAR**

a researcher at the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of NAST. Phone: 111225590. Email: didavar1989@list.ru

*In this article, one of the most important issues of daily life has been studied. Today in the world, intellectuals play an important role in the development of societies. For this reason, in this article, the author tried to study the role of tajik intellectuals during the period of independence. In short, two issues are studied in the article: First, what role do intellectuals play in society; What is their mission? Second, what important issues should the modern tajik intellectuals solve during the period of independence.*

***Key words:*** *independence, enlightenment, modern enlightenment, secularism, achievements of the time of independence.*

# ТОҶИКИСТОН ВА РУСИЯ: ДАР МАСИРИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**
д.и.т., профессор, сарходими илмии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Телефон: 919160026, E-mail: nmmirzoev@mail.ru.

*Соли ҷорӣ ба барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия 30 сол сипарӣ гардид.*

*Федератсияи Русия яке аз шарикони муҳими стратегии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини суботу амният ва пешрафти иқтисодии кишвар ва минтақа нақши калидӣ дорад. Русия дар қатори аввалин кишварҳое буд, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, бо ҷумҳурии мо робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. Робитаҳои ду кишвар бар асоси беш аз 250 санадҳои баимзорасидаи байнидавлатӣ амалӣ гардида, натиҷаҳои муфид ба бор овrouted.*

***Калидвожаҳо:*** *робита, дурнамо, давлат, муосир, ҳамкорӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, илм, фарҳанг, авлавият, минтақа, ҷаҳон.*

Соли ҷорӣ ба барқарор гардидани робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия 30 сол сипарӣ гардид.

Федератсияи Русия яке аз шарикони муҳими стратегии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини суботу амният ва пешрафти иқтисодии кишвар ва минтақа нақши калидӣ дорад.

Муносибатҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Русия решаҳои амиқи таърихӣ доранд.

Дар даврони навини таърихӣ Русия аз аввалин давлатҳое буд, ки Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохта, 8-уми апрели соли 1992 робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд.

4-уми майи соли 1992 сафорати Федератсияи Русия дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт. 17-уми июли соли 1992 нахустин сафири Русия М.И. Сенкевич фаъолияти дипломатии худро дар Тоҷикистон оғоз намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ моҳи декабри соли 1993 намояндагии худро ба

сафорат табдил дод ва Р. Мирзоев Сафири Фавқулодда ва Мухтори ҶумҳурииТоҷикистон дар Русия таъин гардид.

Аз соли 1992 то ба соли 2022 байни Тоҷикистон ва Федератсияи Русия беш аз 260 созишномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидааст.

Шартнома дар борои дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ, ки 25 майи соли 1993 дар Москва ба имзо расидааст, заминаи ҳуқуқии муносибатҳои давлатии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Муносибатҳои Тоҷикистону Русия аз оғози истиқлол инкишофи пайгирона дошта, амалан тамоми соҳаҳои ҳаёт: сиёсат, иқтисодиёт, тиҷорат, саноат, ҳарбӣ – техникӣ, гуманитарӣ, молияву қарз, энергетика, мудофиаи шаҳрвандӣ, илму фарҳанг, маориф ва ғайраро дар бар мегиранд.

Рушд ва раванди муносибатҳои Тоҷикистону Русияро Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 23 апрели соли 2014 чунин баён намуда буд: «Тавсеаву рушд ва густариши муносиботи дарозмуддату босуботи Тоҷикистон бо шарики асосии стратегии мо – Федератсияи Русия низ аз ҳадафҳои асосии мост. Аслан сатҳ, мазмун ва муҳтавои равобити гуногунҷанбаи Тоҷикистону Русияро на танҳо манфиатҳои геополитикӣ ва прагматизми иқтисодӣ, балки ҳамчунин заминаҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва пайвандҳои инсонӣ муайян месозанд.

Ҳарчанд мо сатҳу муҳтавои равобити худ, дараҷаи эътимод ва боварии тарафҳоро бо Федератсияи Русия хеле баланд арзёбӣ менамоем, рушду густариши минбаъдаи равобити ҳамаҷонибаи судманд бо ин кишвар, устувортар ва амиқтар намудани пайвандҳои иқтисодӣ ва алоқаҳои фарҳангӣ, қавитар сохтани ҳамкориҳои сиёсиву низомӣ ва низомиву техникӣ бо ин давлати дӯст аз самтҳои афзалиятноки равобити Тоҷикистон бо Русия аст ва чунин хоҳад монд».

Робитаҳои Тоҷикистон ва Русия ба принсипҳои эътимоду боварӣ, ҳусни тафоҳум ва шарики озмудашуда асос ёфтааст. Чунин сатҳи робитаҳои давлатӣ пеш аз ҳама натиҷаи муколама ва машваратҳои доимии роҳбарони сиёсии ҳар ду мамлакат аст.

Сарони ҳарду давлат мунтазам дар доираи сафарҳои давлатӣ, корӣ дар форумҳои байналмилалӣ боздидҳо ва мулоқотҳо ба амал оварда аз рӯи муҳимтарин масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамта табодули назар менамоянд. Ташрифи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи апрели соли 1999 ба Русия ба муносибатҳои шарикии стратегии ду мамлакат таҳкурсии мустаҳкам гузошт. Дар ҷараёни сафари расмӣ ду санади хеле муҳим – Аҳднома дар бораи ҳамкориҳои ҳамиттиҳодии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба асри XXI

нигаронидашуда ва Аҳднома дар бораи мақом ва шартҳои ҳузури пойгоҳи ҳарбии Русия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. То ба ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ягон давлати хориҷӣ чунин аҳдномаҳоро имзо накарда буд. Имзои чунин аҳдномаҳои шарикии старатегӣ аз сатҳи баланди эътимоду боварӣ миёни сарони ҳарду кишвар ва аз таҷрибаи амалияи ҳамзистии даврони нави посошӯравӣ бармехест. Ин чанд омил дошт:

Аз оғози даврони истиқлолият Русия ба воқеаҳои сиёсии Тоҷикистон, муқовиматҳои сиёсӣ воқеъбинона баҳо дода, оқибатҳои фоҷиабори онро барои миллати тоҷик ва амнияти минтақа дарк карда, роҳи баҳамсозӣ, дарёфти сулҳу салоҳро дар ҷумҳурӣ ҷустуҷу мекард. Русия дар қатори дигар кишварҳо ташаббускори даъват намудани музокироти байни тоҷикон буд. Бисёр рамзист, ки музокироти сулҳи байни тоҷикон 5-уми апрели соли 1994 маҳз дар шаҳри Москва оғоз ёфта, 27-уми июни соли 1997 дар ҳамон ҷо ба имзои «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» дар Тоҷикистон ба охир расид. Саҳми Русия дар пойдории сулҳ дар Тоҷикистон хеле калон аст.

Дар таҳкими муносибатҳои иттиҳодӣ ва шарикӣ тақвият ва рушди робитаҳои дуҷониба нақши пешбарандаро сарони давлатҳо мебозанд. Намунаи барҷастаи чунин муносибатҳо ташриф ва сафарҳои расмӣ ва давлатии онҳо ба кишварҳои якдигар аст. Ин сафарҳо хусусияти доимӣ гирифта, аксаран бо натиҷаҳои дилхоҳ анҷом меёбанд. Аз ҷумла Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи апрели 2001, июни 2004, июли 2007, октябри 2007, августи 2013, феврали 2014, 2019 ба Русия сафарҳои расмӣ анҷом дод. Президенти Русия В.В.Путин ба Тоҷикистон ноябри соли 1999, июли 2000, октябри 2001, апрели 2003, октябри 2004, августи 2008, сентябри 2011, октябри 2012, феврали 2017, 2020, сентябри 2021, июни 2022 сурат гирифтанд. Ин сафарҳо ва ташрифот ҳам аз нигоҳи фосилавӣ ҳам аз нигоҳи мuҳтаво хеле беназир буда, аз сатҳи баланди робитаҳои сиёсӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар ҷараёни ин ташрифот масъалаҳои муҳими баҳамсозии Тоҷикистону Русия дар соҳаҳои ҳарбӣ ва сарҳадот таъмини амнияти минтақа, тавсеаи алоқаҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ барраси гардида, яккатор созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расиданд.

Миёни Тоҷикистон ва Русия робитаҳои байнипарлумони фаъолона рушду тавсеа меёбанд.

3–5-уми апрели соли 2003 Раиси Шӯрои Федератсияи Русия С.М. Миронов ба Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод.

30 – юми ноябри соли 2005 дар шаҳри Душанбе маҷлиси Комиссияи байнипарлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Федератсияи Русия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он ба кушодашавии нахустин намоишгоҳи миллии

Русия дар Тоҷикистон мувофиқ омад. Қонунгузорони ҳар ду ҷониб масоили муҳоҷирони меҳнатии тоҷикон дар Русия, ҳолати шартномавию ҳуқуқии муносибатҳо, рафти иҷрои қарори нишасти ҳаштуми байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор доранд.

14 – 15-уми декабри соли 2005 боздиди расмии Раиси Думаи давлатии Федератсияи Русия Б. В. Гризлов аз шаҳри Душанбе ба вуқӯъ пайваст, ки дар рафти он ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазир Оқил Оқилов, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев, Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев мулоқот намуд.

Дар чорчӯбаи робитаҳои байнипарлумонӣ моҳи феврали 2006 сафари кории ҳайати Кумитаи Шӯрои Федеративӣ оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо сарварии В.А. Густов ба Тоҷикистон доир гардид.

24 – 26-уми августи соли 2006 Раиси Шӯрои Федератсияи Русия С. М. Миронов ба Тоҷикистон ташрифи расмӣ оварда дар кушодашавии форуми байнипарлумонии «Русия – Тоҷикистон: ҳамкории байниминтақавӣ» иштирок намуд.

11-13-уми октябри соли 2006 маҷлиси навбатии Комиссияи байнипарлумонии оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Федератсияи Русия ва Маҷлиси Милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Москва баргузор гардид. Қонунгузорони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷониба байни кишварҳо ва дурнамои ин робитаҳоро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар нимаи аввали соли 2007 ҳайати парламентии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии С. Хайруллоев бо даъвати Раиси Думаи давлатии Федератсияи Русия Б.В.Гризлов сафари расмӣ ба шаҳри Москва анҷом дод.

Моҳи августи соли 2007 боздиди расмии Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Убайдуллоев ба шаҳри Москва сурат гирифт, ки дар рафти он бо раиси шаҳри Москва ва Раиси Шӯрои Федератсияи Русия С.Миронов оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ инчунин ташкил ва гузаронидани Форуми дуюми байнипарлумони гуфтушунид анҷом дод.

Аз 17 то 20-уми сентябри соли 2007 форуми дуюми байнипарлумонии «Русия – Тоҷикистон: ҳамкории байниминтақавӣ» дар Москва ва Оренбург баргузор шуд. Ба сифати ташкилдиҳандагони форум Шӯрои Федеративӣ ва Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Феврали соли 2022 форуми навбатии байнипарлумонии «Тоҷикистон – Русия: ҳамкории байниминтақавӣ» дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Дар форум раиси Шурои федералии Русия В.М. Матвиенко иштирок намуд.

Инкишофи робитаҳои байнипарлумонӣ ба мустаҳкам кардани робитаҳои ҳамаҷонибаи байнидавлатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика самти дигари афзалиятноки ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Русия ба ҳисоб меравад. Татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ ба Тоҷикистон барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ аҳамияти калон дорад.

Мувофиқи Созишномаи имзошуда Русия тадбиқи лоиҳаҳои энергетикиро дар Тоҷикистон соли 2005 оғоз намуд. 15-уми апрели соли 2005 дар ҳузури сарвазири Тоҷикистон Оқил Оқилов ва раиси идораи РАО «ЕЭС Россия» А. Б. Чубайс корҳои сохтмони дар НБО Сангтӯда оғоз ёфтанд. Иқтидори он 670 МВт буда, истеҳсоли солонаи барқ 2,7 млрд КВт/соатро ташкил медод. Русия ба сохтмон дар ҳаҷми 200 млн доллар маблағгузорӣ намуд.

20-уми январи соли 2008 маросими ба истифода додани навбати аввалини Сангтӯда - 1 баргузор гардид. Дар маросими кушодашавӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, муовини сарвазири Русия Сергей Наришкин, раиси ширкати РАО «ЕЭС Россия» Анатолий Чубайс иштирок намуданд. То охири соли 2008 се агрегати НБО Сангтӯда – 1 ва соли 2009 истгоҳи барқӣ пурра ба истифода дода шуд.

Сохтмони НБО – Сангтӯда – 1 калонтарин лоиҳаи энергетикӣ дар ҳудуди ИДМ буда барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар такони ҷиддӣ хоҳад дод.

Дар моҳи июни соли 2006 дар вазъияти тантанавӣ намояндагии тиҷоратии Русия дар Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуд, ки вазифаи он мусоидат кардан ба инкишофи робитаҳои иқтисодии байни ду кишвар Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва мустаҳкам кардани робитаҳо байни ширкатҳои ин ду кишвар мебошад. Вазифаи дигари ин намояндагии тиҷоратӣ мустаҳкам кардани робитаҳо байни соҳибкорони ин ду кишвари ба ҳам дӯст ва ба онҳо додани машваратҳою расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ мебошад.

Русия имрӯз ба шарики боэтимоди тиҷоратии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ҳиссаи Русия дар савдои хориҷии ҷумҳурӣ 30 фоизро ташкил медиҳад. Гардиши мол миёни Тоҷикистон ва Русия дар соли 2020 беш аз 1 млрд.- ро ташкил додааст.

Дар солҳои охир муносибатҳо байни субъектҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоннок гардидааст. Робитаҳои мустақили иқтисодиву сиёсӣ бо зиёда аз 70 субъекти Федератсияи Русия амалӣ карда мешаванд. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳру вилоятҳои Москва,

Олтой, Ҷумҳурии Бошкордистон, вилоятҳои Оренбург, Омск, Астрахан, Иваново, Челябинск, Свердловск, Саратов ва дигарон хеле вусъат ёфтааст.

Дар байни самтҳои манфиатбахши ҳамкории дуҷониба байни субъектҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон самтҳои зеринро ба монанди таъсиси корхонаҳои муштарак бо сикли пурраи коркарди пахта ва ҳамчунин коркарди меваю сабзавотро қайд кард. Рушди туризм байни минтақаҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои ояндадори ҳамкории байниминтақавии байни ду кишвар маҳсуб меёбад.

Самти муҳими робитаҳои гуманитарӣ байни Тоҷикистон ва Русия соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳо мебошад. Ҳамкорӣ дар ин соҳа ба як силсила санадҳои ҳуқуқӣ ва Созишномаҳои байниҳукуматӣ асос ёфтааст, ки ба он дохил мешавад: Созишнома дар бораи ҳамкории илмӣ – техникӣ ( 25-уми майи 1993) дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг, илм, маориф, тандурустӣ, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ (19-уми сентябри 1995), Оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи илмӣ ва илмӣ – педагоги, кадрҳои илмӣ – педагогии дараҷаи олӣ (12-уми феврали 1997), Оид ба шароитҳои таъсис ва фаъолияти Донишгоҳи Русӣ – Тоҷикӣ (славянӣ) дар шаҳри Душанбе (10-уми июни 1997) ва ғайра. Аммо санади бунёдии барои рушди ҳамкориҳои соҳаи маориф Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии мутақобила байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия (25-уми майи 1993) ва Аҳднома дар бораи баҳамсозии иттиҳодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба асри XXI нигаронидашуда (16-уми апрели 1999) ба ҳисоб меравaнд. Аз ҷумла дар моддаи 11 Аҳдномаи соли 1999 омадааст, ки ҳар ду давлат барои наздик шудани системаи миллии маориф бо роҳи нигоҳ доштани фазои ягонаи таълимӣ ва интелектуалӣ аз ҷумла дар асоси барномаҳои муштараки омузонданӣ донишҷӯён ва муҳассилин, тайёр кардани мутахассисон, эътироф намудани баробарии ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумот ва додани унвонҳо ва дараҷаи илмӣ мусоидат менамоянд.[49]

Ҳамкориҳо дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг босуръат тараққӣ карда истодаанд. Дар тавсеаи ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ нақши намояндагии «Россотрудничества» хеле назаррас аст.

Таъсиси фонди «Русский мир» 24-уми октябри соли 2008 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни воқеаи сурурбахши ҳаёти илмиву фарҳангии ҷумҳурӣ мебошад. Дар маросими ифтитоҳи он Раиси шӯрои Федератсияи Русия С.М. Миронов ва директори Фонди «Русский мир» В.А. Никонов иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар суханрониҳо қайд гардид, ки робитаҳо байни Тоҷикистон ва Русия беш аз пеш, босуръат инкишоф ёфта, соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва гуманитариро фаро мегиранд. Майлонҳои инкишофёбандаи

муносибатҳои гуманитариро қайд карда, нотиқон ҷиҳати такмили асосҳои меъёрӣ – ҳуқуқии раванди муносибатҳои муҳоҷиратӣ меҳнатӣ изҳори ақида намуданд.

Яке аз саҳифаҳои дурахшони робитаҳои соҳаи маориф ифтитоҳи Донишгоҳи славянии Русия – Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе мебошад. Донишгоҳ соли 1996 дар ҳайати се факултет – табиатшиносӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ таъсис дода шуд. Донишгоҳи славянии Русия – Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ ба маркази бонуфузи таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ табдил ёфтааст, ки дар тӯли фаъолияти худ онро беш аз 20 ҳаз. ҷавонон хатм намудаанд.

Соли 2009 дар шаҳри Душанбе филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ҳайати ду факултет – информатика ва муносибатҳои байналхалқӣ таъсис дода шуд. Соли 2012 дар шаҳри Душанбе филиалҳои Донишкадаи энергетикии Москва ва Донишкадаи оҳан ва фулузоти Москва ифтитоҳ гардид. Таъсиси ин донишкадаҳо фазои таълимӣ ва илмии ҷумҳуриро вусъат бахшида дар тарбияи кадрҳои баландихтисос саҳми арзанда мегузоранд. Сафи донишҷӯёни тоҷик дар макотиби олии Русия сол то сол меафзояд. Дар панҷ соли охир беш аз 5 ҳазор донишҷӯёни тоҷик дар мактабҳои олии Русия ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Дар таҳкими муносибатҳои Тоҷикистон ва Русия нақши забони русӣ хеле муҳим аст. Дар ҷумҳурӣ мувофиқи сарқонун ба забони русӣ мақоми забони муоширати байни миллатҳо дода шуда, барои истифодаи васеи он шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст. 4-уми апрели 2003 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи беҳтар кардани омӯзиши забони русӣ содир гардид, ки ба боло бурдани мақоми забони русӣ равона карда шудааст. Дар мактабҳои миёна ва олии ҷумҳури гурӯҳҳои русӣ амал мекунанд, дар фазои иттилоотии кишвар матбуоту воситаҳои ахбори омма, радио ва телевизион ба забони русӣ барномаҳо нашр ва пахш менамоянд.

Ҳамкориҳои илмӣ байни муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи бомуваффақият идома дорад. Сафарҳои илмӣ ба кишварҳои якдигар, иштирок дар ҳамоишҳо ва конфронсҳои илмӣ, коркарди лоиҳаҳои муштаракӣ илмӣ, нашри асарҳои илмӣ, мубодилаи иттилооти илмӣ байни ду кишвар номгӯи нопурраи он тадбирҳо ва амалҳое мебошанд, ки дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои илмӣ олимон ва муассисаҳои илмии Тоҷикистон ва Русия анҷом медиҳанд.

Робитаҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Русия дар даврони навин бо ҳифзи анъанаҳои деринаи робитаҳои фарҳангӣ мазмун ва мундариҷаи нав ба худ касб намуданд.

Дар заминаи ин санадҳо дар солҳои аввали Истиқлолият робитаҳои фарҳангӣ рӯ ба инкишоф ниҳоданд. Моҳи октябри соли 1994 ҷамъияти фарҳангии «Тоҷикистон – Русия» таъсис ёфт, ки ба гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ, таъсиси ҷамъиятҳои фарҳангӣ, таблиғи дастовардҳои илмиву фарҳангӣ машғул мешуд.

Моҳи майи соли 1997 дар шаҳри Москва рӯзҳои фарҳанг ва санъати Тоҷикистон баргузор гардид. Июни соли 1997 дар шаҳри Душанбе ҳафтаи дӯстии Тоҷикистон ва Русия доир гардид. Дар ин чорабиниҳои фарҳангӣ ҳунармандони номдори рус Иосиф Кабзон, Валерий Шкарупа, Олег Газманов, Дмитрий Маликов, Лада Денс ва ғайраҳо иштирок ва ҳунарнамоӣ карданд.

Сафарҳои ҳунарӣ, гузаронидани рӯзҳо ва ҳафтаҳои фарҳангӣ, намоишу фестивалҳои мусиқи ва фарҳангӣ, таҷлили ҷашнҳо ва санаҳои таърихиву адабӣ, тадбирҳо ва чорабиниҳҳое буданд, ки мутақобилан дар кишварҳои ҳамдигар сурат мегирифт ва боиси таҳкиму густариши робитаҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Русия мегардид. Робитаҳои адабӣ байни ду мамлакат дар шакли нашру муарифии асарҳои адибон, баргузории ҷашнҳо, маҳфилҳо ва санаҳои таърихиву адабӣ ба вуқуъ мепайваст. Масалан соли 1999 дар як қатор донишкадаҳо ва муассисаҳои илмии Тоҷикистон 200 солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти классики рус А.С. Пушкин ботантана қайд карда шуд. Соли 2005 дар “Хонаи миллатҳо”- и шаҳри Москва шаби эҷодии нависандаи тоҷик Тимур Зулфиқоров баргузор гардид. Соли 2012 дар Москва 100-солагии шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода қайд карда шуд. Соли 1998 дар нашриётӣ «Статистика» - и шаҳри Москва маҷмӯаи ҳикояҳои нависандагони ҷавони тоҷик Б. Абдураҳмонов «Барфи аввал», Баҳманиёр «Баҳои ҳаёт» нашр гардиданд. Дар озмуни байналмилалии ИДМ, ки дар шаҳри Москва дар доираи ярмарка – намоишгоҳи «Санъати китоб» доир гардид. Асарҳои нависандагони тоҷик А. Ҳамдам, А. Чигрин «Озар аз Уструшана ё шамшери Спартак» сазоврои ҷоиза гардид. Робитаҳои адабӣ байни Тоҷикистон ва Русия рӯ ба инкишоф мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва низомии Тоҷикистон ва Русия ба манфиати ҳарду кишвар равона гардида, ҳадафи муҳими онҳо таъмини шароити мувофиқ баҳри бунёди давлатӣ мутарраққӣ ва пешрафта аст. Ба ақидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Русия шарики стратегӣ на танҳо дар чаҳорчӯбаи ИДМ балки дар миқёси байналмилалӣ буд ва ҳаст».

## АДАБИЁТ:

1. Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. – Душанбе, 1995.

2. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопастность.- М., 2000.

3. Назаров Т.Н., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе, 2006.

4. Саидов З. Таджикистан межгосударственные отношения в период становления внешней политики.- Душанбе, 2014.

5. Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. – Душанбе: «Авасто», 2006.

6. Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков.-Душанбе: «Контраст», 2011.

7. Сатторзода А., Султонов М. Парламентская дипломатия и внешняя политика Республики Таджикистан (2000-2010).- Душанбе: «Истеъдод», 2010.

8. Сатторзода А. Теоретические оспекты многовекторности во внешней политики / Таджикистан и современный мир.-2009.-С. 4-15

9. Россия – Таджикистан: горизонты сотрудничества /составили И.У.Саттаров, Н.И.Нурова/ - Душанбе, 2007.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба МО ҶТ / Ҷумҳурият: 23 апрели 2014.

## ТАДЖИКИСТАН И РОССИЯ: НА МАГИСТРАЛЯХ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПАРТНЕРСТВА

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**

д.и.н., профессор, главный научный сотрудник отдела Центральной Азии ИИПСАЕ НАНТ. Адрес 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: nmmirzoev@mail.ru Телефон:919160026.

*В этом году исполнилось 30 лет со дня устоновления дипломатических отношений между Республикой Таджикистаан и Российской Федерацией.*

*Российская Федерация является одним из важных стратегических партнеров Таджикистана, которая играет ключевую роль в обеспечении стабильности и экономическом развитии республики и региона. Россия была одной из первых стран, которая признала госсударственную независимость Республики Таджикистан и установила с нашей республикой дипломатические отношения. Взаимоотношение двух стран основывается на более чем 250 межправительственных соглашений, которые успешно действуют и дают свои плоды.*

*В статье освещается основные этапы становления и развития политико-экономических и научно-культурных взаимоотношений Таджикистана и России на современном этапе.*

***Ключевые слова:*** *взаимоотношение**,** партнер, стратегия, стабильность, экономика, политика, наука, культура, преоритеты, регион, мир.*

## TAJIKISTAN AND RUSSIA: ON THE HIGHWAYS OF STRATEGIC PARTNERSHIP

**MIRZOEV NIEZ MIRZOBADALOVICH**
doctor of historical sciences, Professor, chief researcher of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33.
E-mail:nmmirzoev@mail.ru Phone: 919160026.

*This year marks the 30th anniversary of the establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation.*

*The Russian Federation is one of the important strategic partners of Tajikistan, which plays a key role in ensuring stability and economic development of the republic and the region. Russia was one of the first countries that recognized the state independence of the Republic of Tajikistan and established diplomatic relations with our republic. The relationship between the two countries is based on more than 250 intergovernmental agreements that are successfully operating and bearing fruit.*

*The article highlights the main stages of the formation and development of political, economic, scientific and cultural relations between Tajikistan and Russia at the present stage.*

***Keywords: relationship,*** *relationship, partner, strategy, stability, economy, politics, science, culture, priorities, region, world.*

# СИЁСАТИ НАТО НИСБАТ БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГИИ ОН

**КАРИМОВ ШАМСИДДИН ТУРСУНМАТОВИЧ**
сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Америкои ИОМДОА АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ. Суроға: 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел.: 93 5701780, E-mail: shamskarimov14@gmail.com

*НАТО фаъолияти худро дар Осиёи Марказӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта тавассути барномаҳои махсус (“Ҳамкорӣ барои сулҳ”, “Илм барои сулҳ”, “Раванди банақшагирӣ ва таҳлил” ва ғайра) оғоз намуда, ба раванди ҳамгироиҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, таҳкими сулҳу амният, пешгирии муомулоти ғайриқонунии маводи мухаддир, таъмини волоияти қонун, баланд бардоштани сатҳи касбии ҳайати низомии минтақа ва сохторҳои низомии он ва ғайра мусоидат кардааст. Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба ин барномаҳо дар соли 1992 пайвастанд. Тоҷикистон бошад, ба сабаби ҳодисаҳои солҳои 90-ум ба ин барномаҳо соли 2002 ҳамроҳ шуд.*

*Стратегияи ворид намудани кишварҳои нав, аз ҷумла, давлатҳои Осиёи Марказӣ ба меҳвари созмони НАТО ва фаъолияти низомии он пас аз соли 1994 суръати бештар ба худ касб намуда, мазмуни нав гирифт. Маҳз дар ҳамин давра тасмим гирифта шуд, ки номи созмони САҲА тағйир ва доираи фаъолиятҳои НАТО васеътар карда шавад. Ин сиёсат дар ниҳояти кор боиси эҷоди стратегияи нави низоми амниятии НАТО гардид. Маҳз дар натиҷаи чунин сиёсат буд, ки дар миёнаҳои солҳои 2000-ум пояҳо ва заминаҳои стратегияи НАТО нисбат ба кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ поягузорӣ гардида, самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои асосии он муайян карда шуданд.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Марказӣ, НАТО, сиёсат, стратегия, ҳамкорӣ, ҳамгироӣ, амният.безопасность.*

Дар шароите, ки мавзӯи таъмини амнияти саросарӣ, мубориза бар зидди терроризм ва исломгароии тундрав дар асраи ҷаҳонӣ аҳамияти махсус касб мекард, НАТО тасмим гирифт, то бо истифода аз вазъи мувофиқ доираи фаъолиятҳо ва ҷуғрофиёи амалиёташро ҳарчи бештар вусъат бахшад. Албатта, бо назардошти мақоми махсуси геополитикии Осиёи Марказӣ ин минтақа дар маркази таваҷҷуҳи НАТО қарор гирифт. Аслан чунин амал давоми сиёсати ин созмон дар мавриди ҷой додани сохтор ва

нерӯҳои низомии худ дар қаламрави кишварҳои Аврупои шарқӣ ва ба ҳамин васила, таҳкими бештари нуфуз ва эътибори худ дар саросари ҷаҳон буд.

Консепсияи НАТО «Active Engagement, Modern Defence» (иштироки фаъол, мудофиаи муосир) [8], ки барои давраи то соли 2020 қабул шудааст, махсусан, аҳамияти рушди шарикӣ бо кишварҳои ду минтақаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим – Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказиро барои НАТО қайд карда, субот ва амнияти бардавом ва устувори Евроатлантикаро бо ин ду минтақа сахт алоқаманд мешуморад. Гузашта аз ин, ба гуфтаи як қатор муҳаққиқон, маҳз ҳамин ду самт дар системаи шарикии НАТО барои солҳои минбаъда самтҳои асосӣ боқӣ хоҳанд монд[2,33].

Стратегияи ҷалби кишварҳои нав, махсусан, давлатҳои тозабунёди пасошӯравӣ ба меҳвари созмони НАТО ва фаъолияти низомии он баъд аз соли 1994 суръат гирифт ва мазмуни тоза ба худ касб кард. Маҳз дар ҳамин давра тасмим гирифта шуд, ки созмони САҲА тағйири ном кунад ва доираи фаъолиятҳои НАТО густариш дода шавад. Чунин сиёсат дар ниҳояти кор ба он оварда расонд, ки стратегияи нави низоми таъмини амниятӣ, ки ба НАТО асос ёфта бошад, арзи вуҷуд намояд. Маҳз дар натиҷаи чунин сиёсат дар миёнаҳои солҳои 2000-ум дар маҷмуъ асосҳои стратегияи НАТО нисбат ба давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ гузошта шуда, афзалиятҳои асосӣ муайян карда шуданд, ки аз самтҳои зерин иборатанд:

- мусоидат ба кишварҳо дар гузарониданиислоҳоти мавриди назар дар соҳаи мудофиа;
- муқовимат ба таҳдидҳо ва чолишҳои нави амниятӣ;
- таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва табодули назар дар бахши иттилоот;
- баланд бардоштани қобилияти мутақобилаи қувваҳои мусаллаҳ, аз ҷумла, барои анҷоми амалиёти муштараки посдори сулҳ.

Дар айни замон дар доираи барномаи нави "Ҳамкорӣ барои сулҳ" чорабиниҳои муштарак ва ҳамкориҳои тозаи низомию сиёсӣ рӯи кор омаданд. Масалан, Қазоқистон ва Ӯзбекистон ба раванди банақшагирӣ ва баррасӣ (Planning and review process) ҳамроҳ шуданд, ки ба кишварҳои шарик имкони бо НАТО ҳамкории зичтарро барои беҳбуд бахшидан ба ҳамкории нерӯҳои худ бо нерӯҳои низомии НАТО ва таҳкими ниҳодҳо дар соҳаи дифоъ фароҳам сохт. Иштироки ин кишварҳо дар барономаи мазкур барои омода сохтани сохторҳои аоҳидаи низомию мудовиавии худ мутобиқ ба меъёрҳои муосири НАТО мусоидат намуд. Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи ҳамин барнома қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва баҳрии худро такмил дод ва баъдан баталони (гуруҳи махсуси ҳарбӣ) махсуси посдорони сулҳро таъси

дод (Казбат). Бояд гуфт, ки дар давраи солҳои 2003-2008 ин баталон дар миссияи посдорони сулҳ дар ҳайати нерӯҳои байналмилалӣ таҳти сарпарастии СММ бо мақсади ҳифзи амният ва субот дар Ироқ ширкат намуд. Минбаъд дар асоси баталони посдорони сулҳи Қазокистон бригадаи муҳофизони сулҳ — «Казбриг» ташкил гардид, ки он мувофиқи стандартҳои НАТО таҷҳизонида шуда, бахшҳои муҳандисию тиббии он мустаҳкам карда шуд.

Чанде баъд ба барномаи "Раванди банақшагирӣ ва таҳлил" Қирғизистон низ ҳамроҳ шуд. Ӯзбакистон бошад, баръакс, дар давраи бад шудани муносибатҳояш бо паймон пас аз ҳодисаҳои Андиҷони соли 2005 ширкаташро дар барномаҳои шарикии НАТО боз дошт ва онро танҳо дар соли 2010 аз нав барқарор кард. Ба тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои НАТО бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷалби онҳо дар «Консепсияи иқтидори амалиётӣ» (Operational Capabilities Concept), ки дар шакли муосир бо мақсади мусоидат ба кишварҳои шарик дар баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ бо қувваҳои мусаллаҳи НАТО таҳия шудааст, бояд бештар мусоидат мекард, чун барномаи мазкур дар назар дошт, ки кишварҳои шарик метавонанд, дар барномаҳои низомӣ ва машқу тамрини ҳарбии НАТО ширкат варзанд, аммо ба ин барнома танҳо Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамроҳ шуд [5,34].

Ҳамин тавр, системаи тадриҷан гузаштан ба ҳамкории серсоҳаи ҳарбию сиёсӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ барпо карда шуд. Бо назардошти бархӯрди инфиродии паймон ба кишварҳои минтақа, сатҳи ҷалби ҳар кадоми онҳо дар барномаҳои шарикии НАТО гуногун аст. Туркманистон ва Тоҷикистон дар барномаҳои шарикӣ камтар фаъолона иштирок мекунанд: бо назардошти принсипи «бетарафӣ», ки Туркманистон дар сиёсати хориҷии худ ба он риоя мекунад, ҳамкориҳои низомӣ бо НАТО қариб комилан маҳдуд аст; Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳои минтақа дертар ба “Шарикӣ барои сулҳ” шомил шуд ва омода нест, ки ҳамкориҳои низомию сиёсӣ бо ин паймон густариш ёбад. Ҳамзамон, ҳар ду кишвар дар фаъолиятҳое, ки аз ҷониби НАТО ба муқовимат ба таҳдидҳои амниятӣ дар минтақа нигаронида шудааст, хеле фаъолона иштирок мекунанд. Ногуфта намонад, ки Туркманистон ва Тоҷикистон дар курсҳои махсуси омӯзишии НАТО ва кишварҳои узви он оид ба усулҳои мубориза бо терроризм ва муомулоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҳамчунин масъалаҳои амнияти марзӣ ширкат мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки Қазоқистон дар муқоиса ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ бештар ва фаъолтар дар барномаҳо ва амалиёти НАТО

ширкат мекунад. Иштироки он дар машқҳои ҳарсолаи посдорони сулҳи «Уқоби даштӣ» (Steppe Eagle), ки дар якҷояги бо кишварҳои узви НАТО баргузор мегардад, тасдиқи ин гуфтаҳост. Қирғизистон ва Ӯзбакистон ба “Консепсияи тавонмандиҳои амалиётӣ”, “Нақшаи амалиёти шарикӣ алайҳи терроризм” алоқаманд нестанд ва ҳамчунин ба таҳияи “Нақшаи амали шарикии инфиродӣ” бо НАТО напайвастанд.

Бешубҳа, стратегияи НАТО дар минтақа боназардошти вазъи Афғонистон ва паёматҳои он на танҳо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки барои тамоми аъзои ин паймон тарҳрезӣ шудааст. Пеш аз ҳама, дар назар аст, имконоти васеи кишварҳои минтақа дар бобати таъмини пурсамари заруратҳои нерӯҳои низомии кишварҳои аъзои НАТО, ки дар Афғонистон мебошанд. Яъне, Осиёи Марказӣ ҳамчун транзит дар ҳалқаи бузурги таҳия ва анҷоми амалиёти низомии НАТО баррасӣ гардидааст. Маҳз ба ҳамин сабаб аст, ки дар ин давра доираи фаъолиятҳои НАТО бо кишварҳои Осиёи Марказӣ васеъ ва андозаи маблағгузориҳо ба маротиб зиёд буданд, ки бо хуруҷи НАТО ва ШМА аз Афғонистон ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Чунин ба назар мерасад, ки НАТО дар стратегияи худ оид ба Осиёи Марказӣ  аз бархӯрди минтақавӣ, яъне ташаккул ва такомули сиёсат дар доираи як минтақаи мушаххас даст кашидааст. Яке аз сабабҳои чунин тағйирот нокомии НАТО дар мавриди ташкил ва истифодаи сохтори низомиии минтақавӣ, аз қабили “СентрАзБат” мебошад, ки дар оғози фаърлиятҳои НАТО дар Осиёи Марказӣ дар доираи барномаҳои шарикӣ таҳия ва корбаст шуда буд. Аз тарафи дигар, дар нимаи дуюми солҳои 90 – ибтидои солҳои 2000-ум дар қаламрави кишварҳои пасошӯравӣ раванди сиёсию низомии пайвастшавӣ ва ташаккули иттиҳоди низомии кишварҳои мазкур ба таври ҷиддӣ сурат гирифт. Ба ҳамин сабаб НАТО таваҷҷуҳи худро на ба тамоми минтақа, балки ба кишварҳои алоҳидаи он, масалан, Қазоқистон, равона сохт.

Аз назари мо, НАТО, бо иттиҳоди низомии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ҳамкорӣ нахоҳад кард, агарчанде чунин пешниҳод чандин маротиба ҳанӯз дар оғози ташкили ин созмон аз тарафи Русия сурат гирифтааст. Мутаассифона, НАТО ин пешниҳодҳоро напазируфтааст, дар ҳоле ки нақш ва мақоми СААД дар доираи фаъолияти сиёсию низомии Созмони ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) дар бобати таъмини сулҳу суботи минтақа ба маротиб афзудааст. Аз назари коршиносони Ғарб, ҳамкории НАТО бо СААД дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки НАТО минтақаи Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи нуфуз ва зери назорати

Русия қабул дошта бошад[7,26-27]. Ба ҳамин сабаб, чуноне ки дар боло ишора рафт, НАТО сиёсати махсуси корбарии мушаххас бо кишварҳои алоҳидаи минтақаро рӯи кор гирифтааст. Чунин ҳолат кишварҳои минтақаро маҷбур месозад, то муносибатҳои худро бо ин ду созмон (НАТО ва СААД) равшан ва мушаххас созанд ва, аз тарафи дигар, сиёсатеро пеш гиранд, ки ба ҳамкориҳои мутаносибан муфид ва пурсамари НАТО ва СААД мусоидат намояд.

Биёед, ба мақом ва нақши кишварҳи минтақа дар доираи ҳамкориҳо бо НАТО як назар андозем:

ҚАЗОҚИСТОН. Қазоқистон аз фаъолтарин кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар бобати ҳамкориҳои шарикӣ бо НАТО мебошад. Аз як тараф, сабаби чунин фаъолият таваҷҷуҳи махсуси давлатҳои аъзои ИА ва НАТО ба ин кишвар бошад (масалан, ба сабаби захираҳои бузурги табиие, ки дорад), аз тарафи дигар, албатта, иродаи неки роҳбарияти сиёсии он дар бобати ба роҳ мондан ва рушду такомули равандҳои бозсозӣ ва ислоҳоти гуногунҷабҳа дар қаламрави ин кишвар мебошад. Дар ҳамин қарина Қазоқистон соли 2006 дар қатори чорабиниҳои дигари шарикӣ бо НАТО барномаи махсуси “Нақшаи инфиродии фаъолиятҳо оид ба шарикӣ”- ро таҳия ва мавриди истифода қарор дод. Моҳияти барномаи мазкур аз он ибооат аст, ки тибқи ин нақша роҳбарияти кишвар бояд дигар барномаҳояшро ҳамгиро созад, нақшаи ислоҳот ва дигаргунсозиҳоро омода созад, самтҳои афзалиятнок ва ролҳҳои беҳтар амалӣ сохтани онҳоро муайян намояд. Аз тарафи дигар, НАТО ва кишварҳои аъзои ИА бояд дар амалӣ сохтани нақшаҳои пешбинишуда мусоидат намоянд. Нақшаи мазкур барои ду сол пешбинӣ шуда, дар Қазоқистон он чандин маротиба таҳия гардидааст, ки аз пайгир ва алоқаманд будани ин кишвар барои ҳамкориҳои шарикӣ бо НАТО равшан гувоҳӣ медиҳад. Албатта, чунин ҳамкориҳои шарикӣ дар ниҳояти кор ба раванди ташаккул ва инкишофи устувори ҷомеаи Қазоқистон то андозае мусоидат кардааст, аммо, мутаассифона, аз тарафи дигар, дараҷаи тобеияти ин кишварро аз сиёстаи ИА ва НАТО ба маротиб афзудааст.

ҚИРҒИЗИСТОН. Ҷумҳурии Қирғизистон ҳам дар амалӣ сохтани барномаҳои шарикӣ бо НАТО фаъолона иштирок намудааст. Дар соли 2007 бошад, омода будани худро барои иштирок дар равандҳои банақшагирӣ ва таҳлил дар доираи барномаи махсуси НАТО изҳор дошт. Баъд аз ҳодисаҳои маъмули соли 2010 Ҳукумати Қирғизистон дубора омодагӣ ва алоқамандии хешро дар бобати ҳамкориҳои шарикӣ бо НАТО эълон кард ва дар раванди бозсозиҳо ва анҷоми ислоҳот дар соҳаҳои мухталифи сиёсию иҷдимоӣ ва

иқтисодию низомии кишвар ҳамкориҳоро бо НАТО васеъ ба роҳ андохт. Аз ҷумлаи чунин ҳамкориҳо амалӣ сохтани барномаи махсуси НАТО оид ба иҷтимоӣ сохтан, ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар бештар фаро гирифтани низомиёне мебошад, ки аз хизмати ҳарбӣ озод шудаанд. Бо кӯмак ва дастгирии маблағгузориҳои махсуси НАТО тармим ва ба низом овардани анбору беҳдошти аслиҳа ва захираҳои низомии Қирғизистон намунаи чунин ҳамкориҳои шарикист.

ТОҶИКИСТОН. Асоси муносибатҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои ИА ва НАТО сиёстаи “дарҳои боз” ва гуногунҷабҳаи роҳбарияти сиёсии кишвар ташкил медиҳад. Тоҷикистон ҳам дар қатори дигар давлатҳои тозабунёди минтақа баъд аз пош хӯрадни Иттиҳоди Шӯравӣ барои пайвастан бо ҷомеаи байналмаилалӣ аз роҳу равиш ва имконоти мухталиф истифода кардааст, аз як тараф, аз раванди ҳамгироии байналмилалӣ берун намонад ва аз тарафи дигар, бо истифода аз имконоти нав бештар ба ҳалли мушкилиҳои худ муваффақ гардад. Аслан ба сабаби нооромиҳои солҳои 90-ум Тоҷикистон дертар аз дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ин раванд пайваст (соли 2002), аммо тавонист дар як муддати кӯтоҳ доираи ҳамкориҳои шарикиро бо НАТО ба таври қобили мулоҳиза густариш диҳад. Ҳамкорӣ дар самти пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, мусоидат бо истифода аз технологияи муосир дар ҳолатҳои фавқулодда, баланд бардоштани сатҳи маърифати умумии шаҳрвандон дар бобати беҳдошти хуби зиндагӣ ва ҳолатҳои санитарӣ аз намунаи чунин ҳамкориҳоянд. Ҳамкорӣ дар бобати таъмини амнияти сарҳадҳои Тоқикистон ва истифодаи васеъ аз дипломатияи ҷамъиятӣ (нерӯи нарм) низ аз самтҳои афзалиятнок ба шумор мераванд

ТУРКМАНИСТОН. Дар Туркманистон бо сабабҳои маълум дараҷаи баланд ва фаъолонаи ҳамкориҳои шарикӣ бо НАТО ба назар намерасад. Чорабиниҳои алоҳида, ки аҳён-аҳён сурат гирифтаанд, асасан дар бахшҳои мухталифи соҳаи ҳаёти иҷтибоӣ буда, характери сиёсӣ ва ё низомӣ надоранд. Солҳои охир ба нисбати тавсеаи ҳамкориҳо бо кишварҳои минтақа ва кишварҳои аъзои ИА доираи равобит ва ҳамкориҳои шарикии Туркманистон бо НАТО низ то андозае васеъ гаштааст.

ӮЗБЕКИСТОН. Муносибатҳои Ӯзбекистон бо НАТО солҳои аввали ҳамкориҳои шарикӣ хеле фаъолона ва пурсамар буд. Баъдтар, махсусан, баъд аз ҳодисаҳои Андиҷон (соли 2005), дараҷаи ин муносибатҳо хеле коҳиш ёфт, чун кишварҳои аъзои паймони НАТО талаб намуданд, ки оид ба сабабҳо ва оқибатҳои ин ҳодиса тафтишоти махсуси мустақили байналмилалӣ гузаронида шавад. Ӯзбекистон чунин тарзи муносибатро

дахолат ба корҳои дохилии худ арзёбӣ намуд ва доираи фаъолиятҳояшро бо НАТО маҳдуд сохт. Дертар, баъд аз тағйироти сиёсии кишвар, Ӯзбекистон муносибаташро бо НАТО таҷдиди назар намуд ва ҳатто дафтари намояндагии махсуси НАТО дар Осиёи Марказиро дар Тошканд ҷой дод (ин намояндагӣ соли 2017 баста шуд). Ҳамкориҳо дар соҳаи ислоҳоти низомии кишвар, барномаҳои махсуси таълимию омӯзишӣ ва истифода аз дипломатияи мардумӣ аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои Ӯзбекистон бо НАТО маҳсуб мешаванд.

## АДАБИЁТ:

1. Агниашвили Т. На пути к более эффективному сотрудничеству? Роль государств в формировании взаимодействия и сотрудничества между НАТО и ЕС //*Connections: The Quarterly Journal*, № 4 (2016).- P. 75-100.

2. Акматалиева А.М. НАТО и государства Центрально-азиатского региона: перспективы сотрудничества // Сравнительная политика, 4 (10), 2012ю – С.32-35.

3. Акказиева Г.И. Политика НАТО в Центральной Азии: основные направления и приоритеты // Вестник КРСУ. 2016. Том 16. № 6. – С.112-115.

4. Антюхова Е.А. Основные направления публичной дипломатии НАТО в эпоху глобализации // Ученые записки Орловского государственного университета. Серия: Гуманитарные и социальные науки. 2016. № 3 (72). С. 21–27.

5. Бабаджанов А.Я. Формирование диалогового пространства “НАТО – постсоветские государства” / А.Я. Бабаджанов // Вестник МГИМО-Университета. 2009. № 3. С. 34.

6. Баранов А.Ю. Шанхайская организация сотрудничества и политика США в Центральной Азии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени канд. полит. наук. Москва. 2011. – 32с.

7. Никитина Ю.А. ОДКБ и НАТО: проблемы взаимодействия / Ю.А. Никитина // Вестник МГИМО-Университета. 2011. № 6. С. 26–27.

8. NATO’s Strategic Concept 2010: Active Engagement, Modern Defence https://www.nato.int/ nato_ static_fl2014/assets/pdf/pdf_publications/ 20120214_strategic-concept-2010-eng.pdf

# ПОЛИТИКА НАТО В ОТНОШЕНИИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ЕЕ СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ЦЕЛИ

**КАРИМОВ ШАМСИДДИН ТУРСУНМАТОВИЧ**

главный научный сотрудник отдела Европы и Америки ИИПСАЕ НАНТ, доктор политических наук. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.
Тел.: 93 5701780, E-mail: shamskarimov14@gmail.com

*Настоящая статья посвящена формированию и реализации политики НАТО в отношении республик Центральной Азии и ее стратегическим целям в регионе. Согласно автору, НАТО начала свою деятельность в Центральной Азии в начале 90-х годов прошлого века через специальные программы («Сотрудничество во имя мира», «Наука во имя мира», «Процесс планирования и анализа» и др.), способствуя процессу международной и региональной интеграции, укреплению мира и безопасности, предотвращению незаконного оборота наркотиков, обеспечению законности, повышению профессионального уровня военнослужащих региона и его военных структур и др. Казахстан, Кыргызстан, Туркменистан и Узбекистан присоединились к этим программам с 1992 года. Из-за событий 90-х годов Таджикистан присоединился к этим процессам в 2002 году.*

*Стратегия привлечения новых стран, включая государств Центральной Азии, к оси организации НАТО и ее военной деятельности ускорилась после 1994 г. и приобрела новый смысл. Именно в этот период было принято решение изменить название организации ОБСЕ и расширить сферу деятельности НАТО. Такая политика в конечном итоге привела к созданию новой стратегии системы безопасности на базе НАТО. Именно в результате такой политики в середине 2000-х годов были заложены основы стратегии НАТО в отношении стран мира, в том числе региона Центральной Азии, и определены основные приоритеты.*

***Ключевые слова**: Центральная Азия, НАТО, политика, стратегия, сотрудничество, интеграция, безопасность.*

## NATO POLICY TOWARDS CENTRAL ASIA AND ITS STRATEGIC GOALS

**KARIMOV SHAMSIDDIN TURSUNMATOVICH**
Chief Researcher, European and American Department of the ISPAEC NAST, Doctor of Political Sciences. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki avenue 33.
Tel.: 93 5701780, E-mail: shamskarimov14@gmail.com

*This article is devoted to the formation and implementation of NATO policy towards the Central Asian republics and its strategic goals in the region. According to the author, NATO began its activities in Central Asia in the early 90s of the last century through special programs ("Cooperation for Peace", "Science for Peace",*

*"Planning and Analysis Process", etc.), contributing to the process of international and regional integration, strengthening peace and security, preventing drug trafficking, ensuring the rule of law, raising the professional level of the military personnel of the region and its military structures, etc. Kazakhstan, Kyrgyzstan, Turkmenistan and Uzbekistan have joined these programs since 1992. Due to the events of the 90s, Tajikistan joined these processes in 2002.*

*The strategy of bringing new countries, including the states of Central Asia, into the axis of the NATO organization and its military activities accelerated after 1994 and took on a new meaning. It was during this period that the decision was made to change the name of the OSCE organization and expand the scope of NATO's activities. This policy eventually led to the creation of a new NATO-based security system strategy. It was as a result of such a policy that in the mid-2000s the foundations of NATO's strategy in relation to the countries of the world, including the Central Asian region, were laid, and the main priorities were determined.*

***Keywords**: Central Asia, NATO, politics, strategy, cooperation, integration, security.*

# АФҒОНИСТОН ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**
д.и.т., профессор, сарходими илмии ИОМДОА АМИТ.
Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Телефон: 919160026, E-mail: nmmirzoev@mail.ru.

*Дар мақола таърихи ташаккул ва таҳаввули робитаҳои Тоҷикистон ва Афгонистон дар марҳилаҳои гуногуни давраи навин баррасӣ гардидаанд. Муаллиф омилҳои асосии вусъати ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Афгонистонро таҳлил намуда, бо далелҳои эътимодбахш ҷойгоҳи Афгонистонро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян намудааст. Дар мақола нақши сарвари давлат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли қазияи Афгонистон ва ташаббусҳои Тоҷикистон дар мавриди ҳалли низои сиёсӣ ва ҳарбии ҳамсоякишвар баррасӣ гардидаанд. Президенти Тоҷикистон аз минбарҳои баланди Созмонҳои Милали Муттаҳид борҳо пешниҳод намуд, ки барои мубориза босамар бо терроризму экстремизм, бояд ҳама кишварҳои дунё дар як сангар қарор гирифта, бар зидди ин ҳаракатҳо ҷабҳаи умумӣ ва ягонаи байналмилалӣ таъсис дода шавад. Ҳамчунин, гурӯҳҳои террористӣ бояд аз манбаи даромади худ қочоқи маводи мухаддир маҳрум карда шаванд. Дар сурати амалҳои дастаҷамъонаи кишварҳои олам бо ин вабои аср метавон мубориза бурд ва ба муваффақият ноил гардид.*

***Калидвожаҳо***: *сиёсат, робита, созишнома, омил, марҳила, ташаккул, ҳамкорӣ, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, сафорат, вакил, фарҳанг, иқтисодиёт, терроризм, бозсозӣ, сулҳ, дӯстӣ, истиқлолият, муосир, ташаббус, ҳарбӣ, низоъ.*

Агар мо ба таърихи дуру наздики ду кишвар-Тоҷикистон ва Афғонистон назари иҷмолӣ андозем ба осонӣ метавон дарёфт, ки умумиятҳои этникӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, ҷуғрофӣ, этнологии байни ин халқҳо омили асосии ҳамзистӣ, баҳамсозӣ ва ҳамгироии онҳо будааст. Ва ҳамин омилҳо ин ду халқро дар тӯли асрҳо бо ҳам мепайваст ва кашиши узвие ба сӯи якдигар миёни онҳо ба мушоҳида мерасид.

Ҳанӯз дар сароғози қарни XX бо пирӯзии Инқилоби Октябр давлати тозабунёди шӯравӣ, ки ба ҳайати он тоҷикон низ шомил буданд, якчанд санадҳое қабул намуд, ки дар сарнавишти халқи афғон нақши ҳалкунанда бозиданд. Дар нахустин санадҳои Давлати Шӯравӣ “Декрет дар бораи сулҳ” 26-уми октябри соли 1917 ва муроҷиатнома «Ба ҳама меҳнаткашони

мусулмони Русия ва Шарқ» 20-уми ноябри соли 1917 усулҳои асосии сиёсати хориҷии давлати Шуравӣ нисбат ба кишварҳои Осиё-Афғонистон, Эрон, Туркия возеҳ баён ёфта, дар онҳо ҷанг ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ, мустамликадорӣ ва тасарруфи халқҳои дигар қотеъона маҳкум гардида, озодӣ ва истиқлолии халқҳо ташвиқ карда мешуд. Чунин иқдоми инсондӯстонаи Давлати Шӯравӣ халқҳои Осиёро ба ғулғула андохт ва онҳоро ба мубориза истиқлолиятхоҳӣ раҳнамун месохт. Наҳзати озодихоҳӣ Афғонистонро низ фаро гирифт ва феврали соли 1919 таҳти роҳбарии Амонуллохон Афғонистон истиқлолияти худро эълон намуд.

Аввалин давлати хориҷӣ, ки истиқлолияти Афғонистонро ба расмият шинохта, бо он робитаҳои дипломатӣ барқарор кард, давЛати Шӯравӣ буд. Моҳи майи соли 1919 сафири Афғонистон Муҳаммад Валихон озими Русия гардид ва роҳбари давлати шӯравӣ В.И.Ленин ӯро ба ҳузур пазируфта шодбош гуфт. Мутаносибан, ба Афғонистон намояндагони Русияи шӯравӣ аввал Бравин М.З. баъд Я.Суриц фиристода шуданд. Бозшинохти Афғонистон аз тарафи Давлати Шӯравӣ ба халқи афғон руҳу нерӯи тоза бахшид. Дар ин солҳо якчанд ватанпарастони афғон М.Баракатулло, Нисормуҳаммади Афғон, Абдураб Барқ барои аз наздик шинос шудан бо ватани инқилоби халқӣ Русия ба ин кишвар сафар намуданд. Баъдтар Нисормуҳаммади афғон дар пойдор шудани маорифи Тоҷикистон саҳми калон гузошт.

Бо ғалабаи инқилоби Бухоро 2-юми сентябри соли 1920 дар муносибатҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон низ марҳилаи нав оғоз ёфт. Ҳукумати Афғонистон Бухорои навинро ба расмият шинохта, муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда сафорати худро ба Бухоро бо сарварии Абдулҳодии Довӣ фиристод. Ҳукумати шӯравии Бухоро низ сафорати худро ба Афғонистон бо сарвари аввал Абдулло Раҳимхон баъдтар соли 1921 бо сарвари шоир Ҳошим Шоиқ фиристод. Ба ҳайати сафорати Бухоро шоири тоҷик Пайрав Сулаймонӣ низ дохил буд.

Таъсиси Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон дар соли 1924 ҳодисаи фараҳбахш дар густариши робитаҳои афғон-шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Халқҳои Афғонистон бунёди давлати худмухтори ҳамзабонро дар қаламрави Иттиҳодӣ Шӯравӣ бо хушнудӣ қабул намуданд, ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон низ ба Афғонистон чун кишвари ҳаммарзу ҳамзабон бо ҳусну таваҷҷуҳи хоса менигарист. Моҳи декабри соли 1926 съезди муассисони шӯроҳои Тоҷикистон аз номи халқи тоҷик ба унвони халқӣ афғон паём фиристод, ки дар он омадааст: «мо, ки кунун ба мамлакати худ соҳиб гаштаем халқи шуҳратманди афғонро табрик мегӯем, ва муборизаи фидокоронаи онҳо дар қалби мо ҳаяҷони бепоён ва эҳтироми бузург меоварад» [3.20].

Афғонистон аз аввалин кишваре буд, ки Русияи шӯравӣ бо он 28-уми феврали соли 1921 созишномаи дустӣ ва ҳамкорӣ ва соли 1926 шартномаи бетарафӣ ва ҳуҷумнакуниро имзо намуд, ки робитаҳои бисёрҷонибаро миёни ду ҳамсоякишвар таҳким бахшид.

Соли 1925 бо ташаббуси олимони рус В.В. Бартольд, М.С. Андреев, А.А. Семенов дар Москва анҷумани омӯзиши тоҷикон ва форсизабон таъсис ёфт, ки ба таҳқиқи забон, таърих, фарҳанги мардумони форсизабон машғул мешуд. Анҷуман дар як муддати кӯтоҳ шарқшиносони намоёни шӯравиро гирдиҳам оварда ба Тоҷикистон ва Афғонистон экспедитсияҳои илмӣ ташкил намуд. Аз ҷумла, Андреев, Рейснер, Вавилов, Лебедев ба Афғонистон фиристода шуданд. Дар асоси маводҳои ҷамъовардашуда М.С. Андреев асари машҳури худ «Мардумони водии Панҷшер», В. Вавилов «Афғонистони зироатӣ» Е. Рейснер «Афғонистони мустақил» ва ғ. таълиф ва тавассути ин анҷуман соли 1930 ба чоп расиданд. Чунин иқдоми некуҳамсоягӣ миёни ду ҳамсоякишвар дар садаи XX хеле зиёд буданд, ки онро аз саҳифаҳои таърих наметавон барчид.

Вуруди Артиши Шӯравӣ ба Афғонистон мисли бозсозии Горбачев иштибоҳи бузурги сарони вақти Давлати Шӯравӣ буд. Ин ду амал гарчанде дар ниҳоди худ ҳадафҳои нек доштанд, воқеаи аввали ҳадафи раҳоӣ намудани Афғонистон аз чанголи империализми хунхор, воқеаи дуввумин, бо нияти азнавсозӣ ва рушди такомули СССР пеш гирифта шуда буд. Аммо иштибоҳ дар усулҳо ва тарзи тадбиқи он нуҳуфта буд, ки ба фоҷиаи бузурги аср-фаноёбии Давлати Шӯравӣ ва заволи давлати яквақт босубот ва тараққиёбандаи Афғонистон гардид. Оташи ҷанге, ки ҳамон солҳо барафрухта шуд, то ҳол, яъне чил сол инҷониб аланга мезанад, ки бар асари он ҳазорҳо нафарҳо кушта, хонабардуш, садҳо шаҳру деҳот, корхонаҳо валангор гардида, кишвар ба лонаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша, мардумозор, иртиҷоӣ, террористӣ, ҷангҷӯӣ табдил ёфт.

Чунин ҳолати фоҷиабори Афғонистон Тоҷикистонро бетараф ва бетафовут гузошта наметавонист.

Бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон чун узви соҳибихтиёрӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои худро бо кишварҳои хориҷӣ дар асоси усулҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ ба роҳ монда, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худро эълон намуд. Барқарор ва рушди робитаҳо бо ҷумҳуриҳои минтақа ва кишварҳои ҳамзабон яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон эълон гардид, ки Афғонистон дар сафи он қарор дошт. Соли 1992 байни Тоҷикистон ва Афғонистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд ва нахустин сафари расмии намояндагони олимақоми Тоҷикистон бо сарварии Раиси Шӯрои олии вақти Тоҷикистон А.Искандаров моҳи июли

соли 1992 ба Афғонистон сурат гирифт. Аммо вусъати робитаҳо бо Афғонистон бар асари даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги бародаркуш, ки дар ин сол ҷумҳурии моро фаро гирифт боздошта шуд. Баръакс, марзи Тоҷикистону Афғонистон ба марзи хатарзо ва таҳдидҳои ҷангиён табдил ёфт. Ҳазорҳо нафар ҳамватанони мо кишварро тарк намуда, чун гурезаҳои иҷборӣ ба Афғонистон фирор намуданд.

Марҳилаи сифатан нави робитаҳо бо Афғонистон ва дар маҷмӯъ давлатсозӣ аз иҷлосияи XVI Шӯрои олӣ ва интихоби ҳукумати нави Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов оғоз ёфт. Ҳолати бӯҳронии Афғонистон, низои ҳарбӣ-сиёсии бардавом, таъсиси гурӯҳҳои иртиҷоӣ, қочоқи маводи мухаддир, яроқу аслиҳа ба вазъи сиёсии Тоҷикистон таъсиргузор буд. Аз ин рӯ, ҳукумати нави Тоҷикистон аз ибтидои фаъолияти худ кушиш ба харҷ медод, ки аввалан гурезагони тоҷикро пурра ба ватан баргардонад ва дар марзи ду кишвар суботу амният таъмин ва амалиётҳои сарҳадшиканиро дастаҷамъона бо ҳамдастии ҳукумати марказии Афғонистон пешгирӣ намояд. Бо ҳамин мақсад сарвари тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Афғонистон сафарҳои расмӣ анҷом дода, бо роҳбарони Афғонистон, аз ҷумла, бо президенти ин кишвар профессор Б.Раббонӣ мулоқот намуда, масъалаи мубрами дастёбӣ ба сулҳро мавриди муҳокима қарор медод. Аз ҷумла, вохӯриҳои соли 1993, 1995, 1996 роҳбарони ҳарду кишвар натиҷаҳои хуб дода, ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон, ки соли 1994 оғоз гардид, мусоидат намуд.

Дар баробари анҷом додани тадбирҳои дутарафаи байнидавлатӣ Президенти Тоҷикистон дар сатҳи баланд мушкилоти минтақаи Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Афғонистонро дар минбарҳои баланди ҷаҳонӣ масъалагузорӣ намуд, то ки таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин минтақаи оташангез ҷалб карда шавад.

Дар нахустин суханронии худ аз минбари баланди СММ 30-юми сентябри соли 1993 сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон вазъи Тоҷикистонро таҳлил намуда, воқеиёти Афғонистонро чунин шарҳ дод: «Мо қатъиян бовар дорем, ки дастгирии ҷидду ҷаҳди серзаҳмати роҳбарияти Афғонистон дар бобати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини мушаққатдидаи афғон нафақат ба манфиати ин мамлакат, балки ба манфиати тамоми сайёра мувофиқ мебуд. Замонҳое, буданд, ки баъзе давлатҳо барои ҷанги Афғонистон маблағҳои зиёд харҷ мекарданд. Ба фикрам вақти он расидааст, ки дар ин ҷо ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад. Афғонистони ноорому номуътадил на фақат ба Тоҷикистон хавф дорад» [1, 187]. Ташвишу изтиробе, ки аз марзҳои ҳамсоякишвар Афғонистон бармеомад, боиси нигаронии ҳукумат ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистон мегардид.

Ҳамин андешаро сарвари давлати тоҷикон бори дувум, сентябри соли 1994 дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба тарзи зайл баён намуданд: «Вазъияти ин мамлакат, ки ҷанги дохилӣ бар муносибитаҳои ҷамъиятӣ ғолиб омадааст, ҷомеаи ҷаҳонро бепарво гузошта наметавонад. Мунокишаи Афғонистон хавфи ба миён омадани воҳидҳои ҷузъии ҷуғрофиро пеш меорад, ки дар оянда заминаи терроризми байналхалқӣ ва худсарона паҳн гардидани аслиҳаю маводи нашъаовар шуда метавонад. Вазъияти сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон вазъияти як минтақаи бузургро мутташаниҷ мегардонад. Мо ҷомеаи ҷаҳонро даъват менамоем, ки проблемаи Афғонистонро ҷиддан мавриди муҳокима қарор диҳад. Бовар дорем, ки коҳиши шиддати вазъияти Афғонистон ба ҳалли проблемаҳои байни тоҷикон низ таъсири мусбат хоҳад расонд» [1.195].

Бори сеюм, сарвари давлат дар иҷлосияи панҷоҳуми Ассамблеяи Генералии СММ 24-уми октябри соли 1995 вазъи мутташаниҷи Афғонистонро таҳлил карда, чунин изҳор намуданд: «Тамоюлҳои торафт авҷгирандаи шиддати вазъ дар ин ҷо натанҳо амнияти кишвари моро ба хатар мувоҷеҳ месозад, балки дар онҳо раванди харобиовари бӯҳрони азиме ниҳон аст.

Мо ҷомеаи байналмилалиро даъват менамоем, ки ҳарчи зудтар ба барқарории сулҳ дар ин сарзамини ҷафокашида мусоидат кунанд. Ҳаллу фасли бӯҳрони Афғонистон на фақат иштироки фаъолонаи кишварҳои минтақа, балки амали самарабахши Созмони Милали Муттаҳидро тақозо мекунад.

Проблемаҳои рушди иқтисодии давлатҳои навтаъсиси аъзои СММ бо масоили амнияти ҳамагонӣ вобастагии амиқ дорад» [1.202].

Талошҳои пайгиронаи худро нисбат ба қазияи Афғонистон Президенти Тоҷикистон идома дода, соли 1998 дар иҷлосияи Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод намуданд, ки дар атрофи Афғонистон бо мақсади пешгирии қочоқи маводи мухадир ва саркубсозии терроризми трансмиллӣ «камари амният» ташкил карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо дар мавриди қазияи Афғонистон дар он мавқеъ буданд, ки «бухрони Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва онро фақат бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ, бунёди ҳукумати фарогири сиёсӣ ва миллӣ бартараф кардан мумкин аст». Ин нуқтаро ӯ дар силсиламулоқотҳои худ бо ҷонишини сарвазири шӯрои давлатии Чин Зи Чен 7-уми июни соли 1999, бо сафири Чин дар Тоҷикистон Фу Тсюан Чжан, 3-юми августи соли 1999, вазири корҳои хориҷии Эрон Камол Ҳаррозӣ 15-уми сентябри соли 1999, дабири кули СММ Кофи Анан 1-уми октябри 1999, намояндаи вижаи СММ оид ба Афғонистон Франсес

Вендрел 8-уми феврали 2000, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сзян Земин 4-уми июли 2000 ва ғ. такрор ба такрор таъкид намудаанд.

Аммо, то воқеаҳои фоҷиабори 11сентябри соли 2001 сарони кишвархои дунё, созмонҳои муътабари ҷаҳонӣ ба изтироб ва ҳушдорҳои роҳбари Тоҷикистон аҳамият намедоданд ва фикр мекарданд, ки ин воқеаҳо дар кишвари дурдасти шарқӣ рух медиҳад ва ба онҳо дахл надорад. Баъди фоҷиаҳои Ню Йорк масъала ранги дигар гирифт ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қадри пешниҳодҳо ва ҳушдорҳои роҳбари сиёсии Тоҷикистон расида ба ӯ аҳсан хонданд.

Тоҷикистон аз ҷумлаи аввалин давлатҳое буд, ки ба иттиҳоди байналмилалии зидди террористӣ пайваст ва ба мардуми ҷабрдидаи афғон дасти ёрӣ дароз намуд ва ҳудуди майдони ҳавоии худро ба ихтиёри неруҳои байналмилалии зидди террористӣ гузошт. Ба мавқеи Тоҷикистон нисбат ба ҳодисаҳои Афғонистон дипломати норвегӣ дар САҲА чунин баҳо додаст: «Ҳанӯз маълум нест, ки ба ки ҳамроҳ шудааст Тоҷикистон ба коалитсия ё ин, ки коалитсия ба Тоҷикистон, чунки Тоҷикистон бо терроризм ва ҳама хатарҳое, ки аз Афғонистон бармеомад, зиёда аз 7 сол инҷониб мубориза мебарад. Гумони ғолиб он аст, ки мо ба тоҷикон ҳамроҳ шудем». Маҳз бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон баробари оғози амалиёти зидди террористӣ дар Афғонистон вохуриҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Афғонистон ва Тоҷикистону Руссия ва сеҷонибаи Тоҷикистону Руссия ва Эрон 22 октябри соли 2001 баргузор гардиданд. Ва ӯ як нуқтаи умдаро таъкид дошт, ки бо анҷоми амалиёти зидди террористӣ қазияи Афғонистон ба анҷом нахоҳад расид. Барои он, ки қазияи Афғонистон бомуваффақият ба анҷом расад, бояд ҳукумати фарогири миллӣ таъсис ёбад, ки намояндагони тамоми қавму миллатҳои кишвар ба он шомил бошанд. Зеро низоъ дар Афғонистон дар ибтидо асосан хусусияти байни қавмӣ ва байнимиллӣ дошт, баъдан хусусияти сиёсӣ ё мазҳабӣ. Аз ин сабаб ҳангоми ҳалли қазияи Афғонистон бояд манфиати воқеии ҳамаи қавму милатҳои он ба эътибор гирифта шавад. Роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирона кӯшиш мекарданд, ки низоъ дар кишвари ҳамсоя ба пуррагӣ рафъ гардад ва иқтисоди харобгаштаи он барқарор шавад. Бо ҳамин мақсад собиқ вазири корҳои хориҷӣ Т.Назаров дар кори конференсияи Бонн оид ба бозсозии баъдиҷангии Афғонистон сентябри соли 2002, конференсияи вазирони корҳои хориҷии ҳамсоякишварҳои Афғонистон декабри соли 2002 ва конференсия оид ба рушди Афғонистон дар Кобул апрели соли 2005 иштирок намуд. Маҳз, бо ташаббуси Тоҷикистон Афғонистон ба созмонҳои минтақавӣ ба мисли Созмони шартномаи амнияти дастаҷамъӣ (ОДКБ), Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун узви нозир дохил карда шуданд. Ҷалби Афғонистон ба САҲА (ОБСЕ) низ аз ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аст, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Тоҷикистон ягона кишваре буд, ки дар тули ин солҳо мавқеашро нисбати толибон дигар накард. Дар ҳолате, ки баъзе кишварҳои аъзои ОДКБ ҳатто наметавонистанд, ки мавқеашонро нисбати воқеаҳои Афғонистон ба ҳам як гардонанд. Ва ҳатто баъзе аз кишварҳои ОДКБ бо режими толибон робитаҳои иқтисодӣ ва ғ. баста, омода буданд, ки режими мазкурро ба расмият шиносанд. 24-уми январи соли 2002 сардори идораи муваққатии Афғонистон, баъдан президент Ҳомид Карзай ҳангоми сафари корӣ ба Тоҷикистон бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вохӯрда мавқеи устувор ва усулии ӯро дар масъалаи Афғонистон таъкид намуда, изҳори сипос намуд. Се роҳбарон ва сиёсатмадорони олимақоми Франсия ва Америка низ мавқеи Тоҷикистонро дар мубориза бо терроризм махсус қайд намуда буданд. Жак Ширак Президенти собиқи Франсия фармудааст: «мардуми Франсия ҳеҷ гоҳ мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба фарҳанги ғанӣ ва бузурги маънавии халқи тоҷик такя мекунад, фаромӯш нахоҳад кард» [9].

Ален Ришар вазири дифои Франсия гуфтааст: «Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавқеи дурбинона ва ҷасурона зоҳир намуд, ӯ аввалин шуда дар бораи хатаре, ки дар ин қитъаи ҷаҳон ҷой дошт изҳори ташвиш намуд» [2]. Ҷозеф Либерман раиси кумитаи сенати Амрико таъкид намудааст, ки «сардори давлати Тоҷикистон пештар аз роҳбарони бисёр давлатҳои ҷаҳон хатари режими толибонро барои минтақа ва ҷаҳон дарк намуд ва ба онҳо баҳои дуруст дод, ва вобаста ба ин масъала чандин дафъа аз минбарони баланди ҷаҳонӣ изҳори нигаронӣ кард» [6].

Дар баробари баррасии масъалаҳои сиёсии Афғонистон Тоҷикистон пайваста мекушид, ки дар эҳёи ҳаёти иқтисодии ин кишвар саҳм гирад. Рушди иқтисод, саноат, кишоварзӣ, маорифи Афғонистон ва ғ. омили асосии пешравии кишвар ва ба ҳаёти осоишта баргаштани аҳолии мамлакат мебошад. Бо ташаббуси Тоҷикистон соли 2008 созишнома оид ба сохтмони хати интиқоли барқ (ЛЭП) таҳти унвони «CASA-1000» имзо гардид, ки мувофиқи он нерӯи барқ аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистону Покистон интиқол дода мешавад. Соли 2014 сохтмони он оғоз ёфт. Барои бозҳам наздик кардан ин ду ҳамсоякишвар бо пешниҳоди Тоҷикистон ва фонди Оғохон барои ривоҷи савдову тиҷорат соли 2002 сохтмони пулҳо оғоз ёфтанд, ки минтақаи Бадахшон ва Панҷи поёнии Тоҷикистонро бо вилоятҳои шимоли Афғонистон мепайванданд. Ҳамчунин байни кишварҳо сохтмони роҳи оҳан дар назар аст. Чунин иншоотҳо барои ҳарду кишвар манфиатоваранд. Барои Тоҷикистон ин воситаи муассири баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ва расидан ба баҳрҳои гарм аст.

Дар ин росто, Тоҷикистон моҳи марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе конференсияи панҷуми ҳамкории минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон

RECA-5 доир намуд, ки дар он намояндагони 40 давлат, ва 30 созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ иштирок намуданд. Дар ин конференсияи сатҳи баланд масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ баҳри эҳёи иқтисодиёти Афғонистон муҳокима гардиданд. Яке аз самтҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика мебошад. Ҳамасола тибқи қарордод дар фасли тобистон аз Тоҷикистон ба Афғонистон барои эҳтиёҷоти он ҳамсоякишвар дар ҳаҷми аз 900млн.кВ. соат то 1,1млрд. кВ. соат неруи барқ интиқол дода мешавад.

Моҳи августи соли 2021 дар таърихи фоҷеабори ҳамсоякишвар-Афғонистон боз як саҳифаи тираву хунин боз гардид. Баъди 20 соли будубош неруҳои ҳарбии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Афғонистонро тарк намуд. 30 августи соли 2022 охирон тайёраи ҳарбии ИМА бо генерал Крис Донахю-фармондеҳи қисми ҳарбии ҳавоии ИМА дар Кобул ва Росс Уилсон-сафири ИМА дар Афғонистон Кобулро тарк намуданд. Лаҳзаҳои охирини хуруҷи амрикоиҳо аз Афғонистон тариқи шабакаҳои иттилоотии дунё расонаи гардид. Чунин бенизомиву харҷу мараҷро дар фурудгоҳи байналмилалии Қобул таърих кам дар ёд дорад. Қудратмандтарин кишвари дунё-ИМА шармандавор Афғонистонро тарк намуданд. Бо тарки Афғонистон ИМА яроқу аслиҳа ва маводи зиёди ҷангиро ба маблағи 80 млрд доллар ба ихтиёри толибон гузоштанд. Чунин амалро ягон кишвари дунё дар муқобили рақиби худ анҷом надода буд. Толибон бемуқобилият вориди пойтахти мамлакат шаҳри Кобул шуда, ҳукумати худро таъсис доданд, ки асосан аз намояндагони толибони пуштунтабор иборат аст.

Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои олам ҳукумати толибонро этироф накард ва тақозои онро намуд, ки дар Афғонистон ҳукумати фарогири миллӣ (инклюзивӣ) таъсис дода шавад.

16-17-уми сентябри соли 2021 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай ва СААД баргузор гардид. Дар ин нишаст қазияи Афғонистон мавриди гуфтугузори иштиркдорон қарор гирифт. Дар ҷаласаи мазкур пешниҳоди Тоҷикистон дар мавриди таъсиси ҳукумати умумимиллӣ дастгирӣ ёфт ва таъкид гардид, ки фақат дар сурати ташкили ҳукумати фарогири миллӣ ва риояи гуногунии сиёсӣ, қавмӣ, забонӣ ва эътирофи гендерӣ мушкилоти Афғонистон ҳалли худро хоҳад ёфт. Чунин андешаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ борҳо иброз намуда буд, ки аз ҷониби кишварҳои олам ҷонибдорӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, сабабҳои афзалият пайдо кардани Афғонистон дар меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар он аст, ки аввалан Афғонистон бо

мо ҳамсоякишвар аст, дуввум умумиятҳои зиёд моро ба ҳам мепайвандад, сеюм дар Афғонистон беш аз 15 млн тоҷикон умр ба сар мебаранд ва ниҳоят ҳамаи хатарҳои сиёсӣ, ки ба амнияти Тоҷикистон метавонад таъсиргузор бошад монанди терроризм, ифротгароии динӣ, интиқоли маводи мухаддир аз Афғонистон сарчашма мегирад. Ниҳоят таҷрибаи нодири сулҳофарии тоҷикон метавонад барои Афғонистон судманд ва мавриди истифода қарор гирад.

## АДАБИЁТ:


1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Монография/ Э.Ш. Раҳмонов–Душанбе: Ирфон,1995. –205с.
2. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. Монография/ З. Саидов –Душанбе: Авасто, 2010. –320с.
3. Бобохонов М.Б. История таджиков мира. Монография/ М.Б. Бобохонов–Душанбе: Ирфон, 2012. –290с.
4. Мирзоев Н.М. Робитаҳои Тоҷикистон ва Афғонистон. Монография/ Н.М Мирзоев. –Душанбе: Сино, 1997. –104с.
5. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография/ Т. Назаров, А. Сатторзода– Душанбе: Ирфон, 2006. –224с.
6. Саидов З. Внешняя политикаТаджикистана в период его становления как суверенного независимого государства. Монография/ З. Саидов– Душанбе: ООО «Контраст», 2010. – 446с.
7. Назриев Д., Сатторов И. Республика Таджикистан: история независимости. Монография/ Д. Назриев, И. Сатторов – Душанбе: Ирфон, 2005. – 342с.
8. Саидзода З.Ш. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004). Монография/ З.Ш. Саидзода–Душанбе: Авасто, 2009. – 418с.
9. Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. Монография/ З.Ш.Саидов–Душанбе: ООО «Контраст», 2011. – 624с.
10. Шарифзода А. Қосимӣ З. Эмомалӣ Раҳмон: оғози марҳилаи нав. (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2007)- китоби 7. Нашри дуюм. Монографии/ А.Шарифзода З.Қосимӣ Душанбе: Ирфон, 2011. – 372с.


# АФГАНИСТАН ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**

д.и.н., профессор, главный научный сотрудник отдела Центральной Азии ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: 919160026. E-mail: nmmirzoev@mail.ru

*В статье рассматривается история становления и развития взаимоотношений Таджикистана и Афганистана. Автор исследует основные факторы взаимодействия двух соседних стран. На основе достоверных фактов рассматривает место Афганистана во внешней политики Таджикистана. В статье анализируется роль Президента Таджикистана в решении военно-политической ситуации Афганистана, особо выделяется его миротворческие инициативы по этой проблеме на международном уровне. Президент Таджикистана неоднократно выступая на высоких трибунах Организаций Объедененных Наций решительно осудил терроризм и экстремизм, призвал организовать единый международный фронт против этих современных вызовов и угроз. Для того, чтобы борьба против этих зол была эффективной, следует лишать террористов от их финансовых источников, любым способом пресекать контрабанду наркотиков. Только тогда можно добиться успеха, когда все страны будут выступать единым фронтом против этих зол.*

***Ключевые слова**: политика, отношения, соглошения, факторы, этапы, развитие, сотрудничество, внешняя политика, дипломатия, посольство, представитель, культура, экономика, терроризм, перестройка, мир, дружба, независимость, современность, инициатива, военный, конфликт.*

## AFGHANISTAN IN THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**MIRZOEV NIEZ MIRZOBADALOVICH**

doctor of historical sciences, Professor, chief researcher of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Phone: 919160026. E-mail: nmmirzoev@mail.ru

*The article discusses the history of the formation and development of relations between Tajikistan and Afghanistan. The author examines the main factors of interaction between the two neighboring countries. On the basis of reliable facts examines the place of Afghanistan in the foreign policy of Tajikistan. The article analyzes the role of the President of Tajikistan in solving the military-political situation in Afghanistan, and highlights his peacekeeping initiatives on this issue at the international level. Afghanistan is one of the foreign countries that recognized the state independence of the Republic of. The President of Tajikistan, speaking*

*repeatedly at the high stands of United Nations organizations, has decidedly condemned terrorism and extremism, called for the organization of a United international front against these modern challenges and threats. In order to combat these evils effectively, terrorists should be deprived of their financial sources, and drug smuggling should be stopped in any way. Only then can success be achieved when all countries are United against these evils.*

***Key words:*** *politics, relations, Conciliations, factors, stages, development, cooperation, foreign policy, diplomacy, Embassy, representative, culture, economy, terrorism, perestroika, peace, friendship, independence, modernity, initiative, military, conflict.*

# ДУНЯВИЯТ - МОДЕЛИ МУВАФФАҚИ ДАВЛАТДОРӢ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи Осиёи Марказии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33. E-mail: dsafargul@mail.ru

*Мақола ба таҳқиқ ва омӯзиши дунявият ҳамчун модели муваффақи давлатдорӣ бахшида шудааст. Қайд гардидааст, ки дунявият низомест, ки дар он фаъолиятҳои сиёсӣ ва динӣ аз ҳам ҷудо амал мекунанд, яъне ниҳодҳои сиёсию динӣ аз ҳам ҷудо амал мекунанд. Дар ин низом қонунгузорӣ дар чорчӯбаи зарурриятҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда шуда, асли ҷудоии ҳукумату дин дар қонуни асосии бисёре аз кишварҳои демократӣ сабт гардидааст. Нақши низоми дунявӣ ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа дар ҷаҳони имрӯз нишон дода шудааст. Дигар ин ки, дунявият ҳамчун неруи ақлу хирад, дониш ва дастовардҳои илмӣ דониста шудааст. Тибқи он бояд ҳар мушкили сиёсию иҷтимоӣ дар доираи илмӣ муайян ва мавриди баррасӣ қарор бигирад.*

***Калидвожаҳо:*** *Дунявият, демократия, давлат, дин, миллат, ҷомеа, фарҳанг.*

Модели дунявият бибуни дин вуҷуд дошта наметавонад, он дар ҷаҳони муосир модели муваффақи давлатдорӣ мебошад. Ба ибораи дигар, дунявият ҳамчун ҳаракати иҷтимоӣ буда, масъалаҳои имрӯзи дунёӣ таввҷҷуҳ дода мешавад. Ҷои дигар, дунявӣ будан чунин маъно дорад, ки манбаи қудрат халқ аст, яъне халқ дар марказ аст ва давлати дунявӣ омили суботи амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Шарҳи мафҳуми дунявият бар он асос меёбад, ки тибқи он ҳукумат ва дигар сарчашмаҳои волоияти қонун бояд аз ҳар як намуди дин ҷудо бошанд. Аз як тараф, дунявият метавонад маънои озодӣ аз қонунҳо ва таълимоти динӣ ва набудани маҷбурӣ ба эътиқоди диниро аз ҷониби давлат ва ҷомеа дошта бошад, ки бояд дар масъалаҳои дин бетараф бошанд. Аз тарафи дигар, дунявият метавонад мафҳумеро дар назар дошта бошад, ки фаъолияти одамон, бахусус, фаъолияти сиёсӣ, бояд ба далелҳо ва исботҳо асос ёфта, аз дахолати динӣ бетараф бошанд.

Асосан, дунявият ё ба истилоҳ, «секуляризм» (аз калимаи лотинии saecularis ба маънои дунявият) бо чанд маъно ифода меёбад:

- бадалшавии моликияти ибодатгоҳҳои динӣ ба дунявӣ;
- мусодираи амволи муассисаҳои динӣ ва интиқоли онҳо ба ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- аз доираи фаъолияти ҷамъиятӣ ва зеҳнӣ озод намудани таъсири дин [1, с. 2].

Яъне, дунявият ва ё ҷудоии дину сиёсат яке аз аслҳои ҷомеаи демократӣ ба ҳисоб меравад ва ин ҳар ду ба ҳам робитаи бисёр наздикеро доранд. Дар ҷомеаҳои демократии ҷаҳон бо таваҷҷуҳ ба ҳокимияти тамоми мардум ва ҳукумати ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ асли дунявият, ё ҷудоии ҳукумату дин сабаби пайдоиши арҷгузорӣ ба ҳама навъи боварҳо, мазҳабҳо ва андешаю ақидаҳое мегардад, ки онҳо таъминкунандаи озодии динӣ ва мазҳабӣ баромад менамояд.

Хусусияти асосӣ ва фарққунандаи дунявият мақоми муайянкунанда ва бартарият доштани арзишҳои дунявӣ нисбат ба арзишҳои динист, ки дар раванди фаъолияти ҳаётии одамон ба зуҳур мерасад. Мавқеи дунявият хусусияти зиддидинӣ надошта, дар он мақоми аввалиндараҷа на ба арзишҳои динӣ, балки ба арзишҳои дунявӣ дода мешавад [3].

Одамон дар ҳама гуна ҷомеа ахлоқ доранд, ҳатто агар одамон ба худоҳои гуногун эътиқод дошта бошанд ё ба ҳеҷ чиз бовар надошта бошанд ҳам. Ахлоқ маънои “риоя кардани фармудаҳои илоҳӣ” – ро надорад. Ин маънои “кам кардани ранҷу азоб” - ро дорад. Аз ин рӯ, барои рафтори ахлоқӣ ба ягон асотир, афсона ё устура бовар кардан лозим нест. Шумо танҳо бояд ҳассосиятро нисбат ба ранҷу азоб инкишоф диҳед. Агар шумо дарк намоед, ки амалҳоятон боиси ранҷу азобҳои нолозим ба худатон ва ё ба дигарон мешаванд, пас табиатан кӯшиш кунед, то аз онҳо худдорӣ намоед [7].

Айни замон бо тақозои маҷрои беҳудудӣ ҷаҳонишавӣ ва густариш ёфтани он, раванди баҳампайвандиву вобастагии мутақобилаи давлатҳову кишварҳо, миллатҳову тамаддунҳои мухталиф дар ҳоли густариш мебошанд. Дастовардҳои умумибашарӣ, меъёри ҷомеаи демократӣ ва арзишҳои асили миллӣ вусъат ёфта истодаанд. Миллатҳои хурду бузург доираи фарҳангу тамаддуни хешро аз ҳисоби ба ҳамдигар наздик гардондани тамаддунҳои ҳамҷавор тавсеа мебахшанд. Давлатҳои тозаистиқлол бошанд, аз фишори низомҳои сиёсӣ барканор гардида, дар талоши таҳкими истиқлолият, тақвият бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ёфтани мақому манзалати ба худ муносиб дар ҷомеаи муосир мебошанд.[6, с.9]

Имрӯз вазифаи муқаддаси мо зиёиёни кишвар, олимону пажӯҳишгарон, тарбиятдиҳандагон, таълимдиҳандагон ва волидайн дар назди Ватан - модар ин аст, ки бо кирдор ва рафтору гуфтор, бо тамоми азму иродаи худ ҷаҳду талош намуда, нозукиҳои фарҳанги асили миллиамонро бо тамоми назокаташ ба насли ҷавону ояндасоз ба мерос гузорем.

Ҳамзамон, ҷараёни бошиддати ҷаҳонишавӣ олами моро тағйир медиҳад, яъне, тамаддун, фарҳанг, анъана, урфу одат, дину мазҳаб ва суннатҳои анъанавиро то андоза заиф сохта, ҳатто хатари тамоман аз байн рафтани ин

арзишҳои миллиро ба миён меорад. Ин омил метавонад, боиси бегонагӣ ва ҷудоӣ аз раванди ягонагӣ, ҳамгироӣ, ҳамзистӣ ва таҳаммулпазирӣ гардад.

Дигар зарурати дунявият дар он ифода меёбад, ки нерӯи пешбарандаи ҷомеаҳо дар ҷаҳони имрӯз ақлу хирад, дониш ва дастовардҳои илмӣ дониста мешавад. Тибқи он бояд ҳар мушкили сиёсию иҷтимоӣ дар доираи илмӣ мавриди баррасӣ қарор бигирад. Аз тарафи дигар, дар ҷаҳони имрӯз чун идораи иҷтимоӣ ва низоми идоракунӣ дар бештари аз кишварҳои ҷаҳон, низоми демократӣ аст, яке аз воситаҳои асосии таъмини демократия ва озодиҳои инсон ин ҷудоии навъи идораи сиёсӣ аз бовару мазҳаб ҳисобида мешавад [5].

Миллати тоҷик соҳиби ойину суннатҳои бостонӣ ва фарҳанги қадима буда, дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми сазовор гузоштааст. Суннату ойинҳои нек ва ҷашнҳои миллии мо, мисли Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон дар тӯли таърих барои тарғиби ахлоқу маънавиёти созанда хидмат кардаанд. Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо таъриху маданият ва фарҳанги қадимаи бою ғанӣ дорад, алалхусус, осорҳои хаттию илмӣ, санъат, меъморӣ, шаҳрсозӣ, анъанаҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо шаҳодати ин гуфтаҳост. Дар тӯли ҳазорсолаҳо аҷдодони бихраду дурандеши мо урфу одати миллии худро ҳифз ва нигоҳ доштаанд, ки он бо мурури замон ба ҳазорон монеаҳо дучор гардида, ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли шифоҳӣ ба мо мерос мондааст, ки дар навбати худ аз арзишҳои асили миллиамон маҳсуб меёбанд [2].

Бояд иброз намуд, ки дар низоми дунявӣ бархе аз ҷавонону ҷавондухтарон ва ҳатто калонсолон ба тақлидкорӣ ва зоҳирпарастӣ рӯ меоранд, ки ин аз иродаи қавӣ надоштани онҳо ва дур буданашон аз маърифати динӣ ва дунявӣ дарак медиҳад. Дар ин маврид устоди дақиқназар, Мавлонои бузург Ҷалолиддин Балхӣ, ки донандаи беҳтарин расму русум ва анъаноти таърихии миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад, муқобили ҳамагуна рафтору урфу одати зарарнок пайгирона мубориза бурда, тақлиди ноогоҳонаю кӯр-кӯронаро хеле нишонрас мазаммат кардааст:

Халқро тақлидашон барбод дод,
Эй дусад лаънат бар-он тақлид бод.

Мусаллам, аст, ки тоҷикон дар тӯли таърих ба як қатор дастовардҳои моддию маънавӣ, фарҳангофаринӣ, маърифатбунёдӣ дар ҷаҳон шуҳратёр гардидаанд. Манзур аз ин гуфтаҳо, эҳёи расму русуми аҷдодӣ дар доираи фарҳанги миллӣ ва нақши созандаи он дар эҳёи давлатдории навини тоҷикон таҷассум гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба оқибатҳои бетарафию беэътиноӣ нисбат ба ҳувият, таъриху фарҳанг ва дигар муқаддасоту арзишҳои миллӣ ҳушдор додааст. Бо боварии том гуфта метавон, ки унсурҳои фарҳангӣ

таърихи қадима дошта, онҳо ҷавҳари фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва дастовардҳое мебошанд, ки аз насл ба насл гузашта, ташаккул ёфта, неруву хирад, меҳру муҳаббатро ба худ касб намуда, таҷассумкунандаи таърих ва маърифату маданияти халқҳо гардидаанд. Нуқтаи назари дигар ин аст, ки фарҳангҳо якрангу як маъно набуда, дар тӯли таърихи инсоният аз насл ба насл гузашта, ба фарҳангҳои наслҳои гуногуни ҷаҳон бархӯрда, омезиш ёфтааст ва маҳз дар чунин бархӯрдҳо заифию бузургии худро дар ёфтааст.

Агар ба таърихи башарият назар афканем, дар охир ва ё аввали ҳар як садсола воқеаҳои бунёдие ба вуҷуд меоянд, ки як давраи муайянро дар бар мегиранд. Дар ин раванд ҳамон давлат ва миллате пирӯзӣ ба даст меорад, ки бо худсозӣ машғул гардад. Равандҳои ҷаҳони муосир ва ҷаҳонишавӣ тақозо доранд, то ба худсозӣ машғул бошем, давлатамон узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ бошад, дар акси ҳол ҳамон хориву зорӣ, ғуломиву бандагӣ ва тафаккури асри “сангин” моро интизор аст . Имрӯз даврае фаро расидааст, ки аз “худсозиҳо”, аз “худшиносӣ” ва аз “худогоҳӣ” ба зинаи дигар ба “худбаҳодиҳӣ” ва ба “худшиносой” гузарем.

Таърих гувоҳ аст, ки аз ҷониби истилогарони аҷнабӣ бисёр кӯшишҳои аз байн бурдани забон, адабиёт, фарҳанг, илм, маориф, санъат ва дар маҷмуъ ҳувияту худшиносии миллати тоҷик ба вуқуъ пайвастааст. Аммо миллати озодандешу ободкору худогоҳи мо - тоҷикон ҳамаи мадду ҷазр ва тӯфонҳои харобкори зиндагиро бо неруи созандаи хеш паси сар намуда, аз имтиҳони пуршиддати таърих шарафмандона гузашт ва имрӯз бо сарварии Пешвои муаззами худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди як ҷомеаи воқеан миллӣ камар баста, умед дорад дар тамоми ҷанбаҳо ба комёбиҳо муваффақ хоҳем хоҳад гардид.

Қобили зикр аст, ки мардуми фарҳангсолори Тоҷикистон дунявиятро ба сифати сохтор ва низоми дархӯри сиёсӣ, фикрӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ пазируфта, дар ин масир пайгирона ҳаракат намоянд.

Масъалаи дунявият дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ҳаргиз ифодагари сисёсати зиддидинии давлат намебошад. Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон барои ба ҷо овардани фарзҳои динӣ барои шаҳрвандонаш ҳамаи шароитҳоро фароҳам сохта истодааст ва дар ин замина дин ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи муосир эътироф гардидааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи дунявият дар фарҳанги миллии тоҷикона дорои принсипу нозукиҳои ба худ хос буда, паҳӯҳишгарони муосир муаззафанд, ки ба ин масъала аз диди ҷадид назар намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд 99% шаҳрвандон мусулмонанд, вале ҷомеаи он дунявӣ мебошад. Зеро оину фарҳанги миллии тоҷикон аз арзишҳои

исломие, ки ба қонунгузории амалкунандаи кишвар мухолифат накарда, фарҳанги умумиинсониро пайгирӣ мекунанд сарчашма мегиранд. Пешвои миллат низ ишора ба эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон қайд намудаанд, ки: "Асли дунявият дар робита ба масъалаи худшиносии таърихии миллати тоҷик чунин маъно дорад, ки мо ба мероси таърихии бузургони худ аз рӯи муносибати онҳо ба фарҳанги умумибашарӣ менигарем. Танҳо аз ҳамин мавқеъ аҳамияти таърихӣ ва амалии мероси фарҳангиро барои имрӯзи миллати тоҷик дуруст шинохтан мумкин аст. Дар ин мероси исломӣ бузургони халқи тоҷик истисно нестанд [1]".

Бояд гуфт, ки танҳо ҷавонони соҳибмаърифату боистеъдод, бонангу номус ва дорои ҷаҳонбинии муосир метавонанд ҳамчун ворисони сазовори таъриху фарҳанги миллӣ рисолати ватансозиро ба дӯш гирифта, қарзи фарзандии худро дар назди Ватан сарбаландона иҷро намоянд. Ҷавонони ватандӯсти мо минбаъд низ бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ, зиракии сиёсӣ ва маърифати баланди ҳуқуқӣ ҷиҳати пешрафти Ватани муқаддаси худ, густариши ваҳдати миллӣ, таъмини суботу оромӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз худ ташаббусҳои созанда нишон дода, ҷиҳати боз ҳам мустаҳкам гардидани мақому манзалати Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ саҳми сазовори худро мегузоранд. Агар мо хоҳем, киояндаи Ватан ва мардуми онро боз ҳам ободу осуда бинем, бояд пояҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистонро ҳамаҷониба таҳким бахшем. Ин вазифаи ватандорӣ ва қарзи фарзандии ҳар шаҳрванди баору номуси Ватан аст.

Дар низоми давлатдории дунявӣ майдони густариши дониш ва хиради инсонӣ тавсеа меёбад, то афроди ҷомеа ба масоили фикрӣ, сиёсӣ, ақидатӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ бархӯрд карда тавонанд. Ҳадафи ниҳоӣ дар низоми давлатдорӣ ва ҷомеасозии дунявӣ, ки ҳанӯз дар қолаби бовардоштҳои бостонӣ ва ормонгаройии миллӣ рехта шудааст, раҳонидани инсон ва дар маҷмӯъ, ҷомеа аз бунбасти ҷаҳолату хурофот мебошад.

Бояд гуфт, ки давлати дунявӣ усули эътирофшудаи модели давлатдории муосир буда, ҳеҷ гоҳ бар зидди дин нест, балки озодсозии дин аз хурофот аст, ки ба дин таҳмил мешаванд.

Маҳз ҳамин дунявият буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ аз сӯйи ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш пазируфта шуд ва давлати баробарҳуқуқ эътироф гардид. Тибқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати дунявӣ эълон шудааст (моддаи 1) ва иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ҳеҷ як мафкура, аз ҷумла мафкураи динӣ (моддаи 8) "ба ҳайси мафкураи давлатӣ"

эътироф намешавад. Ташкилотҳои динӣ ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Эътиқоди динӣ кори хусусии ҳар шахс буда, "ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд" (моддаи 26) [4].

Вале иттиҳодияҳои динӣ бояд дар зери назорати давлат қарор дошта бошанд ва дар чаҳорчӯбаи қонун амал намоянд.

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаи мураккаби имрӯзӣ, ки аз ниҳодҳои гуногун дар заминаи заруриятҳо ва ниёзҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, ба идоракунии ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ бояд фардҳо аз лиҳози ҳирфаю мутахассисият пазируфта шаванд ва онҳо вобаста аз тавони иҷрои ин ё он амал бар сатҳи идоракунии иҷтимоӣ мақбулу шоиста дониста шаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар замони муосири фанноварию илмӣ танҳо низоми дунявӣ метавонад аз як тараф ҳамзистии осоиштаи дину боварҳои гуногунро таъмин созад, онҳоро дар зеҳни фард, ҳамчун муқаддасоти фардиву ҳарими хусусӣ ҳифз намояд ва аз тарафи дигар ба хотири пешрафти кишварҳою давлатҳо заминаи мусоиди илмию фанноварӣ ба миён оварда барои зиндагии босаодати инсонҳо имкон ба вуҷуд оварад.

## АДАБИЁТ:


1. Ашӯров А. Дунявият дар Фаронса: мафҳум ва заминаҳои пайдоиши он. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ "Илм ва ҷомеа" №1 (28), 2022.
2. Давлиёрова С. Танзим баракати зиндагӣ. www.osiyoavrupo.tj
3. Ниёзӣ Ё. Дунявият ва ҷаҳонбинии илмӣ. [Манбаи электронӣ] https://farazh.tj/sahifai-asosy/amniyat/dunjavijat-va-jahonbinii-ilmy/ Санаи муроҷиат 05.05.2022с.
4. Салимов А. Дунявият: Роҳи ману мо ба сӯи фардо. [Манбаи электронӣ] http://www.jomea.tj› node. Санаи муроҷиат 05.05.2022с.
5. Шарифзода И. Зарурати бартарияти ҷомеаи дунявӣ. [Манбаи электронӣ] https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos.html Санаи муроҷиат 06.09. 2022
6. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, "Ирфон", 2006. С. 9.
7. Ювал Ной Харари. 21 урок для ХХ1 века. Синдбад, Москва, 2021. саҳ.244.


## СЕКУЛЯРИЗМ - УСПЕШНАЯ МОДЕЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

**ДАВЛИЁРОВА САФАРГУЛ ТЕШАЕВНА**

кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. *E-mail:* dsafargul@mail.ru

*Статья посвящена исследованию и изучению светскости как успешной модели государственности. Отмечается, что секуляризм представляет собой систему, в которой политическая и религиозная деятельность осуществляются отдельно. То есть политические и религиозные институты действуют отдельно. В этой системе законодательство устанавливается в рамках общественных потребностей, а принцип разделения власти и религии зафиксирован в основном законе многих демократических стран. Показана роль светской системы как движущей силы обществ в современном мире. Другое дело, что секуляризм видится как сила интеллекта, знаний и научных достижений. Согласно ему, всякая политическая и социальная проблема должна рассматриваться в рамках определенной науки.*

***Ключевые слова:*** *секуляризм, демократия, государство, религия, нация, общество, культура.*

## SECULARISM IS A SUCCESSFUL MODEL OF STATEHOOD

**DAVLIYOROVA SAFARGUL TESHAYEVNA**

Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor, Leading Researcher at ISPAEC NAST. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 33. E-mail: dsafargul@mail.ru

*The article is devoted to the research and study of secularism as a successful model of statehood. It is noted that secularism is a system in which political activity and religious activity are carried out separately. That is, political and religious institutions operate separately. In this system, legislation is established within the framework of public needs, and the principle of separation of power and religion is enshrined in the basic law of many democratic countries. The role of the secular system as the driving force of societies in the modern world is shown. Another thing is that secularism is seen as a force of intellect, knowledge and scientific achievements. According to him, any political and social problem should be considered within the framework of a certain science.*

***Key words:*** *secularism, democracy, state, religion, nation, society, culture.*

# ТАҲАВВУЛОТИ МУНОСИБАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БО ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**РАҲМОНЗОДА АЗИМҶОН ШЕРАЛӢ**
н.и.т., ходими пешбари илмӣ, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33, тел: 900-18-00-38; mail: raxmonzoda92@bk.ru

**ҶАМШЕДОВА ОМИНА**
магистранти соли 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33, тел: 888880798.

*Дар мақолаи мазкур динамикаи муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо Осиёи Марказӣ аз дирӯз то ба имрӯз мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Марҳилаи кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаҳоеро пеш овардааст, ки Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ муштарак якҷоя фаъолият намоянд. Иттиҳоди Аврупо ҳамчун бозингари геосиёсӣ ҳадафҳои худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳимоя менамояд, зеро мавқеи ҷуғрофии минтақаи Осиёи Марказӣ барои таҳкими ҳамкорӣ ва ҳадафи геосиёсӣ муҳим ба шумор меравад. Яке аз манфиатҳои асосии сиёсии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ тақвияти фазои демократӣ ва иқтисоди бозоргонӣ буда, бахши энергетика қисмати муҳими онро ташкил медиҳад. Самти дигари аҳдофи стратегии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ мусоидат ба ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти минтақа мебошад.*

**Калидвожа:** *Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, геосиёсӣ, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, созмонҳои байналмилалӣ, демократия, амният, иқтисодиёт, манфиати миллӣ.*

Марҳилаҳои роҳандозии ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ аз ибтидои солҳои 90–ум шурӯъ шуда, як самти нави фаъолияти Иттиҳоди Аврупоро дар бобати татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ ва амниятӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, таҷрибаи ҳамкории сиёсии Аврупо ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи муштараки хориҷиро пешбинӣ мекунад. Амалиёти сиёсии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар асоси қарорҳои якдилона қабул шуда, бори аввал дар Шартномаи Маастрихти соли 1993 сабт шудааст. Он ба

Иттиҳоди Аврупо имкон медиҳад, ки берун аз Аврупо сиёсати фаъолтари минтақавиро пеш бибарад.

Мушкилоте, ки шароити муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ аст, ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ таъсири баробар доранд ва ҳалли муштаракро талаб мекунанд. Инчунин, масъалаҳои амниятӣ ва рушди иқтисодии минтақавӣ талаб менамоянд, ки Иттиҳоди Аврупо бо ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофиашон ҳамкории зичро ба роҳ монад. Илова бар ин, он ба рушди марзҳои сарҳадӣ, муҳоҷират, мубориза бо ҷинояткории муташаккил ва терроризми байналмилалӣ, инчунин хариду фурӯши одамон, мубодилаи ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ алоқаманд аст [8, 11].

Моҳияти асосии сиёсати Иттиҳоди Аврупоро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба имзо расидани “Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ бо давлатҳои собиқ Шӯравӣ” ташкил медиҳад, ки ин барои ба расмият даровардани муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо ин минтақа замина гузоштааст [15, 13].

Аз аввали солҳои 90–ум Иттиҳоди Аврупо сиёсати густариши нуфузи стратегии худро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ оғоз менамояд. Ба таври анъанавӣ, гузариши Иттиҳоди Аврупоро аз нақши «нозир» ба нақши «иштирокчӣ» дар миқёси минтақавӣ метавон ба 4 давра тақсим кард.

Давраи якум, ки солҳои 1991 – 1995 – ро дар бар мегирад. Ин давра нишон дод, ки стратегияи Иттиҳоди Аврупо нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самтҳои зерин устувор аст:

- ба эътидол овардани вазъияти сиёсии дохилии кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- таҳким ва густариши навъҳои гуногуни навовариҳои демократӣ ва меъёрҳои ахлоқии аврупоӣ;
- расондани ёрии иқтисодӣ ба кишварҳои сохти демократидошта, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ва барқарор намудани алоқаҳои берунии иктисодӣ фаъол ҳастанд.

Ноил шудан ба ин мақсадҳо танҳо тавассути маблағгузории самтҳои дар боло зикргардида тавассути бастани шартномаҳои байнидавлатӣ дар шакли қарз ё қарзҳои бефоиз самаранок гардид [1, 50].

Дар баробари кумаки молӣ Иттиҳоди Аврупо вазъи дохилии сиёсиро аз ҷониби созмонҳои байналмиллалӣ ва аврупоӣ, аз ҷумла Созмони аҳдномаи ҳамкорӣ дар Аврупо, Парлумони Аврупо, Комиссияи Аврупо, Комиссияи гурезаҳои Созмони Милали Муттаҳид, Шӯрои Аврупо ва ғайра назорат мекард.

Зеро, бисёре аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дарк карданд, ки онҳо ба ивази ислоҳоте, ки аз рӯйи стандартҳои аврупоӣ бояд дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ анҷом дода шаванд, кумаки молӣ мегиранд.

Созишнома хоҳиши ҳарду ҷонибро барои таҳкими демократия, эҳтироми ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва иқтисоди бозоргонӣ муттаҳид намуд. Инчунин, барои муколамаи созандаи сиёсӣ замина фароҳам оварда, миёни ҷонибҳои он низоми кушоди тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ фароҳам овард.

Зеро дар назарияи муносибатҳои байналмилалӣ дар бораи ҷой ва нақши созмонҳои байналмилалӣ дар раванди сиёсии ҷаҳон тасаввуроти гуногун ташаккул ёфтааст. Намояндагони равияи реализми нав дар бораи нақши дуюмдараҷаи онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ изҳори ақида менамоянд. Онҳо созмонҳои байналмилалиро ҳамчун як майдоне меҳисобанд, ки дар он давлатҳо метавонанд манфиатҳои худро ҳимоя кунанд [12, 85].

Давраи дуюм ба солҳои 1996–2000 рост меояд. Ба андешаи коршиносони Иттиҳоди Аврупо, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ натавонистанд ба меъёрҳои аврупоии иқтисоди бозоргонӣ ва демократия наздик шаванд.

Дар баробари ин ғояе, ки аз Ғарб ворид шуд, омили ноустувории худро ба вазъи сиёсии дохилии ҷумҳуриҳои минтақа ворид кард. Меъёри демократияи ғарбӣ имкон дод, ки дар Осиёи Марказӣ раванди эҳёи динӣ оғоз шавад. Инчунин, он аз бисёр ҷиҳат тавлидкунандаи эҳсосоти зиддидавлатӣ дар ҷумҳуриҳои минтақа гардид. Дар ин маврид аз рӯйдодҳои соли 1999 ёдоварӣ кардан бамаврид аст. Зеро, моҳи августи соли соли 1999 ҷангиёни исломӣ бори аввал ба Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамла карданд.

Ин боиси ташаннуҷ ва бесуботии минтақаи Осиёи Марказӣ гашт. Аз ин рӯ, дар ин давра муносибатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо ҷиҳати иҷрои барномаҳои Иттиҳоди Аврупо суст гардид, балки кишварҳои Аврупоро аз худ дур кард.

Давраи сеюмро солҳои 2001-2004-ро фаро мегирад. Дар ин давра кӯшиши Иттиҳоди Аврупо барои аз нав оғоз кардани барномаҳои худ, ки ба ноил шудан ба се ҳадафи асосӣ нигаронида шуда буд, тавсиф кардан мумкин аст:

- ташаккул ва инкишофи ҷамъиятӣ демократӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- дастгирии молиявии ҷумҳуриҳои минтақа бо мақсади “пайванд” кардани онҳо ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва мутаносибан ба сиёсати давомдори Иттиҳоди Аврупо;

- ба амал баровардани маҷмӯи тадбирҳое, ки ба муътадил гардондани вазъияти дохилии сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд [9, 5].

Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки ноил шудан ба ҳадафи дуюм дар ҳалли масъалаи баҳри Хазар, ки ҷанбаи энергетикии он ҳоло барои Иттиҳоди Аврупо аз ҳарвақта бештар аҳамият дорад, асоснокии худро пайдо кард.

Манфиати иқтисодии Иттиҳоди Аврупо ба азхуд намудани энергетика ва дигар сарватҳои зеризаминии минтакаи Хазар ва хусусан Ҷумҳурии Қазоқистон мушоҳида карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки пас аз ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Иттиҳоди Аврупо сиёсати худро нисбат ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар самти мутамарказ ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар маҷмӯъ ба куллӣ таҷдиди назар намуд. Ва дар натиҷа, нақша ва стратегияи расонидани кӯмаки Иттиҳоди Аврупо тағйир ёфт.

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати хориҷии давлатҳои нави мустақил ба ташкили муносибатҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми давлатҳои ҷаҳон нигаронида шуда буд. Аз ин ҷониб, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Мушкилоти иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба имконияти дастрасӣ ба захираҳои зарурии энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ асос ёфт. Барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ зарурати таҳияи заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳамкории нав барои Иттиҳоди Аврупо ба амал омад [16, 17].

Давраи чорум, ки давраи баъд аз соли 2004-ро дар бар мегирад, ба таҳким ва густариши мавқеъи Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва баҳри Хазар нигаронида шудааст. То имрӯз Иттиҳоди Аврупо дидгоҳи худро дар бораи ояндаи минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақае таҳия кардааст, ки қодир ба монеа барои қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ифротгароии динӣ шавад.

Мавриди зикр аст, ки кочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ифротгароии динӣ яке аз масъалаҳои хатарноки ҷомеаи ҷаҳон буда, он ҳамчун вабои аср ба пояҳои давлатдорӣ, солимии ҷомеа, саломатӣ ва ҳаёти одамон, инчунин ба амнияти давлату миллатҳо дар ҷаҳон таҳдид менамояд. Ин масъалаи як ва ё якчанд давлат набуда, балки масъалаи тамоми тамаддуни башарӣ ва давлатҳои дунё мебошад.

Дар баробари ин, Иттиҳоди Аврупо фаъолияти худро дар ҳавзаи Хазар тавсеа медиҳад, зеро талабот ба нерӯи барқ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо пайваста дар ҳоли афзоиш аст. Имрӯз Иттиҳоди Аврупо саъю кӯшиши худро бештар ба соҳаҳои иқтисодиву энергетикӣ равона карда, масъалаҳои демократикунонӣ, гуногунандешии афкор ва ҳуқуқи инсонро дар маркази сиёсати худ гузоштааст [1, 52].

Дар ин замина Иттиҳоди Аврупо самтҳои нави кумаки молиявиро ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳия кард, ки асосан барои истихроҷ ва кашондани энергия ва канданиҳои фоиданок мебошад. Дар натиҷа, афзоиши муомилоти мол байни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳадафҳои ҳамкорӣ ва манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дуруст муайян кардани "омезиши сиёсатҳои мухталиф" аст. Дар маҷмӯъ ҳадафҳои стратегии равобити хориҷии Иттиҳоди Аврупо ноил шудан ба ҳамоҳангӣ байни тамоми иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии мавҷударо ҳангоми ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар назар дорад. Пояи асосии манфиати иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар қаламрави минтақа бахши энергетика ба ҳисоб меравад [1, 49].

Ҳадафҳои стратегии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин ҳадафҳои мушаххаси кишварҳо якҷоя муносибат дар ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо Осиёи Марказиро ташаккул медиҳанд. Бояд қайд кард, ки ҳадафи стратегияи Иттиҳоди Аврупо ба роҳ мондани ҳамкории фаъол бо давлатҳои Осиёи Марказӣ равона шуда, дар заминаи ин мусоидат ба ҳифзи сулҳу субот дар кишварҳои ин минтақаро фаро мегирад.

Стратегия сатҳи байнидавлатӣ ва минтақавии ҳамкориро таъмин намуда, самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҳамкориро дар соҳаи амният, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи маводи мухаддир, ҳамчунин ҳифзи сулҳу суботи ислоҳоти иқтисодӣ, ки имконияти истифодаи маблағҳои Бонки сармоягузории Аврупо ва фонди сармоягузориро барои татбиқи лоиҳаҳо дар Осиёи Марказӣ таъмин менамояд;
- рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, дастрасӣ ба захираҳои энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави интиқоли энергия ба Иттиҳоди Аврупо;
- бахши муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва таваҷҷуҳ ба масъалаҳои марбут ба баҳри Каспӣ ва Арал;
- таҳияи мавзӯҳои ҳассостарини муносиботи кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиёи Марказӣ, ба монанди эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, бунёди давлати ҳуқуқиву демократӣ;

- ислоҳоти стандартҳои системаи сеҷонибаи маориф ва ворид намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар системаи Болонӣ (Системаи таҳсилоти олии аврупоӣ) мебошад [6, 4].

Инчунин, "Стратегияи шарикии нав байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ" ҳадафи Иттиҳоди Аврупоро оид ба тақвияти мавқеи он дар минтақаи Осиёи Марказӣ нишон дод [4, 20].

Аммо ҳуқуқи байналмилалӣ ин масъаларо ба таври зайл баён мекунад: «Созмони байниҳукуматии байналмилалӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ муассисаеро ифода мекунад, ки дар асоси муттаҳидшавии давлатҳо ва шартномаи байналмилалӣ барои расидан ба ҳадафҳои муштарак таъсис дода шудааст. Давлатҳо ба хотири ҳимояи манфиатҳои муштарак амал мекунанд ва дар айни замон эҳтиром ба соҳибихтиёрии онҳо риоя мешаванд». Асоси ҳуқуқии созмонҳои байналмилалиро мавҷудияти ҳадафу манфиатҳои умумӣ муайян менамояд. Бад-ин тартиб, салоҳияти созмони байналмилалӣ доираи фаъолияте мебошад, ки бо ваколатҳои аз сӯи давлатҳои узв ба он вогузоршуда муайян карда мешаванд [12, 85].

Барои таҳкими ҳамкориҳои муштарак Иттиҳоди Аврупо бо барнома ва лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар шаш соҳаи асосӣ амал мекунад, ки ҷойи аввалро ҳалли масъалаҳои энергетикӣ ва захираҳои обӣ ташкил медиҳад. Масъалаи захираҳои обӣ ба рӯйхати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ дохил карда шудааст. Аз ин рӯ, қобили зикр аст, ки яке аз олимаҳои шинохтаи Олмон И. Дойчланд таҳқиқоти хешро дар солҳои 1994 ва 1995 дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, чунин натиҷагирӣ кардааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираи зиёди об ва боигарии сохтмонӣ - барқӣ мебошад. Агар дар ин самт коргузорӣ дуруст ба роҳ монда шавад, некуаҳволии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон хело беҳтар мегардад. Дигар олими маъруфи олмонӣ таърихнигор ва тоҷикшинос Клаус Ландер қайд кардааст, ки агар Тоҷикистон об ва барқи хешро ба низом даровარда тавонад, симои ин кишвар куллан дигаргун шуда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз кишварҳои абарқудрат мубаддал мешавад [14, 39].

Манфиатҳои иқтисодии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба ҷараёни воридоти нафт аз Ховари Миёна ба ҳадди аксар асос ёфтааст. Сиёсати энергетикии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар атрофи бахши баҳри Хазар дар ҳамсоягии Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст.

Таҷрибаи Иттиҳои Аврупо ҳам истифодаи лӯлаҳои мавҷудаи нафт, аз қабили Дружба, ки тавассути онҳо карбогидридҳо ба корхонаҳои коркарди нафти Чехия, Олмон ва Австрия интиқол дода мешаванд. Инчунин, иштироки фаъолона дар раванди истеҳсолот дар рафҳои баҳри Каспийро дар бар мегирад.

Соҳаи дувум нақлиёт буда, нишон медиҳад, ки Осиёи Марказӣ аз лиҳози мавқеи геополитикӣ пули калонтарини Аврупо ва Осиё ба ҳисоб меравад Стратегияи Иттиҳоди Аврупо сармоягузорӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои «пайваст кардани» соҳили Уқёнуси Ором бо қаламрави Аврупоро дар бар мегирад, ки онро ба истилоҳи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико стратегияи «Роҳи абрешим» меноманд.

Ҳамчунин барномаи навсозии инфрасохтори нақлиёт дар минтақаи TRACECA (Роҳравӣ - коридор) нақлиёти Осиёи Марказӣ – Қафқоз – Аврупо) ва INOGATE (Барномаи байниҳукуматии интиқоли нафту газ дар Аврупо), низ дар минтақаи Осиёи Марказӣ бунёд ёфтаанд [10, 21].

Барномаи TRACECA дар шакли мукаммали худ биниши аврупоии равандҳои макроминтақавӣ дар тамоми АвруОсиёро таҷассум мекунад. Тибқи нақша, долони нақлиётии фароконтинентӣ бояд бандарҳои баҳри Сиёҳи Гурҷистон (Поти ва Батуми), хатҳои роҳи оҳани Гурҷистон ва Озарбойҷон, системаи паромҳои ҳавзаи дарёи Хазар (Боку-Туркманбошӣ), системаҳои роҳи оҳани Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон (қад-қади Андиҷон-Ӯш-Қашғар) ва Чин бо роҳи минбаъда ба уқёнуси Ором.

Дар робита ба ин Иттиҳоди Аврупо барномаи «Тиҷорати Аврупо-Қафқоз-Осиё» (TRACECA)-ро, ки дар соҳаи нақлиёт ва тиҷорат мусоидат мекунад, таҳия намуд. Ин ба соҳаи савдо, ҳамгироӣ кардани роҳи автомобилгарди байналхалқӣ байни Аврупо, Қафқоз ва Осиё, инчунин ҳалли мушкилот дар системаи нақлиёт ва тиҷорати минтақа мусоидат мекунад. Рушди тиҷорати хурд ва миёна яке аз самтҳои афзалиятноки барномаи минтақавӣ буда, ҳадафи он мусоидат намудан ба рушди тиҷорати хурд ва миёна тавассути лоиҳаҳо мебошад.

Дар рафти татбиқи як қатор лоиҳаҳо дар доираи ТРАСЕКА кишварҳои Иттиҳоди Аврупо солҳои 1993-2004 то ба 110 миллиард доллари амрикоӣ сарф кардаанд.

Ҳифзи сарҳад ва мубориза бар зидди маводи мухаддир соҳаи чорум дар минтақа ҳисоб меёбад. Аз охири соли 2001 Иттиҳоди Аврупо татбиқи лоиҳаи CADAP – ро оғоз намуд. Вазифаҳои асосии ин лоиҳа: беҳтар намудани кори хадамоти назорат дар фурудгоҳҳои калон дар минтақа, таҳкими ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо қочоқи маводи мухаддир мебошад [5, 17].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, онро ҳамчун як сохтори таъсирбахш ва бо мурури замон санҷидашудаи таъмини амнияту суботи минтақаи масъулияташ мешуморад. Ҳамкорӣ дар доираи ин созмонҳо

ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва он имкон медиҳад, ки бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва умуман ба хотири таъмини амнияту субот дар тамоми минтақаи Аврупо ва Осиё, инчунин ҳимояи тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзои ин созмонҳо фаъолона тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд [12, 115].

Барномаи ояндаи Иттиҳоди Аврупо барои дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини амният БОМКА (барномаи кӯмаки сарҳадӣ дар Осиёи Марказӣ) буда, он аз соли 2003 фаъолиятро оғоз намуда, барномаи кӯмаки муштараки Иттиҳоди Аврупо ва Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. [9, с.3]. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид шабакаи ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаи рушд мебошад. Он аз ислоҳотҳо ҷонибдорӣ намуда, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дастрасиро ба манбаҳои дониш, таҷрибаи амалӣ ва захираҳо фароҳам меорад. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар 177 кишвари ҷаҳон барои таҳияи роҳи ҳалли масъалаҳои рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ фаъолият мекунад.

Дар давраи муосири ҷаҳонишавӣ фарқият байни давлатҳои камбизоат ва доираи сарватмандон на танҳо боқӣ монд, балки бештар афзоиш ёфт. Умеди берунрафт аз ин чоҳи «ақибмондагӣ» ва камбизоатӣ маҳз ба пайомадҳои хуби раванди ҷаҳонишавӣ гузошта шуда аст. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид маълумотҳои ҷамъовардаи иқтисоддони америкоӣ А. Мэдисонро меорад, ки мутобиқи онҳо чунин фарқият дар соли 1820 дар таносуби 3:1 қарор дошт, дар соли 1913 он 11:1, дар соли 1950 – 35:1, дар соли 1973 – 44:1 ва дар соли 1991 – 72:1-ро ташкил дод. Воқеияти нанговар ин аст, ки фарқияти мазкур ҳар сол афзоиш меёбад» [17, 69; 12, 25].

То имрӯз 6 марҳилаи барнома анҷом дода шудаанд, ки дар он чорабиниҳо барои омӯхтани имкониятҳои умумии ҳифзи сарҳад дар кишварҳои минтақа ва омодасозии мунтазами кормандони сарҳад ва алоқаҳои марбута ташкил карда шуданд.

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкории гуманитарӣ дастгирии ҳамаҷонибаи системаи маориф мебошад. Ташаббуси «таҳсилоти аврупоӣ» силсилаи чорабиниҳоро дар соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи махсус, миёнаи пурра ва олӣ, инчунин Марказҳои сифатҳои аъло (Centres of Excellence) дар Осиёи Марказӣ фаро гирифтааст. Барномаи «Шоҳроҳи электронӣ» имрӯз таҳия гардидааст, ки марказҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳии Аврупо ва Осиёи Марказиро дар бар мегирад. Имрӯз соҳаи маориф дар доираи ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо нақши калидӣ дорад, ки ин яке аз самтҳои

асосии ҳамкории дуҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Аз 251 миллион евро, ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 дар доираи Барномаи Иттиҳоди Арупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ 1 миллион евро бораи нишондиҳандаҳои бисёрсола ҷудо карда буд, 75 миллион евро барои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф пешбинӣ шуда буд.

Ҳамкориҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар соҳаҳои маориф дар чаҳорчӯбаи барномаҳои гуногуни Иттиҳоди Аврупо, ки он то соли 2014 бо номи Темпус ва Эразмуз Мундус номгузори шуда буданд, бунёд мегардад. Соли 2014 Комиссияи Аврупо дар доираи лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо оид ба таълим, тренинг, ҷавонон ва варзиш барои соли 2014-2020 барномаи нави Erasmus+ро оғоз намуд. Ҳаҷми хароҷоти умумии ин барнома барои солҳои 2014-2020, 16,5 миллон евроро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда назар ба барномаҳои қабли 8 баробар зиёд буда, аз он 8.68 миллион евро барои татбиқи лоиҳаи «Баланд бардоштани тавонмандӣ дар таҳсилоти олӣ» дар кишварҳои Осиёи Марказӣ равона карда шудааст.

Соҳаи шашум ҳифзи муҳити зистро фаро гирифта, дар он ҳимояи захираҳои табиӣ ва биологӣ дар чаҳорчӯбаи Барномаи экологии Осиёи Марказӣ зикр ёфтааст. Ин барнома ба ду марҳила тақсим карда мешавад. Марҳилаи якум бо захираҳои об вобаста буда, марҳилаи дувум дар ҳоли рушд аст, аммо он бояд марҳилаи аввалро тақвият диҳад ва то соли 2013 амал намудааст[9, 4].

Бароҳмонии соҳаҳои зикргардида имкон медиҳанд, ки муносибатҳои мутақобилан судманд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ба вуҷуд оянд ва минбаъд низ дар ҳамкории тарафайн тақвият ёбанд [1, 48].

Зеро кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳаҷми захираҳои обии харидоришаванда фоҷеаборона вобаста ҳастанд, ки норасоии онҳо метавонад боиси биёбоншавӣ гардад, дар навбати худ ба сифатан ва миқдоран тағйир ёфтани таркиби аҳолӣ, оқибатҳои ногувори сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ оварда расонад. Дар соҳаи истифодаи об яке аз роҳҳои ҳал метавонад дурнамои самараноки истифодабарии минтақавии об шавад, ки он набояд хусусияти танҳо тавсиявӣ дошта бошад. Мутахассисон дар ин ақида мувофиқ ҳастанд, ки созишномаҳо оид ба обҳои байналмилалӣ бояд мушаххастар гарданд, чораҳоеро пешбинӣ намоянд, ки иҷрои ҳатмии шартҳои қарордодҳои ба имзо расидаро таъмин менамоянд, инчунин, усулҳои ба таври муфассал матраҳшуда барои ҳалли низоъҳоро (дар сурати ба миён омадани чунин низову ихтилофу баҳсҳо) дар бар гиранд.

Ҳамчунин, маблағгузории кофӣ барои идоракунии обҳои фаромарзӣ

ва таъсиси мақоми иҷроия, ки бо салоҳиятҳо ва таҳримҳои иқтисодӣ ба таври фаровон ваколатдор карда мешавад, бояд таъмин карда шаванд [12, 157-158].

Манфиатҳои сиёсии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ то ҳол механизми ягонаи қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ таҳия накардааст. Якчанд мақомоти боломиллатии марбут ба Иттиҳоди Аврупо (Шӯрои Аврупо, Комиссияи Аврупо ва Шӯрои вазирони Иттиҳоди Аврупо) дар қабули қарорҳо иштирок мекунанд. Муҳимтарин мушкили сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ мушкили дарёфти шарики минтақавӣ ва барандаи сиёсати Иттиҳоди Аврупо дар минтақа мебошад. Сарфи назар аз он, ки муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври назаррас инкишоф меёбанд, як қатор масъалаҳо мавҷуданд, ки ҳалли онҳо диққати ҷиддӣ талаб мекунад.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои манфиатҳои сиёсӣ баррасии назарияи ҳамгироии сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи мактаби функсионализми нав, ки яке аз самтҳои пешбарандаи омӯзиши мавзӯи мазкур маҳсуб меёбад, зарур мебошад. Ба гумони бисёре аз олимон, густариши кунунии ҳамгироии аврупоӣ мутобиқи дурнамои назарияпардозони ин мактаб таҳияшуда сурат мегирад ва Иттиҳоди Аврупо бошад ҳамчун озмоишгоҳи намунавӣ барои санҷиши муқаррароти асосии назарияи мазкур маҳсуб меёбад. Асосгузор ва яке аз намояндаҳои барҷастаи мактаби илмии функсионализми нав Эрнст Хаас буд. Э. Хаас дар таълимоти худ дар бораи маъмулан мувофиқи мақсад будани сиёсат ба хулоса меояд, ки вусъатёбии равандҳои ҳамгироӣ на ба шарофати «ғояи аврупоӣ» бо шиорҳои нигоҳ доштани асолати Аврупо, на дар натиҷаи андешаҳои ғайривоқеӣ дар бораи «азамати Аврупо» ё рисолати таърихии «тамаддуни аврупоӣ», балки бинобар мавҷуд будани манфиатҳои миллӣ ва дар атрофи он муттаҳидшавии давлатҳо рафтори воқеъбинон гурӯҳҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ сурат мегирад [12, 39-40].

Масъалаи аввал ин хатари низоъ ва ноустуворӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Ноустувории ҷиддӣ ва тӯлонӣ дар яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад барои тамоми минтақа паёмадҳои хатарнокро ба бор орад. Нигарониҳои башардӯстона як сӯ, бесуботӣ дар Осиёи Марказӣ метавонад ба манфиатҳои Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои узви он бо роҳҳои гуногун таъсир расонад. Тавре ки таҷрибаи охирин нишон дод, Аврупо макони эҳтимолии гурезаҳо мебошад. Ба амнияти минтақа низ таваҷҷӯҳи мустақим бештар аст: рӯйдодҳо дар Афғонистон, Ироқ ва дигар ҷойҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои ноком ва минтақаҳои доимии ноустувор як паноҳгоҳи беҳтарин барои гурӯҳҳои террористӣ ва ҷиноӣ мебошанд.

Ба мушкилиҳои ҷойдошта ва масофаҳои ҷуғрофӣ нигоҳ накарда муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо минтақаи Осиёи Марказӣ дар тайи солҳои гузашта мунтазамривоҷу равнақ ёфта истодааст. Дар марҳилаи аввали муносибатҳо, ки дар солҳои мушкилиҳои дохилӣ ва хориҷӣ ташаккул ёфт, ҳамкориҳо асосан бо расонидани кӯмаки башардӯстона аз ҷониби кишварҳои Иттиҳоди Аврупо маҳдуд мешуданд. Бояд қайд кард, ки дар давраи зикргардида кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба воситаи созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ кӯмаки назаррас намуданд, ки барои паси сар намудани мушкилиҳои ҷойдошта хеле муҳим буд.

Муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо Осиёи Марказӣ ҳам дар асоси муносибатҳои дуҷониба, ҳам дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Чунин ҳамкориҳо дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди Созмони Милали Муттаҳид, Созмони аҳдномаи ҳамкорӣ дар Аврупо ва Созмони умумиҷаҳонии тоиҷорат бештар ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, солҳои 90-уми асри гузашта муносибатҳои гуногунпаҳлӯ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Миёна густариш ёфтанд. Дар аввали солҳои 90- ум ин муносибатҳо дар шароити нави раванди геосиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Мавқеи Осиёи Марказӣ имконоти бештарро барои таҳкими ҳамкориҳо ба дигар марказҳои асосии иқтисодӣ ба вуҷуд овард. Аз ин ҷониб, Иттиҳоди Аврупо дар чаҳорчӯбаи иқтидори хеш мавқеи намоёнро касб менамояд. Қабули ҳуҷҷатҳои мухталифи илмӣ оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ва татбиқи барномаҳои гуногуни минтақавӣ имкон медиҳанд, ки дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо тақвият ёбанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Ашӯров А.М. Геополитикаи Иттиҳоди Аврупо дар минтақаи Осиёи Марказӣ: манфиат ва ҳадафҳо / А.М. Ашуров // маҷаллаи Осиё ва Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе. – 2020. – №1,(3) 2020. – С. 49–54.

2. Байзакова К.И. Политико-правовые основы сотрудничества Европейского Союза с государствами Центральной Азии, – С. 27-30 // Analytic 3, 2003. – 244 с.;

3. Белокриницкий В. Генезис и основные характеристики региона. // Центральная Азия. Пути интеграции в мировое сообщество. М., 1995. – 360 с.;

4. Воҳидова С. Развитие иранистики и таджиковедения в историографии Европы (XV-начало XXI в.в.) «Эр-граф», Душанбе, – 2015. – 504 с.

5. Воҳидова С., Каримов Ш.Т. Стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ / С. Воҳидова, Ш.Т. Каримов // маҷаллаи Осиё ва Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе. – 2020. – №1,(3) 2020. – С. 16–23.

6. Дусчанов Р. О возможности использования опыта интеграции стран Западной Европы государствами ЦА. Центральная Азия и Кавказ, 2003. – 244 с.

7. Евразийская интеграция Таджикистана: дорожная карта для экспертного сообщества. Проектно-аналитический доклад. (руководитель проекта – Г. Майтдинова. Участники: Каюмов Н.К, Саидов Х.С., Умаров Х.У., Царик Ю.Ю., Шарипов Б. – Душанбе, 2014.

8. Изменяющаяся Центральная Азия и региональное сотрудничество. Материалы научной региональной конференции. – Душанбе, 2003. – 345 с.

9. Лаумулин М., Сейфуллина Т. Интересы и политика Европейского союза в Центральной Азии и Каспийском регионе // Режим доступа: www. kisi. kz. – 2009;

10. Майтдинова Г.М. Состояние и перспективы сотрудничества Евросоюза и Республики Таджикистан. Европейский Союз и Таджикистан – состояние и перспективы сотрудничества. Материалы конференции. 2008. – 288 с.;

11. Парамонов В. Формирование геополитической ситуации в Центральной Азии. – Внешние факторы. Центральная Азия и Кавказ, 2000. – 324 с.

12. Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография / А. Раҳмонзода. — Душанбе: “Дониш”, 2022. — 172 с.

13. Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупову Амрико: марҳилаи нави ҳамкориҳо (маҷмӯаи мақолаҳои шуъбаи Аврупо ва Амрико). Душанбе, 2021. – 285 с.

14. Deutschland Jrina: Die Zentralasiatische Gus-Republiken, Kirgistan, Usbekistan, Turkmenistan, Tadshikistan // Ausgangssituation und Ansatzpunete fuer die Entwichlungs zumammenarbeit, - Berlin, 1993, – S. 39.

15. Pander K. Zentralasien Usbekistan, Kirgistan, Tadshikistan, Turkmenistan, Kasachstan // Kunst Reisefuhrer, Dumont, 1996. – S.46.

16. Rahr. A. Europe in the New Central Asia // The New Central Asia: In Search of Stability: A Report to the Trilateral Commission. – New York, 2000.

17. [1]Globalization. Poverty and Conflict. Critical "Development" reader. Kluver Academic Publishers, Dredrecht. The Netherlands, 2004. P. 69.

## ЭВОЛЮЦИЯ ОТНОШЕНИЙ ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА С ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИЕЙ

**РАХМОНЗОДА АЗИМДЖОНИ ШЕРАЛИ**

заместитель директора по науке и образованию Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел: 900-18-00-38; mail: raxmonzoda92@bk.ru

**ДЖАМШЕДОВА ОМИНА**

магистрантка 2 курса ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел: 888880798.

*В данной статье анализируется и исследуется отношения между Европейским Союзом и Центральной Азией. Нынешний этап развития мирового сообщества выявил вопросы глобального значения, решение которых требует совместной работы Европейского Союза и Центральной Азии. Как геополитический игрок Европейский союз отстаивает свои цели и в центральноазиатском регионе поскольку географическое положение региона Центральной Азии имеет особое значение в укреплении сотрудничества и геополитических целей Европейского Союза. Одним из основных политических интересов Европейского Союза в Центральной Азии является укрепление демократической среды и рыночной экономики, где энергетический сектор занимает особое место. Еще одна стратегическая цель Европейского Союза направлена на активное сотрудничество с государствами Центральной Азии для защиты мира и обеспечения стабильности в странах этого региона.*

***Ключевые слова:*** *Европейский союз, Центральная Азия, геополитика, внешняя политика, международные отношения, международные организации, демократия, безопасность, экономика, национальные интересы.*

## EVOLUTION OF EUROPEAN UNION RELATIONS WITH CENTRAL ASIA

**RAHMONZODA AZIMJONI SHERALI**

Deputy Director for science and education at the Institute for Asian and European Studies of Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel: 900-18-00-38; raxmonzoda92@bk.ru

**JAMSHEDOVA OMINA**
2nd year undergraduate student at the Institute for Asian and European Studies of Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, tel: 888880798.

*This article analyzes and explores the dynamics of relations between the European Union and Central Asia. The current stage of development of the world community has revealed issues of global importance, the solution of which requires the joint work of the European Union and Central Asia. As a geopolitical player, the European Union also defends its goals in the Central Asian region, since the geographical position of the Central Asian region is of particular importance in strengthening cooperation and geopolitical goals of the European Union. One of the main political interests of the European Union in Central Asia is to strengthen the democratic environment and market economy, where the energy sector has a special place. Another strategic goal of the European Union is aimed at active cooperation with the states of Central Asia to protect peace and ensure stability in the countries of this region.*

***Keywords:*** *European Union, Central Asia, geopolitics, foreign policy, international relations, international organizations, democracy, security, economy, national interests.*

# НАҚШИ ДАВЛАТҲОИ АБАРҚУДРАТ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**АШӮРОВ АРДАМЕҲР МУРОДҚУЛОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии ИОМДОА АМИТ
734025, Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33; тел: (+992) 917 34 02 94;
E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

**ТОШОВ ҲОҶИАКБАР МУҲИДИНОВИЧ**
Докторант PhD-и кафедраи сиёсатшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121; .тел: (+992) 934427707
E-mail: akbar.00007@mail.ru

*Дар мақола нақши абарқудратҳои ҷаҳонӣ дар таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар робита бо чолишҳо ва таҳдидҳои муосир баррасӣ гардидааст. Равобити давлатҳои минтақа бо Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупо дар мубориза бо чолишҳои хатарнок ва таҳдидҳои асри XXI яке аз масъалаҳои баҳсноки мақолаи мазкур мебошад. Қайд гардидааст, ки Осиёи Марказӣ ҷиҳати ҳамкорӣ бо абарқудратҳои ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, амнияти минтақаро масъалаи меҳварӣ қарор медиҳад, зеро суботу оромӣ дар минтақа на танҳо рушдиояндаи онро кафолат медиҳад, балки ба суботи ҷаҳонӣ низ мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти минтақавӣ, терроризм ва экстремизм, абарқудратҳои ҷаҳонӣ, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо.*

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар низоми ҷомеаи ҷаҳонӣ як қатор диргаргуниҳои амиқ ба вуқуъ пайвастанд, ки бешубҳа ба кишварҳои пасошӯравии минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири худро расониданд. Яъне, Осиёи Марказӣ ба майдони бархӯрди манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудраи ҷаҳонӣ мубаддал гардид. Зеро минтақа бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, вазъи геополитикӣ, захираҳои бузурги табиӣ минтақаи муҳими стратегӣ ба ҳисоб рафта, дар он манфиатҳои бисёре аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ, аз қабили Федератсияи Русия (ФР), Ҷумхурии Мардумии Чин (ҶМЧ), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА), Иттиҳоди Аврупо (ИА) қудратҳои минтақавӣ ба мисли Ҳиндустон, Покистон, Туркия, Эрон ва ғайра ба ҳам бармехӯранд [1].

Дар ин раванд як қатор омилҳое мавҷуданд, ки нақши Осиёи Марказиро дар доираи манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии кишварҳои абарқудрат, аз ҷумла, нақши ин кишварҳоро дар таҳкими амнияти минтақа муайян мекунанд:

**- якум,** Осиёи Марказӣ аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ дар маркази қитъаи Авруосиё ҷойгир аст, ки аз нигоҳи таъсири минтақа ба амният ва суботи қисми зиёди қитъа аз ҷиҳати стратегӣ муҳим арзёбӣ мегардад;

**-дувум,** минтақа дорои захираҳои зиёди табиӣ, пеш аз ҳама, карбогидридҳо аст, ки ин дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мебошад;

**-сеюм,** назорати захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва роҳҳои интиқоли онҳо имкон медиҳад, ки вазъияти Осиёи Миёна зери назорат гирифта шавад;

**-чаҳорум,** Осиёи Марказӣ дар пайванди долонҳои нақлиётии Авруосиё ҷойгир буда, дар минтақа шабакаҳои густурдаи нақлиётию коммуникатсионӣ мавҷуданд. Аз тариқи Эрон минтақаи Осиёи Марказӣ ба Халиҷи Форс, тавассути Афғонистону Покистон ба уқёнуси Ҳинд ва тавассути Чин баромад ба минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором дорад;

**-панҷум,** дар остонаи қарни XXI ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва қочоқи маводи мухаддир мубориза эълон кард. Аз ин рӯ, Осиёи Марказӣ дар меҳвари ин мубориза қарор гирифта, дар системаи нави муносибатхои байналхалкӣ боз як нақши муҳимро касб намуд. Яъне бо ин назардошт, дар минтақа таваҷҷуҳи абарқудратҳо чун Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Русия, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёд гардид.

Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳое ба ҳисоб меравад, ки дар он бевосита ФР, ҶМЧ, ИМА ва ИА мароқ зоҳир намуда, дар пайи амали намудани ҳадафҳо ва манфиатҳои худ ин кишварҳо байни ҳамдигар рақобат доранд. Яке аз масоиле, ки ин кишварҳоро дар минтақа ба ҳамдигар наздик менамояд, мубориза бо бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ ва қочоқи маводи мухаддир мебошад. Дар ин росто, кишварҳои минтақа низ ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ, подории сулҳу субот дар минтақа ва рушди бемайлони он ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо абарқудратҳои болозикр ба роҳ мондаанд.

Дар ин росто, дар зер давлатҳои абарқудрат аз ҷумлаи Федератсияи Русия, ҶМЧ, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо ва дар таъмини амнияти минтақавӣ дар аллоҳидагӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор дода мешавад.

**Федератсияи Русия** (ФР) яке аз кишварҳои абарқудрате мансуб меёбад, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати расидан ба аҳдофҳои сиёсӣ ва геопалитикии худ бо дигар кишварҳои абарқудрат пайваста дар мубориза аст. Инчунин, минтақаи Осиёи Марказӣ барои Федератсия Русия ҳамчун минтақаи ҳаётан муҳим арзёбӣ карда мешавад, ки аксари муҳаққиқон бо назардошти ҳамбастагии таърихӣ таъсири Русияро дар минтақа зиёдтар медонанд.

Чи хеле ки маълум аст, вазъи геополитикии Осиёи Марказӣ ва амнияти он дар сиёсати хориҷии ФР мақеъи меҳвариро касб менамояд. Зеро амнияти миллии

ФР алалхусус қисмати ҷанубии он ба таври мустақим ва ғайримустақим аз амнияти минтақа басо алоқамандии зиёд дорад. Масалан, дар яке аз баромадҳои худ Президенти ФР В.Путин мақеъи кишварҳои Осиёи Марказиро дар сиёсати хориҷии кишвараш чунин баён намудааст: “Федератсияи Русия минтақаи Осиёи Марказиро як минтақаи калидӣ дар манфиатҳои геополитикии худ медонад. Амнияти миллии Федератсияи Русия бевосита аз пойдории сулҳу субот дар ин минтақа алоқамандии зиёд дорад. Таҳдидҳои амниятӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Русия ба таври возеҳ таҷассум ёфтаанд, ки бештар аз ҳар давлати дигар аз рафъи онҳо нигарон аст” [7].

Аз ин рӯ, Федератсияи Русия дар сиёсати хориҷии худ мавқеъ ва манфиатҳои худро дар Осиёи Марказӣ фаъолона дифоъ мекунад. Зеро, ки нигоҳ доштани мавқеъ ва нуфуз дар Осиёи Марказӣ бахше аз талошҳо ҷиҳати нигоҳдорӣ ва таҳкими нуфуз ФР дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Аз дигар ҷиҳат, ФР яке аз бозигарони асосӣ ҷиҳати таъминати амният дар минтақа ба ҳисоб меравад. Зеро дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба истиснои Туркманистон) дар фаъолияти сохторҳои зиддитеррористӣ, аз қабили Маркази зиддитеррористии ИДМ, Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ ва СААД иштирок намуда, тадбирҳои муштараки мубориза бо терроризм ва экстремизмро таҳия ва амалӣ менамоянд.

**Ҷумҳурии мардумии Чин.** Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии ҶМЧ аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ мақеъи хосаро касб менамояд. Аз ин лиҳоз, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишварҳои минтақа ҶМЧ равобити дипломатии худро бо ин кишварҳо барқарор намуда, ҷиҳати ҳамкориҳои минбаъда мароқ зоҳир намуд.

Дар тӯли 30 соли охир ҶМЧ бо кишварҳои минтақаи Осиё Марказӣ муносибатҳои дӯстона дошта, аслан бо онҳо ягон зиддияти ҷиддӣ надорад ва сатҳи муносибатҳои сиёсии дуҷониба пайваста боло рафта истодаанд. Дар исботи гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки соли 1997 ҶМЧ дар анҷумани XV-уми Ҳизби комунистии худ эълом намуд, ки ҶМЧ пайваста барои таҳкими амнияти ҷаҳонӣ ҳамагуна муносибатҳои байналмилалии сулҳомезро пазироӣ намуда, “сиёсати ҳамсоягии нек, шарикӣ ва дустӣ”-ро дастгирӣ менамояд [3]. Дар ин росто, ҶМЧ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ “Созишнома оид ба ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ”-ро ба тавсиб расонида, “Эъломияи муштаракро оид ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории стратегӣ”-ро дар соли 2005 бо Қазоқистон, соли 2012 бо Ӯзбекистон ва соли 2013 бо Тоҷикистон, Туркманистон ва Қирғизистон ба имзо расонида аст [4].

Аз лиҳози сиёсӣ, таҳкими амният дар минтақа барои ҶМЧ хеле муҳим арёбӣ карда мешавад, зеро вазъи амниятии кишварҳои минтақа метавонад ба

Вилояти мухтори Шинҷон Уйғур, ки барои ҶМЧ минтақаи ҳассос ба ҳисоб меравад, таъсири манфии худро расонад. Аз ин лиҳоз, ҶМЧ бо кишварҳои минтақа ҳамкории дӯстона ва шарикии стратегиро ба роҳ монда, пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз мавқеъи манфиатҳои худ дар минтақа ҳимоят намояд.

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.** ИМА пас аз ҳодисаи 11-уми сентябри соли 2001 ва оғози амалиёти зиддитеррористии ИМА ва НАТО дар Афғонистон ба минтақаи Осиёи Марказӣ мароқ зоҳир намуда, ҳамкориҳоро дар самти мубориза бо терроризм ва экстремизм шурӯъ намуд. ИМА ба минтақаи Осиёи Марказӣ бо мақсади мубориза бо терроризми байналмилалӣ ворид гардид, ҳол он ки пеш аз шурӯъи амалиёти зиддитеррористӣ, минтақа дар даврони Шуравӣ барои ИМА дастнорас буд ва дар madди таваҷҷӯҳи ин кишвар қарор надошт [6].

Пас аз ворид гардидани нерӯҳои байналмилалӣ ба сарзамини Афғонистон амнияти минтақа низ каме ба эътидол омад. Зеро дар Афғонистони нооором, ки зери итоати ҳаракати “Толибон” қарор дошт, пайваста ба қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдидҳои гурӯҳҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ ба чашм мерасид. Бояд зикр намуд, ки бештари гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистии дар минтақа фаъолияткунанда дар Афғонистон маскан намуда дар минтақа ба таври ғайриқонунӣ ва бо гаравидани бошандагони минтақа амалҳои нопоки худро анҷом медоданд.

Имрӯзҳо гарчанде, ки нерӯҳои байналмилалӣ хоки Афғонистонро тарк намудаанд, вазъ куллан дигаргун гардидааст. Яъне ҳукумати Афғонистон сарнагун гардид ва ҳаракати “Толибон” боз ба сари қудрат расид. Аммо, ҳамоно ИМА кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки дар минтақа боқӣ бинонад то ки аз манфиатҳои худ дар минтақа ҳимоят кунад. Агар ба ҳамкориҳои имрӯзаи ИМА ва кишварҳои минтақа мавриди таҳлил қарор диҳем пас маълум мегардад, ки ҳамкориҳои онҳо бештар хусусияти гуманитариро доро мебошад, ки тавассути як қатор лоиҳаҳо амалӣ гардида истодаанд.

**Иттиҳоди Аврупо.** Амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ дар мадди назари ИА қарор дошта, бо пиёда намудани як қатор лоиҳаҳои бузург дар самти ҳимояи сарҳадот нигаронида шудааст. Ҳодисаи моҳи сентябри соли 2001 омили асосии таваҷҷуҳи ИА ба минтақа мебошад [8].

Аҳамияти геостратегии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳаводиси Афғонистон Иттиҳодияи Аврупоро водор кардааст, ки барои тавсеаи ҳамкорӣ бо минтақа, аз ҷумла дар бахшҳои марбут ба амнияти Аврупо маблағгузориро афзоиш диҳад. Аз ин рӯ, ИА ба амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ ба таври ғайримустақим тавассути маҷмӯи ҳамаҷонибаи барномаҳо ва лоиҳаҳо, ки ба дастгирии ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд, саҳмгузорӣ менамояд. Маълум аст, ки ду барномаи бузурги алоқаманд бо амнияти минтақа шурӯъ аз соли 2000-ум амали гардида истодаанд, ки ин

Барномаи пешгирии маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ (CADAP), бо мақсади дастгирии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо қочоқи маводи мухаддир аз Афғонистон ва Барномаи «Идоракунии сарҳадот дар Осиёи марказӣ» (БОМКА) ба таҳкими назорати сарҳадоти минтақа нигаронида шудааст, мебошад.

Ҳамчунин, шурӯъ аз соли 2013 ҷаласаи якҷояи Иттиҳодияи Аврупо бо кишварҳои минтақа бахшида ба масъалаҳои амниятӣ дар формати муколамаи сатҳи баланд баргузор мегардад, ки  далолат аз таваҷҷуҳи кишварҳои ИА ба минтақа мебошад. Бояд қайд намуд, ки ҳадафи асосии ин гуна ҷаласаҳо баррасии масоили мавриди таваҷҷӯҳи муштарак яъне терроризми байналхалқӣ, ифродгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва назорати сарҳадотӣ мансуб меёбад.

Дар хулоса метавон дарҷ намуд, ки таҳдид ва ҷолишҳо бо назардошти вазъи кунунии фазои сиёсии Афғонистон то ба ҳол дар минтақа боқӣ монда, нигаронкунанда мебошад. Алалхусус, таҳдидҳо аз он сӯи Афғонистон пас аз сари қудрат омадани “Толибон” бештар гардидааст. Масъалаи Афғонистони бесубот манбаи асосии таҳдидҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, кишварҳои минтақа дар ҳамбастагӣ, дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ муборизаро бар зидди ин зуҳуротҳои номатлуботи замони муосир ҳамкориҳоро ба роҳ монда, ҷиҳати таҳкими  таҳкими амнияти Осиёи Марказӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Агар аз мавқеи кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ дар минтақа ибрози андеша намоем пас бар меояд, ки дар минтақа аз лиҳози ҳарбию низомӣ ФР нисбат ба дигар абарқудратон комилан пешсаф аст зеро ФР ягона кишваре мансуб меёбад, ки пойгоҳҳои худро дар минтақа ҷойгир намуда, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар доираи созмонҳои минтақавӣ басо хуб ба роҳ мондааст. Аз дигар ҷиҳат, Русия яке аз бозигарони асосии минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, дар самти пешгирииии хатарҳои муосир ва ҳифзи сарҳадҳои хориҷии Иттиҳоди давлатҳои мустақил маоми бориз дорад. Дар шароити фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, зуҳури хатарҳои нави ғайрианъанавӣ, ташаккули қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои минтақа дар шароити мураккаби буҳронӣ ҳамчун самти афзалиятнок қарор додани ҳамкорӣ бо Федератсияи Русия яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатро бо Федератсияи Русия дар сатҳи шарикии стратегӣ ба роҳ монда, бар ин ақида аст, ки ҳамкории стратегии ҳамаҷонибаи мутақобилан судманди сиёсӣ-дипломатӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ, низомӣ ва фарҳангӣ бо Федератсияи Русия яке аз омилҳои муассири суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ дар кишвар ва минтақа мебошад.

Ба тариқи дигар гуфта метавонем, ки дар ин гузориши худ, мо то андозае муҳиммияти минтақаи Осиёи Марказиро барои абарқудратҳо нишон додем ва ҳамчунин нақши кишварҳои абарқудрати ҷаҳониро ба монанди Федератсияи

Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Ҷумҳурии мардумии Чин ва Иттиҳоди Аврупо дар таҳкими амнияти минтақа мавриди таҳқиқ қарор додем. Аз ин раванди таҳқиқот муайян мешавад, ки дар шароити нави шаклгирии муносибатҳои байналмилалӣ устувор нигоҳ доштани суботи минтақавӣ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ ниҳоят зарур аст. Аз ин рӯ, Осиёи Марказиро зарур аст, ки минбаъд ҷиҳати ҳамкорӣ бо чунин абарқудратҳо пеш аз ҳама амнияти минтақаро масъалаи меҳварии ҳамкориҳо қарор диҳад, зеро суботу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ на танҳо рушди ояндаи минтақаро кафолат медиҳад, балки ба суботи ҷаҳонӣ низ мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ:**

1. Видрицкая Н.И., Майдабекова М.С., Смагулова Ж.К. Центральная Азия как объект влияния треугольника «Китай– Россия - США» // Молодой ученый. – 2016. - №27. – С.375-377.

2. Мирзоев, Н.М. Современное состояние и перспективы развития межгосударственных отношений между КНР и Республики Таджикистан (на тадж. языке) / Н.М. Мирзоев // Вестник ТГПУ им.С.Айни. - 2019. -№6. -С.162-169. ISSN-2219-5408

3. Нгуен С.К. Политические реформы в Китае в первые годы XXI века, Международные отношения и мировая политика стр. 159-16

4. Чжао Хуашэн. Создание образа: как Китаю закрепиться в Центральной Азии. Вестник Синьцзянского педагогического университета (Философия и общественные науки) – Vol. 36, № 4, Jul. 2015, p. 66–75

5. Шарипов, А.Н. Осиёи Марказӣ дар низоми геополитикии Россия: марҳилаҳои таърихӣ ва воқеият. [Матн] / А. Шарипов // Илм ва фановарӣ № 1) 2013 - С.258

6. Lagueur W. No End to War. Terrorism in the Twenty-First Century. New York Continum. 2003. P. 79

7. http://kremlin.ru/events/president/transcripts/messages

8. Boonstra J., Tsertsvadze T. Implementation and review of the European Union – Central Asia Strategy: Recommendations for EU action. European Parliament Think Tank, 2016. P.4.

9. Fuller G. Central Asia, the New Geopolitics. Santa Monica: Rand Corporation, 1992. XVI + P.86.

## РОЛЬ СВЕРХДЕРЖАВ В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**АШУРОВ АРДАМЕХР МУРОДКУЛОВИЧ**

кандидат исторических наук, ведущий научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ. 734025, Таджикистан Душанбе, пр. Рудаки 33; телефон: (+992) 917 34 02 94; E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

**ТОШОВ ХОДЖИАКБАР МУХИДИНОВИЧ**
Докторант PhD кафедры политологии ТГПУ имени Садриддина Айни
734003, Таджикистан Душанбе, пр. Рудаки 121; Тел: (+992) 934427707
E-mail: akbar.00007@mail.ru

*В статье рассматривается роль мировых сверхдержав в обеспечении и укреплении региональной безопасности Центральной Азии в контексте современных вызовов и угроз. Изучено и проанализировано особенности сотрудничества государств региона с Российской Федерацией, Китайской Народной Республикой, Соединенными Штатами Америки и Европейским Союзом в борьбе с опасными вызовами и угрозами XXI века. Отмечо, что странами региона налажено двустороннее и многостороннее сотрудничество с вышеуказанными сверхдержавами, что послужило укреплению региональной безопасности, поддержанию мира и согласия в регионе и его устойчивому развитию.*

***Ключевые слова:*** *региональная безопасность, терроризм и экстремизм, мировые сверхдержавы, Российская Федерация, Китайская Народная Республика, Соединенные Штаты Америки, Европейский союз.*

## *THE ROLE OF THE SUPERPOWERS IN ENSURING THE SECURITY OF CENTRAL ASIA*

**ASHUROV ARDAMEHR MURODKULOVICH**
Candidate of Historical Sciences, Leading Researcher, Institute for the Study of Asian and European Countries, NAST
734025, Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave. 33; phone: (+992) 917 34 02 94; E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

**TOSHOV KHODJIAKBAR MUHIDINOVICH**
PhD student of the Department of Political Science, Sadriddin Aini TSPU
734003, Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave. 121; Tel: (+992) 934427707
e-mail: akbar.00007@mail.ru

*The article considers the role of world superpowers in ensuring the regional security of Central Asia in connection with modern challenges and threats. The*

*cooperation of the states of the region with the Russian Federation, the People's Republic of China, the United States of America and the European Union in the fight against dangerous challenges and threats of the 21st century has been studied. It is noted that the countries of the region have established bilateral and multilateral cooperation with the above superpowers in order to strengthen regional security, maintain peace and harmony in the region and its sustainable development.*

***Key words:*** *regional security, terrorism and extremism, world superpowers, Russian Federation, People's Republic of China, United States of America, European Union.*

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ГУМАНИТАРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКИЯ

**ТУРСУНОВ ҲУСЕН ЮЛДОШОВИЧ**
ходими хурди илмӣ, докторант (PhD) – и курси 2 - юми шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики ИОМДОА АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734025, ш. Душанбе, Кӯчаи Рӯдакӣ 33.Тел.: +992 92-755-57-67; E – mail: husentursunov.tj@osiyoavrupo.tj , tursunovhusen.tj@gmail.com

*Дар ин мақола ҳамкориҳои иқтисодию гуманитарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва гуманитарӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои тарафайн ба ҳисоб рафта, дар давоми 30 сол ҷонибҳо дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Ва метавон қайд намуд, ки дурнамои ин ҳамкориҳо умедбахш буда, баҳри боз ҳам қавитар гаштани муносибатҳои дуҷониба нақши калидиро хоҳад бозид. Зеро ҷонибҳо ба ин самти ҳамкориҳо диққати аввалиндараҷа дода истодаанд. Дар партави ҳамкориҳои иқтисдию гуманитарӣ миёни ду кишвар метавон қайд намуд, ки то ба имрӯз ҷонибҳо як қатор созишномаҳоро ба имзо расонида, дар доираи ин чандин лоиҳаиҳои хурду бузургро дар самтҳои мухталиф татбиқ намудаанд ва баъзеи онҳо дар ҳоли амалишавӣ қарор дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои дуҷониба, иқтисод, тиҷорат, кӯмакҳои гуманитарӣ.*

Ҳамкориҳои иқтисодӣ, яке аз муҳимтарин унсурҳои муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки кишварҳоро дар меҳвари худ ба ҳам мепайвандад. Зеро яке аз мақсадҳои асосии давлатҳо дар замони муосир, ин расидан ба нуқтаи охирини рушди устувор ва таъмини пешравии иқтисодӣ ба шумор меравад [1]. Ин ҳам бошад, дар шароити замони муосир барои давлатҳое, ки бо ин мақсад сиёсати худро дар арсаи байналмилалӣ пеш бурдан мехоҳанд, бидуни густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳо ва табоддули молу маҳсулот, сармоягузорӣ ва дар ин чорчӯба дар миёни ҳамдигар ҷорӣ намудани кӯмакҳои моддию техникӣ имконнопазир мебошад. Яъне, метавон қайд намуд, ки тавассути додугирифти тиҷоратӣ кишварҳо метавонанд раванди тараққиёти худро тезонида дар айни замон ҳамкориҳои худро бо дигар давлатҳо тақвият бахшанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз рӯзҳои аввали расидан ба соҳибистиқлолӣ ва таъсис додани сохтори сисёсати хориҷии худ бо дигар кишварҳо, инчунин бо онҳо ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва роҳҳои густариш додани онро яке аз мақсадҳои асосии худ қабул карда буд ва то имрӯз низ робитаҳои иқтисодию сармоягузории хориҷӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсуси худро доро мебошад. Дар ин росто қобили қайд аст, ки то имрӯз дар ин самт Тоҷикистон ба як қатор дастоварҳои назаррас ноил гардидааст ва рӯз то рӯз барои фароҳам овардани шароити мусоид дар Тоҷикистон баҳри сармоягузорон ва шарикони иқтисодие, дар инҷо кору фаъолият мекунанд, қонуну қарорҳои нав ба нав қабул шуда истодааст. Махсусан, дар чорҷӯбаи Сртатегияи миллии рушд барои то соли 2030 ва илова бар ин ҷиҳати иҷро шудани “ҳадафи чоруми миллӣ-саноатнунонии босуръати кишвар” инчунин эълон шудани “2022 – 2026 солҳои рушди саноат” ба истеҳсолкунандагон, сармоягузорон ва тоҷирони хориҷӣ як қатор афзалиятҳо пешнид карда шуд.

Ҷумҳурии Туркия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати тоҷик ҳамчун як кишвари дӯсту бародар эътироф карда шудааст. Зеро чи гунае, ки таърих гувоҳ аст, ин ҳарду миллат дорои пайвандҳои ногусастанӣ ва мероси муштараки таърихӣ мебошанд, ки онҳоро фарзандони нобиғаи тоҷик, аз ҷумла, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Низомулмулк, Имом Абуҳанифа ва ғайра ба ҳам пайванд месозанд.

Ин буд, ки аз рӯзҳои аввал, ҳамкориҳо миёни Тоҷикистону Туркия баъд аз чандинсолаҳо бидуни ягон мамонеъ ташаккул дода шуд. Ва ин ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун то имрӯз бо ҷаҳду талоши бевоситаи ҳукумати ҳарду кишвар ва ҷалби ҳамаи имкониятҳои мавҷудани тарафайн дар ин самт, густариш ёфта истодааст.

Робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитарӣ бошанд, яке аз самтҳои муҳим ва фарогири ҳамкориҳои тарафайн ба ҳисоб мераванд. Зеро ҷонибҳо аз рӯзи аввал барои густариши ин самтҳо диққати бештар зоҳир намуда буданд.

Бо дар назардошти таҳаввулотҳо ва вазъи кунуни ҷаҳон ва минтақа, тақвият бахшидани робитаҳои иқтисодӣ ба манфиати ҳарду кишвар мебошад, ки инро чунин шарҳ додан мумкин аст: Тоҷикистон дар баъзе самтҳо, хусусан дар саноати сабуку вазнин ва инноватсиякунонии соҳаҳои мухталифи кишвар ба ҷалби технологияи баландсифат ва нархи наонқадар гарондошта эҳтиёҷ дорад ва мушкилоти худро тавссути густариш додани робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо Туркия бартараф кардан мехоҳад. Аз ҷониби дигар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин роҳ кӯшиш менамояд, ки

пайвандҳои иқтисодию тиҷоратии худро бо кишварҳои Аврупоӣ аз тариқи қаламрави Туркия ба роҳ монад.

Густариши робитаҳои иқтисодию гуманитарӣ барои Туркия низ аз манфиат холӣ нест. Зеро ки Ҷумҳурии Туркия дар раванди ғасбшавии бозори калонҳаҷми Осиёи Марказӣ аз ҷониби давлатони абарқурдат бенасиб будан намехоҳад. Ва густариши ҳамкориҳои иқтисодию гуманитарӣ бо Тоҷикистон ба Туркия имкон фароҳам меоварад, то ин ки дар ин минтақа ҳам аз ҷиҳати иқтисодию сармоядорӣ ва ҳам аз ҷиҳати таблиғу тарғиби фарҳангу ойини туркӣ ба худ ҷойгоҳи махсусро касб намояд [2].

Ин буд, ки соли 1993 аввалин ҳамкориҳои иқтисодӣ зери муҳокимаи тарафайн қарор гирифт ва 8 - уми апрели ҳамин сол "Созишнома барои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ " миёни ҳарду кишвар ба имзо расонида шуд [3]. Дар айни замон тибқи моддаи IX – и ҳамин созишнома "Комиссияи муштараки иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Туркия" таъсис дода шуд, ки ин комиссия то имрӯз 12 нишасти худро барпо намудааст.

Инчунин дар ҳамин сол "Созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Экзимбонки Туркия барои додани қарзи молияӣ ба миқдори 50 млн. доллари США" дар шаҳри Анқара ба имзо расид. Дар ин асос содироти равған, шакар, техника ва таҷҳизоти саноатӣ, доруворӣ ва дигар намуди молу маҳсулот сармоягузорӣ карда мешуд [4, с. 150]. То имрӯз дар чорчӯбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ навсозии Фурудгоҳи Байналмилалии Душанбе ва Кӯлоб ба маблағи 8 миллион доллари амрикоӣ, таъмири агрегатҳои нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва ба истифода додани хатти телефонҳои хонагӣ барои 2500 истифодабаранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Туркия ба анҷом расонида шудааст [4, с. 140].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон бори охир соли 2013 аз Ҷумҳурии Туркия дидан намуда, ҳангоми ин сафар аз ҷониби Ректори Донишгоҳи Салчуққ дар шаҳри Кония буда, бо унвони ифтихории "Доктори фахрӣ" сарфароз гардонида шуд. Дар ин боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар форуми тиҷоратие иштирок варзид, ки дар он зиёда аз 700 соҳибкорон ширкат доштанд. Дар ин форум аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ба соҳибкорону тоҷирон як қатор имкониятҳо пешниҳод гардид, ки ин ҳам фаъолияти соҳибкорону сармоядоронро оссонтар ҳам дар рушди соҳаҳои гунонгун дар кишварамон манфиатовар буд. Натиҷаи ҳамаи ин кӯшишу талошҳои тарафайн буд, ки ҳаҷми тиҷорати тарафайн дар охири соли 2013 ба 655 млн. доллари америкоӣ расид, ки дар таърихи ҳамкории тиҷоратии ду кишвар то имрӯз ҳамчун нишондоди

рекордӣ боқӣ мондааст [2; С.130]. Дар соли 2020 бошад, новобаста аз таъсири манфии пандемияи COVİD -19 ба иқтисод ва гардиши молу маҳсулот дар байни кишварҳо, гардиши молу маҳсулот дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия нисбати ба соли пешин 17% зиёд шуда, ба ҳаҷми 323 миллион доллари америкоӣ расид [5].

Дар заминаи рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии миёди ду кишвар то имрӯз дар Тоҷикистон як чанд корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ба таври муштарак бунёд карда шудаанд, ки калонтарини онҳо Акиа–Авесто отомотив индастри, Кока–Кола – нӯшокиҳои Тоҷикистон ва ғайра мебошанд [6, с. 82].

Илова бар ин дар Тоҷикистон бо маблағгузории пурраи соҳибкорони турк як қатор ширкату корҳонаҳое, ки самти фаъолияташон гуногун мебошад таъсис дода шудаанд, ки калонтарини онҳо “Бурсел Ҳолдинг”, “Кайнак”, “Анка” ва ғайра мебошанд [6, с. 84].

Дар давоми 20 соли охир ширкатҳои сохтумонӣ ва саонатии туркӣ зиёда аз 120 лоиҳаро дар ҳаҷми 600 млн доллари ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба итмом расонидаанд. Дар айни ҳол бошад, зиёда аз 80 ширкатҳои туркӣ дар соҳаҳои гунонгун, алалхусус саноати вазнин ва сабук, нассоҷӣ ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди худро ба роҳ монда истодаанд [7].

Ҳамаи инҳо дар навбати худ аз як тараф ба баланд шудани сатҳи зиндагии омма, дастрасии аҳолӣ ба молу маҳсулот ва хизматрасонии босифат аз тарафи дигар бошад ба паст шудани сатҳи бекорӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Ҳаҷми сармоягузорӣ аз ҷониби Туркия дар солҳои 2007 – 2020 бошад 221,7 млн. доллари амрикоӣ ва ё худ 2%- и хизматрасонии молиявӣ, саноат ва савдоро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 бошад сармоягузоории Туркия – 25,2 млн. доллари амрикоӣ худ 7,4 фоизи сармояи хориҷиро ташкил медиҳад, ки асосан ба истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, истеҳсоли обҳои минералӣ ва дигар обҳои зарфшуда, истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизотҳои таъиноти умумӣ равона карда шудааст [8]. Бояд тазаккур дод, Ҷумҳурии Туркия аз миёни сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон дар соли 2018 ҷойи 2- юм ва дар соли 2019 бошад ҷойи 4 -умро касб намуда буд [9]. Ин дар айни замон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шароит ва имкониятҳои сармоягузорӣ дар кишвари мо рӯз от рӯз хуб шуда истодааст ва аз тарафи дигар бошад, ҳам ҳукумати Тоҷикистон ҳам ҳукумати Туркия ва ҳам соҳибкорони Туркия барои қавитар намудани ҳамкориҳои дуҷониба ба бештар намудани

самарранокии он ба манфиати миллии ҳар ду двалат мусоидат намуда истодаанд.

Аз рӯи нишондодҳои омории соли 2020 ҳаҷми тиҷорат дар байни ду кишвар 323 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбат ба як соли пешин 17% фоиз зиёд мебошад. Тоҷикистон аз Туркия маҳсулоти саноатӣ, масолеҳи сохтумонӣ, озуқаворӣ, таҷҳизоти гуногун ва пӯшокаро ворид намуда, ба Туркия алюминий, абрешим ва пахтаи коркардкардашуда, равғанҳои саноатӣ ва пӯсту ҷарм содир менамояд. Дар соли 2021 ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки ҳаҷми содиротро нисбат ба воридот зиёд намуда, мувозинати савдои хориҷиашро бо Туркия хуб нигоҳ дорад [10].

**Робитаҳои гуманитарӣ**. Дар радифи густариши робитаҳои иқтисодӣ миёни ду кишвар инчунин ҳакориҳои гуманитарӣ ва роҳандозӣ намдудани кӯмакҳои башардӯстона дар миёни Тоҷикистону Туркия рӯз то рӯз ба худ шакли фаррохтареро касб намуда истодааст. Дар ин самт бошад, асосан саҳми ҷониби Туркия хеле назаррас мебошад. Зеро Ҷумҳурии Туркия бо таъсис додани дафтарҳои кории ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатии туркӣ дар Тоҷикистон, ки самти фаъолияти онҳоро кӯмакҳои гуманитарӣ ташкил медиҳад, кӯшиш ба ҳарҷ дада истодааст, ки то ҷойе, ки имкониятҳои мавҷудаи ин кишвар даст медиҳанд, ба Тоҷикистониён дасти кӯмаки худро дароз намояд.

Дафтари "Агентии Туркӣ оид ба Ҳамкорӣ ва Рушд" (TİKA) яке аз ниҳодҳои давлатии Туркия ба ҳисоб меравад, ки дар соли 1991 барои пиёда кардани сиёсати нарми ин кишвар ва бо ин восита дар раванди азнавбақароркунии мезанизмаҳои давлатӣ ва таъсиси инфрасохтори соҳаҳои гунонун дар давлатҳои навтаъсиси Осиёи Миёна ва дигар давлатҳое, эҳтиёҷ ба дастгирии моддию техникӣ доранд таъсис дода шудааст [11]. Дафтари ин ниҳод дар Тоҷикистон бошад, соли 1996 ба фаъолияти худ оғоз намуд. Бинобар маълумоти додаи - сухангӯи дафтари TİKA дар шаҳри Душанбе Азимҷон Ҳаитбеков, ин ниҳоди туркӣ барои саҳмгузор будан дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон, то соли 2021 зиёда аз 400 лоиҳаҳоро ба маблағи зиёда аз 30 миллион доллари амрикоӣ дар соҳаҳои гуногун алалхусус тандурустӣ, маориф, илм, кишоварзӣ, обёрикунӣ, таҷҳизотонидани ниҳодҳои давлатӣ ва таъминоти инфрасохтории онҳо, ба роҳ мондани курсҳои омӯзишӣ барои кормандони соҳаҳои гуногун ва ғайра дар манотиқҳои гуногуни кишварамон амалӣ кардааст [12].

## АДАБИЁТ:

1. Fatih mehmet öcal. Türkiye'nin sanayileşme sürecine genel bakış: 2000-2013. Selcuk University Journal of Social and Technical Researches Volume:8, 2014, p. 14-25. C-2.
2. Türkan BUDAK. Global Geoeconomic Rivalry in Central Asia and Turkey. Bilge Strateji, Cilt 5, Sayı 9, Güz 2013, ss.125-142. C – 128 – 129.
3. https://ticaret.gov.tr/yurtdisi-teskilati/orta-asya/tacikistan/ikili-anlasmalar/iki-ulke-arasinda-ticaretin-altyapisini-olusturan-anlasma-ve-protokoller (Санаи воидшавӣ: 21.04.2022)
4. Akçalı, Pınar, "Bağımsızlıktan Günümüze Türkiye-Tacikistan İlişkileri", Uluslararası İlişkiler, Cilt 2, Sayı 5 (Bahar 2005), s. 138-160. C.150.
5. https://www.aa.com.tr/tr/ekonomi/turkiye-ile-tacikistan-arasindaki-ekonomik-iliskiler-derinlesiyor/2390908 (Санаи муроҷиат: 25.01.2022)
6. Gulyam YULDASHEV. bağimsizliktan sonra tacikistan cumhuriyeti ile türkiye cumhuriyeti arasindaki diş siyaset, ekonomik güçlendirme ve gelişmeye yönelik ilişkiler. t.c. gazi üniversitesi sosyal bilimler enstitüsü uluslararasi ilişkiler ana bilim dali uluslararasi ilişkiler bilim dali. ankara – 2013.ss. 154. c. 82 – 84.
7. https://www.deik.org.tr/uploads/turkiye-tacikistan-ticari-ekonomik-ve-kulturel-iliskileri-sonuc-raporu.pdf (санаи воридшавӣ: 12.05.2022).
8. https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3b858f73c.pdf (санаи воидшавӣ 12.05.2022).
9. MEHMED ÖZKAN.DEİK. türkiye-tacikistan ticari, ekonomik ve kültürel ilişkileri webinarı. 8 aralık 2020, Zoom Online Konferans Sistemi. C. 3.
10. https://www.aa.com.tr/tr/ekonomi/turkiye-ile-tacikistan-arasindaki-ekonomik-iliskiler-derinlesiyor/2390908 (санаи воридшавӣ: 12.05.2022).
11. BURÇİN HAFİZE TARCAN. Orta Asya ve Türkiye. Karabük Üniversitesi. Uluslararasi İlişkilerde Gündeme Dair-Ii : Rusya-Çin-İran Ekseninde Orta Asya. E – Bülten. Temmuz - 2017 Sayi : 2. Ss. 16-21. C.16.
12. Мусоҳиба бо сухангӯи дафтари ТИКА дар ш. Душанбе 10.03.20222.

# ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И ГУМАНИТАРНЫЕ ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И ТУРЦИЕЙ

**ТУРСУНОВ ХУСЕН ЮЛДОШОВИЧ**

младший научный сотрудник, докторант (PhD) 2 курса отделения Среднего и Ближнего Востока ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан 734025, ш. Душанбе, улица Рудаки 33. Телефон: +992 92-755-57-67; E – mail: husentursunov.tj@osiyoavrupo.tj , tursunovhusen.tj@gmail.com

*В данной статье рассматривается экономическое и гуманитарное сотрудничество между Республикой Таджикистан и Турецкой Республикой. Результаты исследования показывают, что торгово-экономическое и гуманитарное сотрудничество является одним из приоритетных направлений двустороннего сотрудничества, и за тридцать лет стороны добились значительного прогресса в этой сфере. Следует отметить, что перспективы этого сотрудничества многообещающие, и ключевую роль будет играть укрепление двусторонних отношений. Потому что стороны отдают приоритет этому направлению сотрудничества.*

*В свете экономического и гуманитарного сотрудничества между двумя странами на сегодняшний день сторонами подписаны ряд соглашений и реализованы ряд малых и крупных проектов в различных сферах, а некоторые из них находятся в стадии реализации.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Турецкая Республика, международные отношения, двустороннее сотрудничество, экономика, торговля, гуманитарная помощь*.

## ECONOMIC AND HUMANITARY RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND TURKİYE

**TURSUNOV HUSEN YULDOSHOVICH**
Junior researcher, doctoral student (PhD) of the 2nd year of the Middle and Near East Department of the Institute for the Study of the Issues of Asian and European States of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan 734025, sh. Dushanbe, Rudaki Street 33. Phone: +992 92-755-57-67;
E – mail: husentursunov.tj@osiyoavrupo.tj , tursunovhusen.tj@gmail.com

*This article examines economic and humanitarian cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Turkiye. The results of the study show that economic, trade and humanitarian cooperation is one of the priority areas of bilateral cooperation, and for thirty years the parties have made significant progress in this area. It should be noted that the prospects of this cooperation are promising, and the strengthening of bilateral relations will play a key role. Because the parties are giving priority to this area of cooperation.*

*In the light of economic and humanitarian cooperation between the two countries, it should be noted that to date, the parties have signed a number of agreements and implemented a number of small and large projects in various areas, and some of them are being implemented.*

**Keywords:** Republic of Tajikistan, Republic of Turkiye, international relations, bilateral cooperation, economy, trade, humanitarian aid.

# ФАЪОЛИЯТИ ГУНОГУНСАМТАИ АГЕНТИИ ТУРКӢ ОИД БА ҲАМКОРӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗӢ (ТИКА) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**СОАТОВА КОМИЛА АБДУЛМАЖИТОВНА**
Магистранти соли дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға:735025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел: +992 901335599 E – mail: komilasoatova677@gmail.com

*Мақолаи мазкур ҳамкориҳои гуманитарӣ ва башардӯстонаи Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ҳамчунин, лоиҳаҳои амалинамудаи Агентии туркӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (ТИКА) дар давоми солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташрифҳои расмиву дипломатӣ, рушди робитаҳо ва ҳамкориҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории муштарак байни Тоҷикистону Туркия ба таври фаъол дар самти маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ, хизматрасонӣ ва ғайраҳо дар мақола мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо**: Лоиҳа, агентӣ, байналмилалӣ, иқтисод, сиёсат, сайёҳӣ, тандурустӣ, хизматрасонӣ, маориф, сармоягузорӣ.*

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ истиқлолияти давлатиро ба даст оварданд ва ба Туркия муяссар гардид, ки бо ин минтақа ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамтаро дуруст ба роҳ монад. Истиқлолияти давлатҳои Осиёи Марказӣ ба Туркия имконияти бештаре дод, ки бо кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон, махсусан, бо давлатҳои туркзабон равобити дуҷониба ва бисёрсамтаи ин кишварҳо роҳ кушояд. Рушди равобит бо ин кишварҳо бар пояи муштаракоти забонӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва этникӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Туркия қарор дошт. Соли 1992 барои маблағгузорӣ, таҳия ва ҳамоҳангсозии фаъолият ва лоиҳаҳо дар соҳаҳои гуногун Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (ТИКА) таъсис дода шуд. Дар Тоҷикистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дафтари ҳамоҳангсозии барномаҳои ТИКА таъсис дода шудаанд, ки онҳо дар соҳаҳои маориф, кишоварзӣ, саноат ва молия лоиҳаҳои зиёд амалӣ гардониданд. Дар солҳои аввал таваҷҷуҳи асосӣ ба лоиҳаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ, аз қабили сохтмони мактабҳо, донишгоҳҳо, китобхонаҳо ва додани стипендияҳо ба донишҷӯён барои таҳсил дар Туркия буд [1].

Соли 1995 Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд ва бинобар сабаби номуътадил будани вазъият дар Тоҷикистон , аз моҳи ноябри соли 1996 то моҳи сентябри соли 2000

фаъолияти ҳамоҳангсозии Агентӣ муваққатан ба таъхир гузошта шуд. ТИКА аз моҳи сентябри соли 2000 боз фаъолияти худро оғоз намуда, то ин ҷониб фаъолияти бевоситаи худро идома дода истодааст.

Яке аз лоиҳаҳои амалинамудаи ТИКА дар самти илм моҳи майи соли 2018 бо таҷҳизоти лозима муҷаҳҳазонидани Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва кушодани гӯшаи туркӣ дар Институти мазкур ба ҳисоб меравад. Дар санаи 19-20-уми октябри соли 2018 дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Симпозиуми байналмилалии илмӣ таҳти унвони "Мавлоно васлгари халқҳо ва тамаддунҳо" баргузор гардид, ки дар он ректори Донишгоҳи Салҷуқи Қуния Др.Проф. Мустафо Шоҳин, ноиби президенти ТИКА Сурейя Эр, сафири Ҷумҳурии Туркия дар Тоҷикистон Алӣ Рифъат Кӯксал ва якчанд кормандони донишгоҳҳои Туркия ба Тоҷикистон ташриф оварда, дар ин симпозиум иштирок намуданд. Ректори Донишгоҳи Салҷуқи Қуния др.проф. Мустафо Шоҳин дар рафти сафари худ бо ректори онвақтаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф вохӯрӣ анҷом дод. Дар натиҷаи вохӯрӣ миёни ду донишгоҳ ҳамчун мубодилаи донишҷӯён ва омӯзгорон бо мақсади дар маҷмуъ густариш додани ҳамкориҳои миёни ду донишгоҳ ёддошти тафоҳум ба имзо расонида шуд [3].

Тибқи шартномаи баимзорасида, бо пардохт намудани масрафҳо аз ҷониби Ҷумҳурии Туркия донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон имконият пайдо намуданд, ки дар донишгоҳҳои Туркия таҳсили илм намоянд.

ТИКА ба лоиҳаҳои амалинамудааш дар самти маориф боз як лоиҳаи наверо илова намуд. Калонтарин толори лексиониро дар яке аз донишгоҳҳои бонуфузи кишвар-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар "Шаҳраки донишҷӯён" ҷойгир аст, азнавсозӣ намуд.

11-13 – уми октябри 2021 дар меҳмонхонаи "Hayatt Regency"-и шаҳри Душанбе ҷаласаи 11-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркия оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ баргузор гардид. Дар кори ҷаласа масъулини вазорату идораҳо ва роҳбарияти намояндагиҳои дипломатии ду кишвар, сармоягузорон, инчунин субъектҳои бахши хусусии Тоҷикистон ва Туркия аз ҷумла, самтҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ, нақлиёт, саноат, маориф ва илм, кишоварзӣ, муҳоҷират, энергетика, тандурустӣ, фарҳанг ва сайёҳӣ иштирок намуда, доираи васеи масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои дуҷонибаро баррасӣ намуданд [5].

Тайи солҳои охир дар доираи ҳамкориҳои судманди тарафайн чорабиниҳои муштарак миёни корхонаву муассисаҳои гуногуни ду кишвари ба

ҳам дӯст мунтазам роҳандозӣ гардида, лоиҳаҳои бештареро дар доираи барномаи Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ анҷом дода истодаанд.

Ёдовар мешавем, ки 29-уми апрели соли 2021 миёни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ, Дафтари ҳамоҳангсозии Барномаи ТИКА дар шаҳри Душанбе ва Маркази омӯзиши забони туркӣ (TTÖMER) қарордод оид ба ҳамкорӣ дар бораи таъсиси "Маркази дӯстӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркия" ба имзо расида, айни замон маркази номбурда фаъолияти худро дар академияи мазкур идома дода истодааст [2].

**Лоиҳаҳои амалинамудаи (ТИКА) дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ.**

Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муҳими соҳаи тандурустӣ саҳми беандозаи худро гузоштааст.

ТИКА дар Тоҷикистон беморхонаҳо ва дармонгоҳҳои тиббиро, ки аз давраи Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ монда, таъмир нашуда буданд, таъмир карда ва барои беҳтар намудани шароити воқеӣ таъмини онҳоро бо лавозимот ва дастгоҳҳои тиббӣ идома дода истодааст.

Чун саҳми арзанда дар доираи лоиҳаҳои ба рушди соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон равонашуда, моҳи ноябри соли 2016 Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ беморхонаи Марказии шаҳри Ваҳдатро таъмир намуда, ба истифода дод. Дар натиҷа беморхона имконият пайдо намуд, ки хизматрасонии худро нисбат ба пештар чанд баробар зиёд гардонад. Ҳамзамон моҳи ноябри соли 2016 Маркази ташхисӣ-табобатии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз ҷониби ТИКА аз таъмири пурра бароварда шуд.

Охири моҳи декабри соли 2016 Маркази саломатии деҳаи Карсанги шаҳри Ваҳдат, ки ҳар сол ба 5000 нафар хизмати тиббӣ мерасонд, бо дастгирии Сарраёсати Агентии рушд ва ҳамкории Ҷумҳурии Туркия таъмир гардида, ба истифода дода шуд.

24-уми апрели соли 2018 аз тарафи ТИКА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъмурияти Муассисаи давлатии "Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28-уми ноябр шуъбаи сирояти кӯдаконаи Беморхонаи марказии шаҳри Турсунзода, ки таъмир ва муҷаҳҳазгардонии он аз тарафи ТИКА сурат гирифта буд, бо таҷҳизоти тиббӣ таъмин карда шуд. Дар рафти чорабинии супоридани таҷҳизот тибқи суханҳои масъулини беморхона дар хусуси он, ки баъди ба анҷом расонидани лоиҳаҳои беморхона ду баробар афзоиш ёфтани шумораи муолиҷагирандагон ба назар расидааст. Дар доираи яке аз лоиҳаҳои ТИКА бо мақсади интиқол додани таҷрибаҳои Туркия дар самти санҷиши шунавоии кӯдакони навзод табибони турк низ ба Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҳамчунин барномаи омӯзишии аз тарафи ТИКА тартибдодашуда дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ба табибони аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон омада оиди аҳамияти санҷиши шунавоии кӯдакони навзод дарсҳои назариявӣ ва амалӣ дода шуд. Ҳамчунин, ба нақша гирифта шуд, ки барои аз санҷиши шунавоӣ гузаронидани кӯдакони навзод ба беморхонаҳои муайянгардидаи минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон таҷҳизоти санҷиши шунавоӣ таъмин карда шаванд. Метавон гуфт, ки лоиҳаи мазкур барои бехатарии саломатии наслҳои оянда бисёр муҳим ва манфиатовар мебошад.

Ҳамзамон бинои фарсудагаштаи Маркази саломатии деҳоти Арбобхотуни ноҳияи Рудакӣ таъмир карда шуда, дар маконаш ба ҳаҷми ду андозаи он бинои нав сохта, таҷҳизоти тиббии технологии муосир муҷаҳҳаз гардонида шуд. Баробари амалӣ гардонидани лоиҳаи мазкур пеши роҳи амалиётҳои ҷарроҳии хурд, ба монанди хатнаи кӯдакон ва ба таври солим пайгирӣ намудани давраи ҳомиладории бонувон тавассути таҷҳизоти ултрасадо, ки қаблан дар маркази саломатии зикргардида амалӣ намегаштанд, кушода шуд.

Яке аз чорабиниҳои муҳим дар соҳаи тандурустӣ, Анҷумани кардиологҳо ва терапевтони Осиё ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки то кунун аз ҳама калонтарин анҷумани дар соҳаи тандурустӣ баргузор намуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, бо дастгирииии ТИКА гузаронида шуд.

Дар анҷумани мазкур, ки дар таърихи 26-27-уми апрели соли 2019 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, аз 15 кишвар зиёда аз 450 донишмандон иштирок намуданд. Моҳи майи соли 2019 омӯзишҳо оид ба эҳёи навзодон, ки дар чаҳорчӯбаи барномаи ҳифзи саломатии модару кӯдак аз тарафи ТИКА ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, дар “Маҷмааи тандурустии Истиқлол” оғоз гардиданд. Дар омӯзишҳои мазкур, ки аз тарафи мутахассисони аз Туркия омада гузаронида шуд, аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон табибони ин бахш ширкат варзиданд. Мушовири Вазири тандурустӣ, ки дар ифтитоҳи барномаи омӯзишӣ ширкат дошт, ҳамкориҳои судманди Вазорат бо ТИКА ва дар Тоҷикистон аҳамияти бузург доштани барномаи ташкилшударо, ки алоқаманд бо саломатӣ мебошад, қайд намуд.

Дар давоми соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифҳои расмиву дипломатӣ, рушди робитаҳои минбаъдаи сиёсӣ, амниятӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории муштарак байни Тоҷикистону Туркия ба таври фаъол идома доранд. Фаъолияти Сарраёсати Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар Тоҷикистон дар ин раванд нақши муҳимро мебозад. Боз як

далел аз он шаҳодат медиҳад, ки 15-уми июни соли 2019 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси ТИКА дар Муассисаи давлатии Маркази миллии тиббии «Шифобахш» Маркази тавонбахшии маъюбон бо буридани лентаи фахрӣ аз ҷониби хонум Эмине Эрдуғон мавриди истифода қарор дода шуд. Дар суханронии худ хонум Эмине Эрдуғон бахшида ба ифтитоҳи Марказ чунин иброз намуд: “Мо итминон дорем, ки ин марказ барои шахсони имконияташон маҳдуд васила хуби табобат гардида, дар ҳаёти онҳо дигаргуниҳои куллиро ба миён меорад” [4].

## Ҳамкории ТИКА дар соҳаи сайёҳӣ

Соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Тоҷикистон соҳиби сарватҳои табиии нотакрор ва осорҳои таърихии бузург буда, барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ шароити мусоидро доро мебошад. Ҳамчунин ТИКА низ барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишварамон якчанд лоиҳаҳоро амалӣ намудааст. Моҳи декабри соли 2018 Ҳамоҳангсози ТИКА дар шаҳри Душанбе Тарик Мете бо Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуъмон Абдуғаффорзода вохӯрӣ барпо намуданд. Масоили баргузор намудани бизнес-форуми ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистону Туркия ва мубодилаи таҷриба дар соҳаи сайёҳӣ зимни мулоқоти Раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ бо Роҳбари ҳамоҳангсози Дафтари Агентии туркӣ оид ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардид. Дар мулоқот ҳамчунин масъалаҳои намоишгоҳҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, мусоидат дар ҷалби сармояи Ҷумҳурии Туркия ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, истифодаи самараноки беҳтарин таҷрибаҳои Туркия оид ба пешбурди соҳаи сайёҳии кишвар дар самти хизматрасонӣ ва ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои кормандони соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Санаи 1-уми феврали соли 2019 бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия дар Пажӯҳишгоҳи тадқиқоти стратегии Ҷумҳурии Туркия вобаста ба муаррифии дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи “Тоҷикистони соҳибистиқлол–имкониятҳои сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” баргузор гардид. Дар мизи мудаввар намояндагон аз муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва соҳибкорони шаҳрҳои Анқара ва Измир иштирок намуданд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки ҳамоҳангсози ТИКА дар доираи барнома ва лоиҳаҳои худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакҳои зиёди худро расонида, бештари лоиҳаҳои амалинамудааш дар самти маориф ва сайёҳӣ бештар, дар доираи лоиҳаҳои ба рушди соҳаи тандурустӣ равона карда шудааст, ки барои ҷомеа муҳим ва назаррас мебошад. Бо назардошти далелҳои боло гуфтан мумкин аст, ки равобити Тоҷикистон ва Туркия дар марҳилаи сифатан

нав қарор дорад. Умед аст, ки ин сатҳи ҳамкориҳо баҳри рушди иқтисоди кишварҳо мусоидат намуда, баҳри таъмини манофеи мутақобила ва боз ҳам наздикшавии мардуми ду кишвар истифода гардад.

Умуман, муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Туркия имкони густариш ёфтанро доро буда, ду кишвар омода ҳастанд уфуқҳои навро дар ин ҷода фатҳ кунанд.

**АДАБИЁТ:**


1. “Turkiye – Tacikistan ticari: ekonomik ve kültürel ilişkileri” Webinarı. 8 aralık 2020: ZOOM onlinekonfrans sistemi.
2. Karpat, Kemal “Turkiye ve Orta Asya” (çev. Hakan Ğür) Ankara İmge Kitabveri 2003.
3. Pınar Akçalı. “Bağımsızlıktan Günümüze Turkiye ve Tacikistan ilişkileri”. Uluslararası ilişkiler, Cilt 2, say.5 (Bahar 2005) s. 138 – 160.

Сомонаҳои интернетӣ

1. About Us - TİKA. *www.tika.gov.tr*. Санаи муроҷиат 17.09.2022
2. Дар академия “Маркази дӯстӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Туркия” ифтитоҳ гардид https://www.apa.tj/ Санаи муроҷиат 30.09.2022.
3. Салимов Акбар. “30-солагии муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Туркия” https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/1400-30-solagii-munosibat-oi-bajnidavlatii-to-ikiston-va- санаи муроҷиат 19.09.2022
4. Салимов А. “Рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Туркия дар ҳошияи САММИТИ МҲТБО” https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/component/k2/item/692-rushdi-munosibat-oi-du-onibai-to-ikistonu-turkiya-dar-oshiyai-sammiti-m-. Санаи муроҷиат 20.09.2022.
5. Ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистон ва Туркия оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ https://mfa.tj/tg/main/view/8855/jalasai-komissiyai-bainihukumatii-tojikiston-va-turkiya-oid-ba-hamkorihoi-iqtisodi#: санаи муроҷиат 01.10.2022.


## МНОГОВЕКТОРНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ТУРЕЦКОГО АГЕНТСТВА ПО СОТРУДНИЧЕСТВУ И КООРДИНАЦИИ (ТИКА) В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


**СОАТОВА КОМИЛА АБДУЛМАЖИТОВНА**

магистрант 2- ого года ИИПСАЕ НАНТ: Адрес: 735025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Тел: +992 901335599 E-mail: komilasoatova677@gmail.com

*В данной статье рассматривается гуманитарное сотрудничество Республики Таджикистана с Турецкой Республикой. Также активно реализуются проекты Турецкого агентства по международному сотрудничеству (ТИКА) за годы независимости Республики Таджикистан, официальные и дипломатические визиты, развитие отношений и политического, социально-экономического, коммерческого сотрудничества и совместных инвестиций между Таджикистаном и Турцией в сфере образования, здравоохранения, туризма, услуг и др. являются предметом научного исследования в статье.*

***Ключевые слова:*** *ТИКА, проект, агентство, международный, экономика, политика, туризм, здравоохранение, услуги, образование, инвестиции.*

## MULTI-VECTOR ACTIVITIES OF THE TURKISH COOPERATION AND COORDINATION AGENCY (TİKA) IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SOATOVA KOMILA ABDULMAZHITOVNA**

2[th] year master's degree inthe Institute of studing of the problems of Asian and European countries, NAST Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue. 33, Tel: +992 901335599 E-mail: komilasoatova677@gmail.com

*This article discusses the humanitarian cooperation of the Republic of Tajikistan with the Republic of Turkey. Also, the projects implemented by the Turkish International Cooperation Agency (TİKA) during the years of independence of the Republic of Tajikistan include official and diplomatic visits, development of relations and political, socio-economic, commercial cooperation and joint investments between Tajikistan and Turkey in the fields of education, health, tourism, services, etc.*

***Key words***: *TİKA, project, agency, international, economics, politics, tourism, healthcare, services, education, investments.*

**УДК 339.9**

# ТАҲҚИҚИ МОДЕЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

**ҲАБИБОВ АБДУРАҲМОН ҲАКИМБОЕВИЧ**
номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**РАҲИМОВ ЮСУФ НАРЗИЕВИЧ**
докторанти (PhD) Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: 935019669.

*Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, махсусан Сингапур, Малайзия, Индонезия, Таиланд, Ветнам, ки онҳоро ҳамчун кишварҳои нави саноатӣ мешиносанд, дар таърихи нави худ ба натиҷаҳои назарраси рушди иқтисодӣ расидаанд, ки ин боиси таваҷҷуҳи кишварҳои рӯ ба тараққӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон мебошад. Бо мақсади таҳқиқи моделҳои рушди ин кишварҳои дар мақола омилҳои асосии ин дастовард, сиёсати иқтисодии онҳо ва татбиқи он баррасӣ шудаанд. Маълум гардид, ки новобаста аз тафовут байни кишварҳо асоси чунин рушди беназирро дар минтақа саноат ташкил дода буд. Айни замон дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ модели иқтисодиёти дониш бо рушди истеҳсолоти навоварона пиёда карда шудааст, ки мавқеи кишварҳои минтақаро дар қатори кишварҳои мутараққӣ устувор нигоҳ медорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, модел, рушди иқтисодӣ, саноат, иқтисодиёти дониш.*

Мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ даҳсолаҳо боз бо натиҷаҳои гуногун роҳҳои тағйир додани иктисодиёти миллиро барои тараққиёти бомуваффақият ва босуръати он ҷустуҷӯ мекарданд ва дар ин роҳ муваффақ ҳам шуданд. Моделҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин стратегияҳои он дар кишварҳои гуногун, ки дар як вакт хеле гуногун буданд, ташаккул ёфтаанд ва самаранокии онҳо гуногун буд.

Дар фазоҳои гуногуни миллӣ-таърихӣ ва фарҳангӣ моделҳои гуногуни тараққиёти ҷамъият ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули давлатдорӣ, ки Индонезия, Малайзия ва Сингапур пас аз озод шудан аз мустамлика маҷбур буданд, аз он гузаранд, ҳукумати марказӣ ба ташаккули

муассисаҳои функсионалӣ ва баъдан низомҳои мувофиқ, яъне бонкӣ, буҷетӣ, гумрукӣ, андоз ва ғайра саҳм гузоштанд. Иқтисодчӣ В.Д Андрианов равандҳои иқтисодиро дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таҳқиқ намуда, консепсияи пурсамари низомҳои функсионалии иқтисодиро пешниҳод мекунад, ки як навъ ҳамбастагӣ аз назари бисёр олимони намоён, дар ин ё он шакл риояи принсипхои танзими иқтисодӣ мебошад. Худи низоми функсионалии иқтисодӣ сохтори кушодаи худтанзимкунанда мебошад [1, с. 7-21].

Таиланд, ки мувофики ақидаи академик Н.А. Симония давраи ниммустамликавӣ аз сар гузаронидааст, танҳо як қатор муассисаҳояшро тадриҷан нав кард, вале ҳамон замон сохторҳои функсионалиро тағйир ва инкишоф дод.

Пеш аз ҳама вазифаи дигаргун сохтани модели таърихан муқарраршудаи иқтисодии замони мустамликавӣ, муносибатҳои иқтисодӣ ва сохторҳои қадимӣ ҳал карда шуд. Ба фикри Н.А. Симония, мамлакатҳои Шарқ бояд «вазифаи дутарафаро ҳал кунанд: аз як тараф - табдил додани сохтори мустамликадорӣ ба тарзи истеҳсолоти ҳозиразамон ва аз тарафи дигар, ҷудо намудани сохторҳои анъанавии қадимӣ, тадриҷан навсозии онҳо ва дар ин асос ба мадори тарзи муосири истеҳсолот ворид намудан» [7, с. 273]. Ҳукуматҳо шаклҳои дигаргунсозиро ба шароити мушаххаси ҳар як кишвар ҷустуҷӯ намуда, пайдо карданд, ки мутобиқшавӣ ба ҷаҳони зудтағйирёбандаро осон намуд. Ҷустуҷӯи имкониятҳои нави рушди маҳалл, дар баъзе мавридҳо, синтез, инчунин тақлид ба навоварӣ дастрастарин буд. Иқтисоддонҳо ва ходимони давлатӣ зери таъсири назарияву консепсияҳои болоравии иқтисодиёт буданд, ки на танҳо дар кишварҳои ғарбӣ, балки дар ҷаҳони сеюм коркард ё амал мекарданд. Ҷустуҷӯи на ҳама вақт муваффақи чунин омехтаи консепсияҳо ва назарияҳо амалӣ мегардид, ки ҳам барои ҳалли вазифаҳои аввалиндараҷа ва ҳам барои мувофиқи шароити аниқи мамлакат коркарди стратегияи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ имконият диҳад. Дар давлатҳое, ки ба роҳи ин гуна ҷустуҷӯҳо дохил шуда буданд, муҳаққиқон ва олимони худи онҳо пайдо шуданд, ки ба ташаккули мактаби иқтисодчиён, ҷомеашиносон ва сиёсатшиносони миллӣ асос гузоштанд.

Дар миёнаҳои асри XX дар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мавриди назар назарияи «қафомонии» тараққиёти саноат маъмул буд, ки мувофиқи он сиёсати воридотивазкуниро бо тамоюл ба содирот (ба ин ё он таносуб) пайваст намояд. Каме дертар назарияи азнавсозӣ ба таври васеъ паҳн шуд, ки он як навъ идомаи пешравии тараққиёт ҳисоб мешуд. Дар солҳои 50-60-ум мамлакатҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ пешазсаноатикунониро анҷом дода, ба давраи якуми навсозии иқтисодиёт шуруъ намуданд. Сиёсати ивази воридот ва дастгирии давлатӣ барои онҳо маъмул гаштааст, ҳарчанд, ки он дар замонҳои гуногун ва дараҷаҳои гуногун гузаронида мешуд. Дар давраи дуюми навсозӣ ба махсусгардонӣ бештар

диққат дода шуд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани минтақаҳои истеҳсолии содиротӣ гардид.

Дар зери таъсири ин идеяҳо мамлакатҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ тадриҷан моделҳои ташкили бомуваффақияти иқтисодиётро ташкил карданд. Бо мурури замон ба шарофати ислоҳоти сохторӣ ва навсозии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ин мамлакатҳо муяссар гардид, ки ба суръати баланд ва нисбатан устувори афзоиши иқтисодӣ ноил гарданд. Дар Сингапур ва Малайзия равандҳои азнавсозӣ назар ба Таиланд ва Индонезия зудтар ва муваффақтар буданд. Дар натиҷа дар байни мамлакатҳои ҷуфтҳои якум ва дуюм фарқи дараҷаи техникии истеҳсолот, миқёси ҷорӣ намудани комёбиҳои пешрафти илму техника, инчунин дараҷаи азнавсозии иқтисодӣ зиёд гардид. Ин тафовут беш аз пеш равшантар мешуд, зеро дар самаранокии татбиқи барномаю нақшаҳо дар ин давлатҳо фарқият ба назар мерасид.

Маълум аст, ки ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ аз тақсимоти даромади миллӣ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ин мақсадҳо вобаста аст. Пеш аз ҳама, амалиёти механизмҳои аз нав тақсим кардани маҳсулоти ҷамъиятиро таҳлил кардан лозим аст. Дар онҳо унсурҳои нави иқтисодиёти бозори ҷамъиятӣ: нархҳои имтиёзнок, кӯмакпулии категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ, тақсимоти маблағҳо дар байни марказ ва минтақаҳоро дар бар мегиранд. Ҳангоми тағйир додани шаклҳои моликият таҷрибаи истифодабарии ҳукуматҳои давлатҳои баррасишаванда аз имкониятҳои сектори ҷамъиятӣ ва нақши он дар механизмҳои тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунӣ, инчунин дар ҷараёнҳои иҷтимоӣ мароқи калон дорад. Аз сабаби тафовут дар суръати тараққиёт нобаробарии моликиятӣ байни аҳолӣ, ҳарчанд бо дараҷаи гуногун, амиқтар мешавад, тағйироти тезтар дар тараққиёти минтақаю қаламравҳо мушоҳида мегардад, ҳолати экологӣ бад мешавад. Ин ва дигар ҷараёнҳо ба чунин хулоса меоранд, ки механизмҳои бозор на ҳамеша самарабахш буда, бисёр масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз назорати онҳо берун мондаанд.

Назарияҳои рушди иқтисодӣ (воридотивазкунӣ, тамоюли содирот, иқтисодиёт дар асоси илму дониш)-и дар гузаштаи наздик васеъ паҳнгардида ба ташаккули моделҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таъсир карданд. Майлу рағбати муаллифони ин моделҳо оид ба таъмин намудани фаъолияти минбаъдаи хоҷагии халқ хамчун як низоми ягона шоистаи таҳсин мебошад, чунки ин дар иқтисодиёти серсохтор вазифаи хеле душвор аст. Дар ҳоле, ки дар он вақт маълумотҳои аввалии оморӣ кофӣ набуданд, бо вуҷуди ин, таҳиякунандагони барнома кӯшиш мекарданд, ки бо нишондиҳандаҳои муҳимтарини арзишии макроиқтисод, аз қабили: маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ ва ғайра кор кунанд. Барномаҳои

рушди иқтисодии дар кишварҳои гуногун коркардшуда дар марҳилаҳои аввал умумӣ буданд, аммо ин ба суръатнокии онҳо халал нарасонд.

Дар солҳои минбаъда дар байни иқтисодчиён ду мавқеи аз ҷиҳати ақидаашон гуногун муайян карда шуд. Тарафдорони ақидаи якум аз зарурати озод кардани иқтисодиёт ва такя ба қувваҳои бозор ва тарафдорони ақидаи дуюм - аз нигоҳдории банақшагирӣ ва танзими давлатӣ, ки ба назари онҳо барои таъмини шароити мусоиди истеҳсолот ва истеъмол зарур буд, ҳимоя мекарданд.

Ба ғайр аз ин самтҳо ба масъалаҳои ташаккул ва тараққиёти хоҷагии халқ якчанд роҳҳои гуногун мавҷуд буданд. Дар солҳои 80-ум дар баробари тарафдорони мактабҳои кейнсиён ва неокейнсиҳо, назарияҳои дирижизм, интервенсионизм, монетаризм ва ғайра, масалан, як ҷараёни ба ном контрреволютсионерҳо пайдо шуд, ки ба мақсад мувофиқ будани ҳама гуна дахолати давлатиро дар иқтисодиёт ва мавҷудияти сектори давлатиро зери шубҳа мегузоштанд. Ба фикри онҳо, дар назди давлат ва мақомоти бюрократии он вазифаҳои барои онҳо иҷронашаванда гузошта шудаанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки ҳангоми ин ба хатогии ҷиддӣ, яъне беэътиноӣ дар тарбияи кадрҳои соҳибихтисос, махсусан, коркунони роҳбарикунанда ва мутахассисон роҳ дода шудааст. Масалан, иқтисодчии Хиндустон Дипак Лал чунин мешуморад, ки назорати давлатӣ аз болои иқтисодиёт тамоюлҳои ниҳоят номатлубро ба вуҷуд меоварад, ки ба тараққиёти истеҳсолот халал мерасонад, ихтилофотро ба вуҷуд меоварад, хароҷоти калонро талаб мекунад ва он бояд барҳам дода шавад. Дигар «контрреволютсионерон» чунин мепиндоштанд, ки назорати давлат аз болои иқтисодиёт ҳам ба сиёсатишавии мутлақи њаёти иќтисодї ва ҳам ба ривољи фасод оварда мерасонад [10, с. 5].

Моделҳои иқтисодиёти дониш дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар марҳилаҳои гуногуни ташаккули худ қарор доранд. Дар ин марҳила танҳо таҳлили консепсияҳо, инчунин баёни озмоишҳои аввалин, проблемаҳо ва натиҷаҳои ин ҷараёни меҳнатталаб ва мураккаб имконпазир аст. Бо вуљуди ин, бо муайян кардани сатњи ташаккул ва амалкарди низомњои пайдошудаи инноватсионї ќонуниятњои умумии ин раванд, аз љумла, хусусиятњои шаклњои бозории фаъолияти инноватсиониро ошкор кардан мумкин аст. Масалан, хусусияти умумии ин мамлакатҳо набудани потенсиали калони илмӣ буд. Ҳамаи онҳо, ҳарчанд бо дараҷаҳои гуногун, майдони фаъолияти корпоратсияҳои фаромиллӣ мебошанд. Таҷрибаи эҷодии онҳо дар ташкили низомҳои инноватсионӣ ба ин мамлакатҳо имконияти коҳиши муҳлати гузариш ба технологияҳои навро медод. Зарурати пайвастани манфиатҳои дутарафа дар ҳар як маврид роҳи ҳалли проблемаҳоро пешакӣ муайян мекунад. Аммо барои ҳамаи барномаҳои қабулшуда эътирофи нақши муайянкунандаи давлат дар фароҳам овардани шароит барои фаъолияти инноватсионӣ хосанд: марказҳои рушди

босуръат, кластерҳои инноватсионию техникӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, паркҳои технологӣ таъсис дода мешаванд. Давлат инчунин ба ташаккули муассисаҳои барои иқтисодиёти дониш зарурӣ – бозори саҳмияҳо, сармояи венчурӣ, бизнеси хурду миёнаи инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Барои тарафдорони ин самт дар сатҳи қонунгузорӣ таъмини ҳуқуқи моликияти шахс ва давлат калидӣ мебошад. Ба чораҳои зиддикоррупсионӣ, идоракунии хавфҳо, муайян кардани ҳаҷми оптималии савдои хориҷӣ таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад. Фаъолияти фирмаю ширкатҳо, аз ҷумла, таҷрибаи фурӯш, идоракунӣ, муносибатҳои дохилихоҷагӣ бодиққат таҳлил карда мешавад. Дар маҷмуъ онҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсир мерасонанд.

Дар баробари ин дар низомҳои ташкили хоҷагидорӣ ва идоракунӣ тамоюлҳои нав ба вуҷуд меоянд. Сохторҳои истеҳсолӣ-функсионалӣ ва тақсимкунӣ тағйир меёбанд.

Аслан дар назди як қатор кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ як вазифа – таҳияи модели иқтисоди рақобатпазир, ки ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯ аст, истодааст. Бинобар ин, сиёсати давлат аз мусоидат намудан ба рушди фаъолияти инноватсионї-сармоягузорї иборат аст, ки имкон медињад њаљми савдои хориљї зиёд карда, сохтори содироту воридот такмил дода шавад.

Дурнамо дар бозори ҷаҳонӣ чунин аст, ки тағйирёбии шадиди нархи молҳо ногузир аст. Бинобар ин дар мамлакатҳое, ки ба истеҳсоли ашёи хом нигаронида шудаанд, рушди иқтисодӣ устувор буда наметавонад. Роҳи асосии расидан ба қатори кишварҳои мутараққӣ бо рушди истеҳсолоти навоварона мумкин аст. Ин барқарорнамоии низоми миллии дастгирии он, ташкили инфрасохтори мураккаб ва серсоҳа барои ҷорӣ намудани инноватсияҳо, коркарди стратегияи аниқ ва самарабахши тараққиёти илм ва техникаро талаб мекунад. Ҳангоми ҳалли ин ва як қатор дигар масъалаҳои бисёрҷабҳаву мураккаб ба назар гирифтан таҷрибаи мусбат ва манфии мамлакатҳои минтақа ва ҷаҳон фоиданок шуда метавонад.

## АДАБИЁТ:


1. Андрианов В. Д. Россия в мировой экономике. Учебное пособие для вузов. Гуманитарный издательский центр Владос. М., 2002. С. 7-21.

2. Канаев Е.А. АСЕАН и экономическое сотрудничество в Юго-Восточной Азии: тенденции и промежуточные итоги // Юго-Восточная Азия: актуальные проблемы развития, 2021, Том I, № 1 (50). С. 32–46.

3. Пахомова Л. Ф. Модели процветания (Сингапур, Малайзия, Таиланд, Индонезия). - М.: Институт востоковедения РАН, 2007. - 256 с.

4. Рогожин А.А. Особые экономические зоны в Юго-Восточной Азии. Юго-Восточная Азия: актуальные проблемы развития, 2020, Том I, № 1 (46). С.69-78.

5. Финансы и развитие. Юго-восточная Азия на подъеме. Ежеквартальный журнал Международного Валютного Фонда. - Сентябрь, 2018 / Выпуск 55 / Номер 3. 64 стр.

6. Щербанин Ю.А. Мировая экономика: учебник,-М.: 2006. - 169с.

7. Эволюция восточных обществ: синтез традиционного и современного. Отв. редакторы Л. И. Рейснер, Н. А. Симония. М., 1984. С. 273.

8. Экономика Сингапура. Экономическая модель развития Сингапура URL: http://www.gecont.ru/articles/econ/singapur.htm

9. ASEAN – Association of Southeast Asian Nations. Country Economy. https://countryeconomy.com/countries/groups/asean

10. Lall, Dipak. State and Development. New Dehly, 1998. С. 5.

# ИССЛЕДОВАНИЕ МОДЕЛЕЙ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВ ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ

**ХАБИБОВ АБДУРАХМОН ХАКИМБОЕВИЧ**

кандидат экономических наук, ученый секретарь Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**РАХИМОВ ЮСУФ НАРЗИЕВИЧ**

докторант (PhD) Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 935019669.

*Страны Юго-Восточной Азии, особенно Сингапур, Малайзия, Индонезия, Таиланд, Вьетнам, известные как новые индустриальные страны, в своей новейшей истории добились значительных результатов экономического развития, что привлекло внимание развивающихся стран, в том числе Таджикистана. В целях исследования моделей развития этих стран в статье рассматриваются основные факторы этого достижения, их экономическая политика и ее реализация. Выяснилось, что, несмотря на различия между странами, основу столь уникального развития региона составляла промышленность. В настоящее время в Юго-Восточной Азии реализуется модель экономики знаний с развитием инновационного производства, что сохраняет позиции стран региона среди развитых стран.*

***Ключевые слова:*** *Юго-Восточная Азия, модель развития, экономическое развитие, промышленность, экономика знаний.*

# STUDY OF MODELS OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRIES OF SOUTHEAST ASIA

**HABIBOV ABDURAHMON HAKIMBOEVICH**
candidate of economic sciences, scientific secretary of the Institute for the Study of the Problems of Asian and European Countries of NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

**RAHIMOV YUSUF NARZIEVICH**
PhD doctorate of the Institute for the Study of the Problems of Asian and European Countries of NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: 935019669.

*The countries of Southeast Asia, especially Singapore, Malaysia, Indonesia, Thailand, Vietnam, known as new industrial countries, have achieved significant economic development results in their recent history, which has attracted the attention of developing countries, including Tajikistan. In order to study the development models of these countries, the article examines the main factors of this achievement, their economic policy and its implementation. It turned out that, despite the differences between countries, the basis of such a unique development of the region was industry. At present, a knowledge economy model is being implemented with the development of innovative production in Southeast Asia, which maintains the position of the countries of the region among the developed countries.*

***Key words:*** *Southeast Asia, development model, economic development, industry, knowledge economy.*

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ БО ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

**ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА**
ходими хурди илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии ИОМДОА АМИТ.
Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: 901 22 88 18. E-mail: Nigora.f94@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф раванди ба роҳ мондани робитаҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва иқтисодию тиҷоратии дуҷонибаи Кореяи Ҷанубиро бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Асоси ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳарду кишварҳоро робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, муаллиф қайд менамояд, ки истифодаи захираҳои табиӣ ва энергетикии Ӯзбекистон мавриди таваҷҷӯҳи ширкатҳои Кореяи Ҷанубӣ буда, ба рушди ҳамкориҳои дарозмудат заминагузоштааст. Айни замон,Ҷумҳурии Ӯзбекистон шарики стратегии Ҷумҳурии Корея ба ҳисоб рафта, табодули молу маҳсулот миёни ду кишвар, дар соҳаҳои гуногун, сол то сол зиёд шуда истодааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Кореяи Ҷанубӣ, Ӯзбекистон, иқтисод, сармоягузорӣ, энергетика, шарики стратегӣ,ширкат, созишнома, нефт, газ, техника, воридот, содирот, саноат, муносибатҳои дипломатӣ.*

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гаштани давлатҳои узви иттиҳод, аз он ҷумла, кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодиро бо давлатҳои дуру наздик ба роҳ монданд. Ҷумҳурии Корея дар баробари давлатҳои Осиёи Шарқӣ истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро 30-юми декабри соли 1991 эътироф намуд ва муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар 29-уми январи соли 1992 барқарор шуд. Дар тули 30 соли муносибатҳои дуҷониба дар маҷмуъ 17 мулоқоти расмӣ миёни сарони кишварҳо баргузор гардида, беш аз 197 санаду созишномаҳои гуногунҷабҳа ба имзо расонида шуд. Инчунин 11 ҷаласаи Комитети байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва 14 давраи машваратӣ байни Вазоратҳои корҳои хориҷӣ баргузор гашта, соли 2006-ум бошад, Эъломияи муштарак оид ба шарики стратегӣ миёни Ҷумҳурии Корея ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расид [5].

Қобили зикр аст, ки муносибатҳои густарда ва бисёрсамта миёни ду кишвар ба роҳ монда шудааст. Моҳи декабри соли 1993 Ҷумҳурии Корея дар Ӯзбекистон сафоратхонаи худро кушод. Дар моҳи майи соли 1992 пас аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо мақсади фаъол намудани

ҳамкориҳо дар Тошкент маркази таълимӣ боз намуда, ба истифода дода шуд. Аввалин маротиба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов моҳи июни соли 1992 ба ҳайси роҳбари давлат ба Ҷумҳурии Корея сафар намуд, ки он замон ҳанӯз сафоратхонаи Корея кушода нашуда буд ва эътимодномаи Сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул карда шуд. Ҳамчунин дар доираи сафари мазкур Президенти собиқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов дар Корея бо раиси ширкати “Daewoo” Ким У Ҷунг вохӯрӣ намуданд, ки “Озмоиши мушак” асоси ҳамкории иқтисодии  Корея ва Ӯзбекистон гардид. Ҷонибҳо ба чунин мувофиқат расиданд, ки нахустин корхонаи мошинсозӣ дар Осиёи Марказӣ маҳздар Ӯзбекистон таъсис дода шавад ва ин корхона моҳи июли соли 1996, бо иқтидори истеҳсоли 200 ҳазор адад мошин дар як сол, ифтитоҳ гардид [6].

Президенти собиқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов чунин қайд мекунад, ки “Доимо мустаҳкам намудани иқтисодиёти Ӯзбекистон, рушди устувор ва боэътимоди он, коркарди технологияҳои нав, ба кор даровардани даҳҳо ва садҳо муассисаҳои замонавӣ –  ҳамаи ин дар мадди аввал дар натиҷаи ворид гардидани сармояи хориҷӣ ба кишвари мо ва кӯмаку дастгириҳои шарикони мост” [1]. Дар охирҳои соли 2010 Ҷумҳурии Корея ба иқтисоди Ӯзбекистон 1185 млн доллари ИМА сармоягузорӣ намуд, ки миқдори умумии сармоягузории дар назардоштаи Ҷумҳурии Корея ба иқтисоди Ӯзбекистон беш аз 5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил мекард. Айни замон дар Ӯзбекистон дар маҷмуъ 360 корхона бо иштироки сармоягузорони Корея фаъолият менамоянд [10]. Асосан, фаъолияти ин корхонаҳо дар соҳаҳои савдо, саноати сабук, саноати металургия, саноати химиявӣ, мошинсозӣ, коркарди метал ва ғайраҳо равона гардидааст.

2. В Таджикистане в 2021 году реализовано 78 инвестпроектов на $3,7 млрд - премьер https://fomag.ru/news-streem/v-tadzhikistane-v-2021-godu-realizovano-78-investproektov-na-3-7-mlrd-premer/ 20.01.2022

3. "Газпром" уходит из Таджикистана//https://tj.sputniknews.ru/20160816/1020491095.html

4. Gazprom International работает над новыми проектами в Таджикистане//https://international.gazprom.ru/press/news/2016/10/28/

5. Грешневикова Н.А.: Актуальные аспекты внешнеэкономической деятельности предприятия

6. Долги "Барки Точик" перед Сангтудинской ГЭС-1 неуклонно растут//https:// tj.sputniknews.ru/20211113/sangtudinskaya-ges-barki-tochik-dolg-1043525834.html//

7. Закупки газа в Средней Азии Стратегия//18.07.2010г.https://gaz.ucoz.org/index/zakupka_quot_gazprom_quot_om_gaza/0-21

8. Инвестиции в экономику Таджикистана: данные 2021/ https://procenty-po-vkladam.ru/investitsii-v-ekonomiku-tadzhikistana-dannye-2021.html | 08.03.2021

9. Информация о притоке иностранной инвестиции в экономику Республики Таджикистан в 2021 году стр.10 – 11

10. Итоги социально-экономического развития Республика Таджикистан в 2021 году// https://www.mfa.tj/ru/main/view/187/ekonomicheskoe-razvitie-respubliki-tadzhikistan //26.01.2022 10:10//

11. Компания "Русские отели" открывает Hyatt Regency в Душанбе https://www.frontdesk.ru/news/kompaniya-russkie-oteli-otkryvaet-hyatt-regency-v-dushanbe Фев 24, 2009

12. Кому больше всего должен Таджикистан?// https://cabar.asia/ru/zhizn-vzajmy-komu-i-skolko-dolzhen-tadzhikistan#соответственно

13.Майтдинова Г. М., Шаропов О. М. Таджикско-российские отношения в условиях становления государственности (1991–2010)

14. Международные инвестиции: Краткий курс лекций для бакалавров III курса//Направление подготовки 38.03.03 Менеджмент Профиль подготовки: Управленческий и финансовый учет// Саратов 2016. Стр. – 64 – 6,7

15. Раупов Комилджон Самиевич: Республика Таджикистан на фоне экономических шоков и влияние пандемии COVID-19//Худжанд-2021г.

16. Общий объём прямых иностранных инвестиций в таджикскую экономику составил $340 млн.https://avesta.tj/2022/02/11/obshhij-obyom-pryamyh-inostrannyh-investitsij-v-tadzhikskuyu-ekonomiku-sostavil-340-mln/ 11 февраля 2022,

17.Основные страны-партнеры Таджикистана по экспорту в уходящем году https://avesta.tj/2021/12/31/osnovnye-strany-partnery-tadzhikistana-po-eksportu-v-uhodyashhem-godu/ 31.12.2021

18. Проект CASA-1000 объявил тендер на строительство конвертерной подстанции в Сангтуде// https://novosti-tadzhikistana.ru/proekt-casa-1000-obyavil-tender-na-stroitelstvo-konverternoj-podstancii-v-sangtude// 04.02.2017

19.Пятилетний план развития промышленности объявлен в Таджикистане https://eadaily.com/ru/news/2021/12/21/pyatiletniy-plan-razvitiya-promyshlennosti-obyavlen-v-tadzhikistanehttps://eadaily.com/ru/news/2021/12/21/pyatiletniy-plan-razvitiya-promyshlennosti-obyavlen-v-tadzhikistane // 21 декабря 2021//

20. Россия нарастит инвестиции в экономику Таджикистана почти вдвое https://eadaily.com/ru/news/2021/03/18/rossiya-narastit-investicii-v-ekonomiku-tadzhikistana-pochti-vdvoe 18 марта 2021

21. Соглашения между правительствами государств – участников СНГ https://e-cis.info/cooperation/3752/86896/

22. Сельское хозяйство Таджикистана https://agrovesti.net/lib/advices/selskoe-khozyajstvo-tadzhikistana.html//11.12.2021//

23. Садоводы Согдийской области Таджикистана экспортировали более 5000 тонн фруктов в Россию и Казахстан // https://e-cis.info/news/567/101037/ 15 июн 2022//

24. Таджикистан планирует увеличить объем промпродукции почти вдвое https://halva.tj/news/tadzhikistan_planiruet_uvelichit_obem_promproduktsii_pochti_vdvoe/ 12 апреля 2022/

25. Управление государственным внешним долге РТ-Каримов У.С. – Россия. Г. Москва – 2019г.

26. Эмомали Рахмон поручил увеличить площадь посевных земель https://halva.tj/news/emomali_rakhmon_poruchil_uvelichit_ploshchad_posevnykh_zemel_/?sphrase_id=751976/02 марта 2022/

27. https://comunicom.ru/ekonomika/93-neftegazodobyvayushchaya-promyshlennost-tadzhikistana

28. https://www.gazprom.ru/about/

29. https://tjk.minpromtorg.gov.ru

30. https://sangtuda.com/ru/about-us/inf

# БАҲОДИҲӢ БА ТАМОИЛҲОИ МУҲИМТАРИНИ ИНКИШОФИ ҲАМКОРИИ БЕРУНИИ ИҚТИСОДИИ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

**ҚУРБОНЗОДА ФАРИДА**

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Суроға: Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33. E-mail: kurbonova_22@mail.ru Тел: (+992) 930-33-03-52

*Аз барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия 30 сол гузашт. Русия ҳамчун шарики асосии стратегӣ Тоҷикистонро ҳамеша дар ҳама самт дастгирӣ мекунад. Муносибатҳои дуҷониба бештар ба ҷанбаи иқтисодӣ асос ёфтаанд. Дар мақола равобити иқтисодии хориҷии ду кишвар дар панҷ соли охир баррасӣ шудааст. Муаллиф чанд нишондиҳандаҳом иқтисодиро, аз қабили гардиши савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ ва арзёбии қарзҳои хориҷиро таҳлил кардааст.*

***Калидвожаҳо:*** *гардиши савдои берунӣ, иктисодиёт, содирот, воридот, сармоягузорӣ, саноат.*

# ASSESSMENT OF THE MOST IMPORTANT TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF FREIGN ECONOMIC COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND RUSSIA

**QURBONZODA FARIDA**
The Institute of studying of the problems of Asian and European countries
Address Rudaki, 33 Ave., Dushanbe, 734025, Tajikistan. E-mail: kurbonova_22@mail.ru Тел: (+992) 930-33-03-52

*It has been 30 years since the establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation. Russia as the main strategic partner always supports Tajikistan in all directions. The bilateral relationship is in many ways based on the economic aspects. The article researchs the foreign economic relations between the two countries in the last five years. The author analyzes several economic indicators, such as foreign trade turnover, investment and the assessment of external debts.*

***Key words:*** *foreign trade turnover, economy, export, import, investment, industry.*

# ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ ШОҲИГАРИИ ТАЙЛАНД

**СОҲИБИ БАҲРУЛО**
докторанти (PhD)-и ИОМДОА АМИТ, Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 917-82-02-02. E-mail: sohibbahrulo@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур муаллиф омилҳо ва роҳҳои рушди иқтисодии Шоҳигарии Тайланд давраҳои рушд, далелҳои таърихии он, махсусиятҳои миллии рушди иқтисодиёт дар ин кишварро мавриди таҳқиқ қарор намуд. Тайланд яке аз минтақаи пешрафтаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба шумор рафта, рушди босуръати иқтисодии Таиланд азислоҳоти иқтисодӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва мавқеи ҷуғрофии он вобастагӣ дорад. Омӯзиши таҷрибаи ислоҳоти иқтисодию иҷтимоии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ махсусан Тайланд аҳаммияти калони илмию амалӣ дорад. Махсусан омӯзиши рушди саноати Тайланд барои кишвари мо-Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯзҳо ки босуръат саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи стратегии худ қарор додааст, ба манфиати кор ҳоҳад буд.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Шоҳигарии Тайланд, Тоҷикистон, таърих, иқтисодӣ, сиёсӣ, омилҳо, ислоҳот.*

Шоҳигарии Тайланд дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) ҷойгир буда, дар қисми ҷанубу ғарбии нимҷазираи Ҳиндухитой ва дар шимоли нимҷазираи Малай мавқеъ дорад. Шоҳигарии Тайланд ҳамчун давлати монархиявӣ ва конститутсионии парламентӣ соли 1238 ташкил шуда, мустамликаи ягон давлат нашудааст [1, 56-96]. Тайланд бо давлатҳои Бирма, Лаос, Камбоҷа ва Малайзия ҳамсарҳад мебошад. Шаҳри Банкок пойтахти Тайланд буда, бо масоҳати 513,120 км$^2$ дар ҷаҳон ҷойи 50-умро ишғол мекунад ва тибқи маълумоти соли 2021 аҳолии он 66,171,493 нафар мебошад [7].

Мавриди зикр аст, ки омилҳои асосии рушди Тайланд, аз ҷумла хусусиятҳои фазои соҳибкорӣ, тавозуни содироту воридот дар савдои берунӣ, тадбирҳои андешидашуда ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузории хориҷӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки барои фаъолияти савдои берунӣ, тарифи гумрукӣ, қонунгузории танзимкунандаи сармоягузории хориҷӣ, танзими асъор, ҳифзи моликияти зеҳнӣ, танзими минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, тамоюлҳои рушди сайёҳӣ, тавсияҳо барои содиркунандагон, маҳдудиятҳои савдои ҷорӣ, хусусиятҳои

танзими гумрукӣ ва тарифӣ ҳангоми воридот, марказҳои асосии логистикӣ, қоидаҳои умумии дастрасӣ ба бозор, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии пешбурди соҳибкорӣ, тартиби бақайдгирии як ширкати нав, андозбандии корхонаҳо аз ҷумла корхонаҳое, ки иштироки хориҷӣ доранд, ҳимояи ҳуқуқҳои содиркунандагон, усулҳои ҳимоя, ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ, тартиби баррасии баҳсҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, ширкатҳои ҳуқуқӣ ва ширкатҳои ҳуқуқшиносӣ, ки эътимодноканд ва санҷиши эътибори тиҷоратии шарикони тиҷоратӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Тайланд аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунад. Сатҳи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2019 ба беш аз 530 миллиард доллар расидааст. Асоси иқтисодиётро соҳаҳои хизматрасонӣ ва сайёҳӣ (қариб 50% ММД), саноат (40%), кишоварзӣ (10%) ташкил медиҳанд. Кишвар аз рӯйи захираҳои маъдан ва рушди саноат дар минтақа ҷойи 4-умро ишғол мекунад. Иқтисодиёти кишвар бештар аз содирот вобаста аст-тақрибан 2/3 ММД-ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли асбобҳои барқӣ бузургтарин бахши содиротии Тайланд буда, тақрибан 15% ҳаҷми умумии содиротро ташкил медиҳад. Тайланд дар истеҳсол ва фурӯши мошинҳо дар доираи АСЕАН пешсаф аст, ки содироти он ба 200 ҳазор адад дар як сол мерасад ва инчунин яке аз калонтарин таъминкунандаи алови (элементи кимиёвӣ нуқра-сафед) ва волфрам дар бозори ҷаҳонӣ мебошад. Дар содироти харчанги баҳрӣ, кокос, ҷуворимакка, лӯбиё, гаҷ ва найшакар мавқеи пешсафро ишғол мекунад.

Тайланд кишвари агросаноатӣ ва нави саноатӣ ба шумор меравад. Соҳаҳои саноати электронӣ, васли қисмҳои автомобил, ҷавоҳирот ва саноати нафту кимиё дар ин кишвар рушд ёфтааст. Аз ҷумла, соҳаи кишоварзӣ ва сайёҳӣ ин давлатро машҳуру пешрафта гардонидааст. Маҳсулоти асосии воридотӣ: мошину таҷҳизоти электрикӣ; сӯзишвории маъданӣ, аз ҷумла нафт; таҷҳизоти саноатӣ; ҷавоҳирот ва металҳои қиматбаҳо; металҳои сиёҳ, аз ҷумла пӯлод; воситаҳои нақлиёт; пластмас;, таҷҳизоти тиббӣ, оптикӣ, техникӣ; кимиёи органикӣ мебошад[4].

Ҳамин тариқ, соҳаҳои электроника ва электротехника босуръат пеш рафта, ба соҳаҳои муҳимтарини саноат табдил ёфтанд. Аз ин рӯ, дар Тайланд модели азнавсозии миллӣ пештар рушд кард, ки ба Япония, Кореяи Ҷанубӣ ва Сингапур дар солҳои 1960-1970 монандӣ дошт. Хусусияти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тайланд дар масъалаи модернизатсия тавассути Консепсияи «ҷабҳаи пеши иқтисодӣ» муайян карда шуд. Консепсияи мазкур бо назардошти мавқеи ҷуғрофии Тайланд, ки дар қисми минтақаи Осиёи

Ҷанубу Шарқӣ ҷойгир аст ва барои рақобати иқтисодию тиҷоратӣ ва соҳиб шудан ба мақоми аввал дар минтақа номгузорӣ шудааст. Солҳои 1985-1995 рушди иқтисодиёти Тайланд ҳамасола 12,4%-ро ташкил медод. Ба бунёди инфрасохтори ҷадид иқдом намуда, ҳаракати молҳоро на танҳо дар ҳудуди як давлат, балки дар ҳудуди минтақаи ОҶШ ва минтақаи Осиёии Уқёнуси Ором фаъол намудааст. Тайланд афзалиятро дар самти саноатикунонии кишвар сараввал ба сектори хусусӣ дода, вазифаи рушди инфрасохторро ба худ гирифт. Ин вазифа ба ду қисм тақсим шуда буд:

1. техникӣ (энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ);

2. иҷтимоӣ (маориф, илм, омодакунии кадрҳо, тандурустӣ).

Бояд қайд кард, ки Тайланд ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) таваҷҷуҳи зиёд медиҳад. Дар ТИК ду нақшаи генералии рушд барои солҳои 2002-2006 ва 2006-2010 равона гардида буд, ки дар натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба як қатор дастовардҳои нодир ноил гардид.

Тайланд бо таҷрибаву ислоҳот ва мушкилоти хосаи худ ва рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, технология ва сайёҳӣ яке аз кишварҳои калидии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба шумор меравад. Махсусан, соҳаи сайёҳии он хеле пеш рафта, бо шиори “Тайланди ҳайратовар” (Amazing Thailand) дар ҷаҳон маъруф гашта, бо тарғибу муаррифии имкониятҳо ва мавзеъҳои сайёҳии худ ҳамасола 20%-и ММД-и худро аз ҳисоби ин соҳа ба даст меорад [4]. Масалан соли 2011 ба ин давлат 19 миллион нафар сайёҳон ташриф овардаанд, ки ин нишондод дараҷаи рекордӣ он замон маҳсуб меёфт.

Бояд қайд кард, ки соҳаи кишоварзӣ дар Тайланд бо низоми нави инноватсионӣ рушд ёфта, аз ҳисоби содироти шолӣ дар ҷаҳон ҷойи якумро ишғол менамояд. Соли 2017 дар ин соҳа аз ҳисоби содироти шолӣ ба 11,6 млн. тонн расида буд, ки даромади солонааш қариб, ки ба 5,1 миллиард доллари ИМА баробар буд. Зиёда аз 60%-и аҳолии Тайланд дар соҳаи хоҷагии қишлоқ машғул буда, сатҳи пасти бекорӣ ба 0,7% мерасад ва сатҳи таваррум бошад 2%-ро ташкил медиҳад [13].

Бояд қайд кард, ки нақши Шоҳ Пумпон Адунядед (Рама IX) дар рушди Тайланд ва ба кишвари нави саноатӣ табдил додани он басо бузург аст [5]. Бо ин кишвари афсонавӣ ва дорои таҷрибаи бойи сайёҳӣ, кишоварзӣ ва саноатӣ доштани робитаҳои зич дар замони муосир хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ худ дар як муддати кӯтоҳ тавонистанд, ки нақши худро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишварҳои пешсафи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ муаррифӣ созанд.

Нахустин нақшаи шашсолаи рушди иқтисодӣ дар солҳои 1961-1966 барои ташкили иқтисоди омехта таҳия шуда буд. Модернизатсия дар кишвар солҳои 50-ум аз соҳаи аграрӣ шуруъ гардида, якчанд барномаҳо қабул карда шуданд, ки дар асоси онҳо рушди низоми обёрӣ ба роҳ монда шуд ва дар натиҷа, дар масоҳати 2,56 млн гектар заминҳо обёрӣ карда шуданд. Бештар ба манотиқи деҳот таваҷҷуҳ карда шуда, корҳои муайян барои бунёди роҳҳо, таъмини об ва қувваи барқ хоҷагиҳои фермерӣ анҷом дода шуданд. Дар нақшаи панҷсолаи дуюм солҳои 1967-1971 ба ин вазифаҳо чораҳои дигар илова шуданд, ки ба масъалаи беҳтар кардани имконоти техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷорӣ кардани усулҳои нисбатан пешрафтаи растанипарварӣ равона шуда буданд [6].

Тибқи нақшаҳои якум ва дуюми рушди иқтисодӣ барои таъмиру таҷдиди низоми обёрӣ, аз ҷумла сохтани саддҳо, роҳҳо ва таъмини алоқа маводи зарурӣ ҷудо карда шуд. Дар натиҷа, дар соҳаи кишоварзӣ тағйироти назаррас ба амал омада, ба ҷойи се навъи маҳсулот акнун даҳ навъи он истеҳсол мешуд. Ин раванд имконият фароҳам овард, ки тадриҷан истеҳсолот рушд намояд ва маҳсулот ба содирот равона карда шавад.

Модернизатсияи хоҷагидории миллӣ пас аз қабули қонун “Дар бораи рушди саноат” соли 1954 роҳандозӣ шуданд. Дар марҳалаи нахустини он Тайланд монанди Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва Малайзия ба масъалаи муовизаи маҳсулоти воридотӣ таваҷҷуҳ намуд. Ҳукумат барои таъсис ва рушди муҳимтарин корхонаҳои гуногунсоҳа мусоидат намуда, ҷиҳати барои барқароршавии саноати миллӣ асос гузошт. Пеш аз ҳама ба саноати коркард аҳамияти махсус дода шуда, ба корхонаҳое, ки аз маҳсулоти тайёр истифода мекарданд, тавсия дода шуд, ки ба истеҳсоли бевоситаи он пардозанд. Аз миёнаи солҳои 70-ум Тайланд ба содироти семент, қисмҳои эҳтиётии автомобил, либоси тайёр, телевизорҳо, маҳсулоти саноати химия, кишоварзӣ ва ғайра шурӯъ намуд. Электроника ва электротехника босуръат пеш рафта, ба соҳаҳои муҳиммтарини саноат табдил ёфтанд. Сиёсати ҳукумат дар масъалаи коҳиш додани монеаҳои тарифӣ дар тиҷорати хориҷӣ ва либерализатсияи низоми сармоягузорӣ ба ин мусоидат намуд. Рушди босуръати иқтисодӣ вусъати модернизатсияи инфрасохторро талаб мекард. Дар Тайланд нисбат ба Малайзия ҷустуҷӯйи конҳои нафту газ дертар шуруъ шудааст. Тибқи созишнома бо шаш ширкати хориҷӣ, ки ба ҷустуҷӯйи нафту газ машғул буданд, соли 1981 филиали Ширкати "Royal Dutch Shell” дар қисмати марказии Тайланд ба кор шуруъ намуд. Ҳамчунин ҷустуҷӯи кони газ дар халиҷи Сиам бо муваффақият анҷом ёфт. Дар наздикии захираҳои

дар соҳили шарқӣ ёфтшуда, минтақаи саноатии бузург таъсис ёфт, ки ҳудуди се музофотро дар бар мегирифт.

Хусусияти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Тайланд дар масъалаи модернизатсия тавассути Консепсияи "ҷабҳаи пеши иқтисодӣ" муайян карда шуд. Бо назардошти мавқеи ҷуғрофии Тайланд, ки ба қавле дар ҷабҳаи пеши Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои муборизаи иқтисодӣ ва соҳиб шудан ба мақоми аввал дар ин самт қарор дорад, ин консепсия чунин ном гирифтааст. Дар ҳудуди солҳои 1980–1990-ум ба бунёди инфрасохтори ҷадид иқдом намуда, ҳаракати молҳоро на танҳо дар ҳудуди як давлат, балки дар ОҶШ ва дар маҷмӯъ, тамоми минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором фаъол намуд. Нақши асосӣ дар масъалаи саноатикунонӣ сараввал ба сектори хусусӣ дода шуда, давлат вазифаи рушди инфрасохторро ба худ гирифт [2, 25]. Он ба ду гурӯҳ: техникӣ (энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ) ва иҷтимоӣ (маориф, омодакунии кадрҳо, тандурустӣ) тақсим шуд. Муассисаҳои қарзӣ, ки бояд сектори хусусиро бо васоити молиявӣ таъмин мекарданд, ҳамчун ҷузъи инфрасохтори техникӣ муаррифӣ мешуданд.

Дар даҳсолаи минбаъда ҳукумат сиёсати либерализатсияи муҳити сармоягузориро пеш гирифт, ки он ба сармояи хориҷӣ ва ватанӣ шароит фароҳам овард. Аммо дар нақшаи рушди ҳафтум (1992–1996) ба масъалаи истифодаи захираҳои табиии муносибати ҷиддӣ сурат гирифт ва он ҳамчун минтақаҳои иқтисодии ҷадид боз ҳам баробар рушд намуд [2, 74].

Модернизатсияи инфрасохтор дар Тайланд ва рушди саноат ҷалби технологияи навро дар ин самт талаб мекард. Солҳои зиёд ин кишвар технологияро аз ИМА, Ҷопон, Олмон ва Британия ворид мекард, ки харҷи онҳо ба миллиардҳо доллар мерасид [7]. Тибқи маълумоти Бонки Тайланд танҳо соли 1985 маблағе, ки барои хариди технологияи хориҷӣ сарф шудааст, 2 млрд 044 ҳазор батро ташкил дод. Пас аз даҳ сол ин маблағ се баробар афзуд[9]. Бо мақсади коҳиш додани вобастагии кишвар ба воридоти технологияи хориҷӣ ва таъсиси Пойгоҳи илмӣ-техникии худ Тайланд бо созмонҳои ҷаҳонӣ (UNDP, UNESCO, ESCAP) ва марказҳои илмию таълимии Канада, Итолиё, Япония, ИМА, Австралия, Шветсия, Белгия, Ҳолланд ва ғайра равобити судманд барқарор намуд [14].

Ҳукумати Тайланд эътироф намудааст, ки барои пешрафти иқтисодӣ-инноватсионӣ бояд институтҳои давлатӣ модернизатсия шаванд. Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар асоси ду нақшаи генералии рушд барои солҳои 2002–2006 ва 2006–2010, ки ҷузъи нақшаҳои панҷсолаи ҳаштум ва нуҳум буданд, ба пешравӣ ноил гардиданд[8]. Барои амалӣ намудани нақшаи генералии дуюми рушди технологияҳои иттилоотӣ

ва коммуникатсионӣ аз ҳисоби давлат ва сектори хусусӣ барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба маблағи 300 млн бат (0,4% ММД) сармоя ҷудо карда шуд.

Таҳияи Нақшаи генералии дуюми ТИК (2006–2009) бо такя ба методологияҳои нав ҳисобҳо ва ҷамъоварии маълумотро дар сатҳи нисбатан мураккаб тақозо мекард. Маркази миллии электроника ва технологияҳои компютерӣ, Агентии миллии рушди илм ва технология, Вазорати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар якҷояги ба ҷамъоварии маълумот пардохта, масъалаи рушди ТИК-ро дар Тайланд баррасӣ намуданд. Дар натиҷа, вазъи телекоммуникатсия, интернет, радиошунавонӣ, телевизион, тиҷорати электронӣ, бозори технологияҳо, таъминот бо кадрҳои соҳибихтисос, тафтиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва патентҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар усулҳои идоракунии давлат ва вазъи маркази умумии иттилоотӣ тадқиқ шуданд.

Васеъ истифода намудани шабакаи Интернет дар Тайланд имкон дод, ки тиҷорати электронӣ, ки омили муҳимтарин барои баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ мебошад, боз ҳам рушд ёбад. Дар солҳои охир ширкатҳои бузурге, ки аз интернет истифода мекарданд, дар ҳаҷми 1,5 трлн бат даромади иловагӣ ба даст оварданд[12]. Ба ғайр аз ин, дар Тайланд шакли нави идоракунии давлатӣ бо номи «ҳукумати электронӣ» ба вуҷуд омад, ки афзалияти он аён аст: кам кардани иштибоҳ, аксуламали фаврӣ ба ҳодисот ва ҷавобҳои фаврӣ ба суолҳо, кори шабонарӯзӣ ва ғайра. Яъне, ин давлат дар самти илму техника ва инноватсияву модернизатсия яке аз кишварҳои пешсафи минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин Тайланд дар арсаи ҷаҳон бо нишондодҳои бузурги соҳаи кишоварзӣ ва сатҳи баланди соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ машҳур мебошад.

Бештар васоити электронии алоқа дар низоми давлатӣ паҳн гардида, соли 2003 99,6% агентиҳои давлатӣ веб-сайтҳои худро доштанд. Бо назардошти он, ки рушди соҳаи нанобиотехнология хеле муҳим мебошад, олимони Тайланд нахустин шуда ваксинаи тибби хунинро дар ҷаҳон кашф намуданд, ки дастоварди бузург маҳсуб меёбад[13]. Имрӯзҳо элитаи нави сиёсию иқтисодии кишвар ба стратегияи нави иқтисодии хориҷӣ рӯ овардааст, ки ба истеҳсоли маҳсулоти навтарин равона шуда, бозори фурӯшро ҷустуҷӯ менамояд. Баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои молиявӣ ва суръат бахшидан ба раванди мубодилаи воситаҳои пулӣ маҳз бо сабаби ҷорӣ кардани технологияҳои компютерӣ дар соҳаи бонкдорӣ амалӣ мешавад. Ҳукумат дар ҳама зинаҳо навоварии иқтисодиро дастгирӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳар як давлати мутароққӣ равишҳои худро тибқи ҳадафҳои стратегӣ, ки дар татбиқи амалии он ба миён меоянд, пайваста ташаккул медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки як давлати рӯ ба тараққӣ буда, барои тадбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 ва ҳадафи 4-ми саноаткунонии кишвар метавонад аз таҷрибаи бойи Тайланд омӯхт ва роҳҳои беҳтарро барои амалишавии стратегии кишвар истифода бурд.

**АДАБИЁТ**:


1. Атлас мира: Максимально подробная информация/ Руководители проекта: А. Н. Бушнев, А. П. Притворов. -Москва: АСТ, 2017. - С. 56. -96 с. -ISBN 978-5-17-10261-4
2. Грикуров С.С. Политика таиландского правительства в области промышленности//Экономическая политика и государственный капитализм в странах Востока. М., 1972. с.200
3. Костюнина Г.М. Развитие социально-трудовых отношений в Таиланде.// Труд за рубежом. 2002. №4. С.123-135. (Kostyunina G.M. Razvitye sotcialno-trudovikh otnosheniy v Tailande.//Trud za rubejom. 2002. №4. S.123-135).
4. Краткий обзор экономики Таиланда: [Манбаи электронӣ] URL: *https://vietnam.mfa.gov.by/ru/exportby/taiobzor/taiecon/* (санаи муроҷиат: 20.01.2022).
5. Пхумипон Адульядет: [Манбаи электронӣ] URL: *https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9F%D1%85%D1%83%D0%BC%D0%B8%D0%BF%D0%BE%D0%BD_%D0%90%D0%B4%D1%83%D0%BB%D1%8C%D1%8F%D0%B4%D0%B5%D1%82* (санаи муроҷиат:16.04.2022).
6. Ребрикова Н.В., Калашников Н.И. Таиланд общество и государство [1984].с.274 pdf [Манбаи электронӣ] URL: https://vk.com/doc77866587_529812372?hash=aZLbCdMhMNKBCZKdy4RWl8RXZQVkBGjsxFztOmqffHs&dl=CVSxIBDMqT49jk1OIGQ7u8EA40cVpgtCanjegkwvzL4
(санаи муроҷиат 16.03.2022).
7. Тайланд_Bureau_of_Registration_Administration 2021 [Манбаи электрон ӣ] URL:ttps://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%A2%D0%B0%D0%B8%D0%B B%D0%B0%D0%BD%D0%B4#CITEREFThe.
8. Экономика Тайланда: промышленность, сельское хозяйство, внешняя торговля [Манбаи электронӣ] URL:http://www.gecont.ru/articles/econ/ Tailand.htm (санаи муроҷиат 17.03.2022).

9. 15 Ease of Doing Business in Thailand. DOING BUSINESS Measuring Business Regulations. The World Bank. [Манбаи электронӣ] URL: http: //www.doingbusiness.org/data/exploreeconomies/thailand/(санаи муроҷиат 17.03.2022).

10. Bank of Thailand; Thailand ICT Indicators. Series 1, October 2003. C

11. Thailand Development Experience and Strategies for Twenty First Century. Bangkok, 1995. C. 25-26

12. Thailand ICT Indicators. Moving towards the Information Society. Series 1. Bangkok, 2003.

13. The complex relationship between anti-corruption measures and industrial development levels in Singapore, Hong-Kong, Malaysia and Thailand// World Applied Sciences Journal. - 2014. - №30 (11). - P. 1632-1635.

14. Trade With Thailand. Bangkok, 2002, т. 2, № 1.

## ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ КОРОЛЕВСТВА ТАИЛАНД

**СОХИБИ БАХРУЛО**

докторант (PhD) ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 33. Тел.: (+992) 917-82-02-02. E-mail: sohibbahrulo@gmail.com

*В данной статье автор рассматривают факторы экономического развития Королевства Таиланд, этапы его развития, факты его истории, национальные особенности экономического развития в этой стране. Таиланд - один из самых развитых стран Юго-Восточной Азии. Быстрое экономическое развитии Таиланда связано с экономическими реформами, рациональным использованием природных ресурсов и его географического положения. Изучение опыта экономических и социальных реформ в Юго-Восточной Азии, особенно в Таиланде, имеет большое научное и практическое значение. В частности, изучение развития таиландской промышленности будет очень полезно для Таджикистана, который в качестве своей стратегической цели поставил ускоренную индустриализацию.*

***Ключевые слова:*** *Королевство Таиланд, Таджикистан, история, экономика, политика, факторы, реформы.*

## FACTORS OF ECONOMICAL DEVELOPMENT OF THE KINGDOM OF THAILAND

**SOHIBI BAHRULO**

PhD student, ISPAEC, NAST. Adress: 734025, Tajikistan, Dushanbe city, 33 Rudaki ave. Tel.: (+992) 917820202. E-mail: sohibbahrulo@gmail.com

*In this article, the authors consider the factors and ways of economic development of the Kingdom of Thailand, the stages of its development, the facts of its history, the national features of economic development in this country. Thailand is one of the most developed regions in Southeast Asia. The rapid economic development of Thailand is associated with economic reforms, rational use of natural resources and its geographical position. Studying the experience of economic and social reforms in Southeast Asia, especially Thailand, is of great scientific and practical importance. In particular, studying the development of Thai industry will be very useful for Tajikistan, which has set accelerated industrialization as its strategic goal.*

***Key words:*** *Kingdom of Thailand, Tajikistan, history, economy, politics, factors, reforms.*

*КИТОБНОМА*

# ТАДҚИҚОТИ ШОИСТАИ ТАҲСИН

Ҳамин чанде қабл рисолаи навбатии ҳиндушиноси маъруфи кишвар доктори илмҳои филологӣ профессор Ҳабибулло Раҷабов таҳти унвони “Тасвири воқеаҳои фоҷиавии тақсимшавии Ҳиндустон дар осори адибони Ҳинд” (Душанбе: Эр-Граф, 2022. - 272с.) аз чоп баромад. Рисолаи мазкур ба воқеаҳои даҳшатангези соли 1947 бахшида шудааст, ки дар асари ба ду давлат тақсим шудани Ҳиндустон – Ҳиндустон ва Покистон садҳо шаҳру деҳот валангор ва миллионҳо одамон куштаву хонабардӯш гашта буданд. Муаллифи рисола кӯшида аст, то дар асоси асарҳои якчанд адибони замон, ки худ шоҳиди бевоситаи ин ҳодисаҳои мудҳиш буданд, аз қабили Бҳишма Саҳни, Иброҳим Ҷалис, Моҳан Ракеш, Миҳир Мукҳопадҳай, Абдул Бисиллоҳ, Хушвант Сингх, Хоҷа Аҳмад Аббос, Кришан Чандар ва Яшпал, баъзе масъала ва манзараи бархӯрдҳои шадиди мазҳабии дар соли 1947 рӯйдодаро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳад.

Воқеан, ҳодисаҳои соли 1947 мудҳиштарин ва ғамангезтарин амал на фақат дар таърихи ин давлату миллати бузург, балки дар таърихи инсоният ба шумор меравад. Гӯё амалҳо бо як нияти нек - таъмини озодӣ ва истиқлолияти давлатии Ҳиндустон оғоз гардиданд. Мардуми гуногунмазҳаби ин кишвари афсонавӣ солиёни дароз ният доштанд, ки мамлакати худро аз зулму асорати аҷнабиён раҳо созанд, зиндагии саодатманд ва оромона дошта бошанд. Дар ҳамин қарина адибон низ дар қатори ҳазорон фидоиёни роҳи озодии Ватан баҳри таъмини ҳамбастагии қавмҳои гуногуни Ҳинтустон бо азми зиёд талош мекарданд (саҳ. 14), аммо дар соли 1947 ҳодисаҳо ранги дигар гирифтанд. Фоҷиаҳои соли 1947 ба раванди шарафмандонаи озодихоҳии мардумони Ҳиндустон лакнат ворид намуд, онро сиёҳ кард. Кишвари бузурги Ҳиндустон на фақат тамомияти арзии худро ҳамчун бузургтарин давлати минтақа аз даст дод, пора-пора гардид, балки тақдири миллионҳо фарзандонашро ба дасти бесару сомонӣ ва ғорату таҷовуз супорид. Саволи матраҳ ин аст, ки чаро чунин ҳолат сурат гирифтааст? Ин зарурати ногузири таърихӣ буд ва ё паёмади номатлуби иғвогариҳои душманони Ҳиндустон?

Албатта, муаллиф ба ин ҳодисаҳо аз диди адибони ҳамон давраи Ҳиндустон назар андохтааст. Табиист, ки таҳлилҳои адабии осори муаллифони мавриди назар дар ҷои аввал аст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои муътамад, пеш аз ҳама, асарҳои худи муаллифони мавриди тадқиқ, баррасӣ ва таҳлили маводи мухталиф саҳифаҳои он даврони мудҳишро варақ мезанад, андешаа меронад ва натиҷагирӣ мекунад. Ин нукта муҳим аст, ки муаллифи рисола

вазифаи худро на фақат дар таъйини он масъала мебинад, ки адибон то чи андоза тавонистаанд ҳодисаҳои мудҳиши соли 1947-ро муваффақона (ё номуваффақона) тасвир кардаанд, балки роҳи ҷустуҷӯи сабабҳои чунин фоҷиа ва мавқеъгирии муаллифони асарҳои мавриди таҳлилро пеш мегирад. Бояд гуфт, ки муаллиф дар ин ҷода муваффақ гаштааст. Аз назари муаллиф, сирри муваффақият ва бузургии адибони мавриди тадқиқ дар он аст, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо аз нигоҳ ва мавқеи мазҳабӣ амал накардааст, баръакс, ин ҳодисаҳои мудҳишро аз диди солими инсонӣ ва одамияит тасвир кардаанд. Тасвирҳо ба андозае табиӣ ва холисонаанд, ки хонандаро ба фикр кардан, таҳаммулпазир будан, масъулият доштан водор месозанд. Чунин ба назар мерасад, ки андешаҳои муаллиф ва натиҷагириҳояш дар бобати ин фоҷиаи таърихӣ, ки адибони Ҳинд ба риштаи тасвир кашидаанд, арзишмандтарин қисмати ин рисолаи илмист. Паёми муаллиф, аз назари мо, на фақат ошно сохтани хонандагон бо он ҳодисаҳои тасвиршуда, балки огоҳӣ додан барои пешгирӣ аз чунин ҷудоиандозиҳо, иғвогариҳо, моҷаросозиҳо ва тухми бадбинӣ коштанҳост, ки дар замони имрӯз низ аҳамияти худро на фақат аз даст надодаанд, балки мазмун ва арзиши бештареро касб кардаанд.

Дар замони муосир, воқеан ҳам, масъалаҳои марбут ба таъмини амнияти милливу саросарӣ, пешгирӣ аз низоъҳои номатлуби сиёсию иҷтимоӣ, мубориза бар зидди ифротгароиву тафриқаандозӣ, хусуматҳои мазҳабиву маҳалгароӣ ва амсоли он аз ҷумлаи мубрамиёти рӯз гаштаанд. Сабақи таърихии ҳодисаҳои мудҳиши соли 1947 аз он гувоҳӣ медиҳад, ки зиракии сиёсӣ мақому арзиши махсус дорад. Нобасомониҳои ҷузъии иҷтимоӣ, ки гоҳо дар зиндагӣ бетаваҷҷуҳ мемонад, ҳамчун алангае метавонад оташи бузурги вайрониву харобиро ба бор оварад. Аксар вақт душманони беруна аз мушкилоти дохилии кишвар муғризона истифода бурда, миллатро метавонанд ба ҳалокат ва вартаи марг расонанд.

Хулоса, рисолаи навбатии профессор Ҳабибулло Раҷабов на фақат арзиши баланди адабиву таърихӣ, балки моҳияти бузурги сиёсӣ низ дошта, барои хонандагони сершумори тоҷик тухфаест арзанда ва айни муддао.

КАРИМОВ Ш.Т.
сарходими илмии шуъбаи Аврупо ва Амрико,
доктори илмҳои сиёсӣ

# САРГУЗАШТИ ПУРРА.. САБАБҲОИ ИХТИЛОФ МИЁНИ МИСР, ЭФИОПИЯ ВА СУДОН

*Ҷумҳурии Федеративии Демократии Эфиопия, як кишвари африқоӣ дар минтақаи қарни Африқо воқеъ гардида, маҳсури хушкӣ буда, ба баҳр баромад надорад. Пойтахти он Аддис-Абеба (Гули нав) буда, дар таърих ин кишвар ба номи Ҳабашистон шинохта мешуд. Эфиопия дар шарқ бо Ҷибутӣ ва Сомалӣ, дар шимол бо Эритрея, дар шимолу ғарб бо Судон, дар ғарб бо Судони Ҷанубӣ ва дар ҷанубу ғарб бо Кения ҳамсарҳад мебошад. Инчунин Эфиопия бо сарбанди бузурги обанбори "Эҳё-Renaissance Dam", дар гузашта ҳамчунин ба сарбанди "Ҳазорсола" маъруф мебошад. Ин сарбанд дар паҳлуҳои Нили кабуд дар Эфиопия сохта шудааст, ки шуруъ аз моҳи апрели соли 2011 сохтумонаш идома дорад. Дақиқан ин сарбанд дар минтақаи Бенишангул-Гумизии Эфиопия, дар 15 км сарҳади шарқи Эфиопия ва Судон ҷойгир аст. Пуркунии оби обанбор дар моҳи июли соли 2020 оғоз шуда, интизор меравад, ки анҷоми ниҳоии он аз 5 то 15 сол тӯл кашад. Аддис-Абеба, масъалаи лоиҳаи бунёди сарбанди нерӯгоҳи обии "Эҳё"-ро ҳамчун масъалаи содда ва марбут ба истиқлолияти Эфиопия дониста, бо кишварҳои ҳамсоя Миср ва Судон машварати оғози сохмони онро накардаст, ки ба ноамнӣ ва тезутунд шудани вазъи минтақа гардидааст. Инчунин Шариф Муҳйиддин - муҳаққиқи масъалаҳои фаромарзӣ, фарҳанг ва рушди устувор дар Миср ва Африқои Шимоли Марказӣ ва Шарқи Наздики бо номи Малколм Керр-Карнегӣ, таърихи ин масъаларо миёни кишварҳои минтақа ба таври васеъ низ таҳлил намудааст. Айни замон Эфиопия ба марҳилаи сеюми бунёди сарбанди нерӯгоҳи обии "Эҳё" наздик омода, музокироту гуфтушунидҳо ва кӯшишҳои байналмилалӣ барои пешгирӣ аз мураккабшудани вазъ, бо мақсади дубора баргаштан ба истиқрор, амн ва субoти минтақа қадам мегузоранд. Аз ин лиҳоз, тарҷумаи мақолаи сомонаи (CNN)-и арабии Дубай, Аморати Муттаҳидаи Арабиро зери унвони* ***«Саргузашти пурра.. Сабабҳои ихтилоф миёни Миср, Эфиопия ва Судон роҷеъ ба сарбанди "Эҳё-"и бузурги Эфиопия дар чист?»*** *13.08.2020 барои огоҳ шудан аз авзои минтақа дар масъалаи об пешкаши хонандагон менамоем, ки мегӯяд:*

Аз музокирот, гуфтугӯҳо ва кӯшишҳову миёнаравии байналмилалӣ миёни Миср, Эфиопия ва Судон дар бораи иншои сарбанди обии "Эҳё" ва ҷадвали муддати пур кардани ин сарбанд 9 сол мегузарад. Ба сабаби ба вуҷуд омадани ихтилофи назарҳо, иттиҳоми мутақобилаи тарафҳо бо таҷовузҳои лафзӣ ба истиқлолияти кишварҳо шуда, таҳдид ба ҷони миллионҳо нафар оварда расонидааст.

Аз ин лиҳоз, ҳафтаи гузашта дар пайи ихтилофи назарҳо, музокирот миёни се кишвари истифодабарандаи об (Миср, Эфиопия ва Судон) дар масъалаи пур кардани сарбанди обии “Эҳё” дубора мутаваққиф шуда буд. Аммо охирин ҳодисаи пурсарусадо, вақте ки аксҳои фиристодаи моҳвора аз ширкати амрикоии “Maxar Technology” дар моҳи июли соли 2019 як аксеро ирсол намуд, ки дар обанбори Сарбанди обии “Эҳё”-и Эфиопия ҷамъ шудани обро нишон медод, дубора вазъро тезу тунд намуд, ки мақомоти Мисрро водор кард, аз мақомоти Эфиопия талаби тавзеҳи фаврӣ намояд, зеро кишвари Судони ҳамсоя низ он замон аз коҳиши сатҳи об дар соҳили рӯдхонааш хабар дода буд.

Акнун чунин ба назар мерасид, ки боришоти шадиди борон обанборро пур кардааст, аммо изҳороти батакрори Эфиопия дар бораи нияти пур кардани Сарбанди обии “Эҳё”, новобаста аз он ки миёни тарафҳо созиш вуҷуд дорад ё на, нигаронии Миср ва Судонро барангехтааст, зеро ду кишвар аз он нигаронанд, ки бо суръати баланд пур кардани сарбанд, ба обёрии кишварҳои онҳо таъсири амиқ хоҳад расонид. Худи ҳамон рӯз, се кишвар натавонистанд дар мавриди идомаи иҷрои ин лоиҳа ба созиш бирасанд ва даври дигари музокироти миёни онҳо ҳам барҳам хӯрд.

Сарбанди обии “Эҳё”, як лоиҳаи бузурги нерӯгоҳи барқи обии 4,5 миллиард доллар аст, ки нишондоди ҳадафи Эфиопия барои табдил ба як бозигари бузурги минтақавӣ шудан мебошад. Ҳадафи лоиҳаи сарбанд, ба пушиши 60% фоизи эҳтиёҷоти нерӯи барқи мардуми Эфиопия нигаронида шудааст, зеро ҳанӯз минтақаҳое вуҷуд доранд, ки берун аз шабакаи барқ мондаанд. Ин лоиҳа низ ҳамчун бахши як қисми нақшаи сарвазир Абий Аҳмад Алӣ барои табдил додани кишвар ба содиркунандаи асосии энергия дар минтақа равона шудааст.

Берхану Лингесу - шарики муассиси Пажӯҳишгоҳи сиёсати Африқои Шарқӣ, ба CNN гуфт, бо сабаби набудани нерӯи барқ, бисёри аз мардуми Эфиопия ба кам кардани ҳаҷми ҷангалҳо ба истифодаи ҳезум такя мекунанд. Дар ҳоле, ки 40 дарсади дигари аҳолӣ аз қатъи бардавоми барқ азият мекашанд. Ичунин ӯ илова намуд: "Ин вазъият, хеле аламовар ва душвор аст, ки мо садсолаҳо дар он зиндагӣ дорем. Мо 85% оби Нилро таъмин мекунем ва аз ин об истифода намекунем."

Аммо ҷониби роҳбарияти Мисрӣ бошад, сарбанди обии “Эҳё”-и Эфиопия ба яке аз сарватҳои бебаҳои Миср таҳдид мекунад. Зеро аксари мисриҳо, ки шумораи онҳо беш аз 100 миллион нафар аст, дар атрофи водии Нил дар канори ин дарё зиндагӣ мекунанд ва ҳаёти онҳо аз оби нӯшокӣ сар карда, то саноат ва обёрӣ ба он вобастааст.

Аҳмад Абдулваҳҳоб, як кишоварз дар ҷануби Миср ба CNN гуфт: “Падару бобоям дар канори дарёи Нил зиндагӣ мекарданд ва фарзандону наберагонам низ дар паҳлӯи он зиндагӣ хоҳанд кард”. Ӯ интизор дорад, ки бинои сарбанди обии “Эҳё”, 60% фоизи ҳосили солонаи кишоварзиашро коҳиш дода, арзиши қимати обро афзоиш медиҳад. Ҳамчунон афзуд, “мо хеле нигарон ҳастем.. ва тамоми кишоварзони дигар низ нигаронанд”.

Аммо нисбати ҷониби Судонӣ бошад, эҳтимолан, аз арзон шудани нархи нерӯи барқи сарбанд ва ҷараёни муътадили об, ки хатари обхезиро дар Судон коҳиш дода, обёриро зиёд мекунад, баҳра баранд, тибқи гуфтаи Гурӯҳи Байналмилалии Бӯҳрон. Аммо, наздикии сарбанди обии “Эҳё” ба Судон, ки дар масофаи 12,5 мил аз сарҳадаш ҷойгир аст, метавонад дар ҳолати набудани ҳамоҳанги байни ду кишвар (Судон- Эфиопия) сарбанди обии “Русайрес”-и Судонро ба хатари обхезӣ дучор кунад,

Селеши Бекеле - Вазири об, обёрӣ ва энержии Эфиопия дар изҳороташ ба CNN, гузоришҳои қаблиро, ки кишвараш ба пур кардани сарбанд оғоз кардааст, рад кард. Ҳамчунин илова намуд, ки борон сабаби ҷамъ шудани об дар он ҷо шудааст. Инчунин Бекеле гуфт, ки пуркунии фаъолонаи обанбор пас аз анҷоми корҳои сохтмонӣ дар давоми ду сол оғоз мешавад. Ҳамзамон қайд кард, ки барои гуфтушунид ҳануз вақти бештар вуҷуд дорад.

Таҳлилгарон ба иттифоқ расидаанд, ки обе, ки дар тасвирҳои моҳвораӣ нишон дида мешавад, ба эҳтимоли зиёд оби борон аст. Аз ҷумла Уилям Дэвидсон - таҳлилгари аршади “Гурӯҳи Байналмилалии Бӯҳрон”, ба CNN аз [Аддис-Абеба - пойтахти Эфиопия ва Иттиҳоди Африқо] гуфт: “ҳоло сарбанд дар марҳилаи пешрафтаи сохтмон қарор дорад, зеро ба сабаби боронгариҳои мавсимӣ дар паси дарёи Сарбанд, ин боришот ба эҷоди як манбаи дастгирии табиат табдил ёфтааст”.

**Мудирияти дарозтарин дарёи ҷаҳон**

Тааҷҷубовар нест, ки идоракунии оби Нил як кори печидааст. Зеро ин дарё ба масофаи бештар аз 6,650 км тӯл кашида, аз 11 мамлакат мегузарад. Ҷараёни дарё оғоз аз кӯли Тана дар Эфиопия, ба дарёи Нили кабуд, ки онро бо 80% фоизи об таъмин мекунад, бо Нили сафед дар Хартум вомехӯрад ва сипас ба самти Миср ҷорӣ мешавад.

Аксари муколамаҳо ҳоло дар атрофи ҷадвали замонии такмили сарбанд, суръати пур кардани обанбор ба мақсади коҳиш додани таъсири хушксолии кишварҳои ҳамсоя дар оянда таҳдид мекунад, сурат мегиранд. Ҳоло музокирот барои парешон кардани нигарониҳо, чӣ гуна ин хатар кам карда шавад, пешбинӣ шудааст. Эфиопия дар аввал пешниҳод карда буд, ки сарбанд дар давоми 3 сол пур карда шавад, дар ҳоле ки Миср талаб карда

буд, ки муҳлати он аз 10 то 15 солро фаро гирад. Аммо Ҳафса Ҳалова - пажӯҳишгари Пажӯҳишгоҳи Ховари Миёна дар Вошингтон, ба CNN гуфт, ки барои пур кардани сарбанд дар зарфи ҳашт сол, як тавофуқи шифоҳӣ баста шудааст.

Нигаронии Миср аз таъсири пур кардани босуръати обанбор ба камбудии саҳми худ дар оби Нил ҳарос дорад. Ин нигарониро Муҳаммад Абдулатӣ - вазири пешини обёрии Миср, дар соли 2018 ба Би-би-сӣ баён карда буд, ки 2% фоизи коҳиши оби Нил боиси аз даст додани 200 000 гектари кишоварзӣ ва тақрибан як миллион ҷойҳои корӣ мешавад. Аммо таъсири дақиқи сарбанд ба ҷараёни оби Нил то ҳол норавшан боқӣ мондааст.

Ба сабаби ихтилофи назарҳо се кишвар ба созмоне, ки таҳқиқоти муҳити зистро меомӯзад ва ваколатҳое, ки ба тадқиқотчиён дода мешаванд, то чӣ андоза натиҷаҳо ҳатмӣ хоҳанд дод, натавонистанд ба мувофиқа бирасанд. Пас аз он саволе ба миён меояд, ки агар минтақа ба муддати тӯлонӣ ба хушксолӣ дучор шавад, чӣ иттифоқ меафтад!

Бо мавсими боронгариҳои шадид ва созишномаи аввалия дар бораи ҷадвали муҳлати пур кардани сарбанд дар давоми 8 сол, ҳеҷ мушкилии фаврӣ вуҷуд надорад. Аммо Қоҳира аз ҳар гуна хушксолӣ дар оянда ва дигар лоиҳаҳо, ки метавонанд ба ҷараёни оби Нил монеъ шаванд, нигарон аст.

Вилям Дэвидсон гуфт, Эфиопия мехоҳад, ки ҳар як тараф масъулиятро барои коҳиш додани оқибатҳои хушксолии худ ба дӯш гирад. Мисли он ки Миср дар чунин ҳолат, метавонад захираи обии сарбанди “ас-Сад ал-олӣ”-и минтақаи ал-Асвони ҷануби Мисрро истифода барад. Ва илова намуд, ки “Эфиопия инчунин мехоҳад, ки ҳангоми ба миён омадани чунин мушкилот, бе ягон созишномаҳои қаблӣ, аз қабили озод кардани миқдори муайяни об аз обанбори “Эҳё” ҳангоми хушксолӣ, бидуни ӯҳдадорӣ ҳал кунад”.

Ҳалова бар ин бовар аст, ки “нуқтаи баҳс дар он аст, то дар оянда чӣ илова мешавад” ва ба гуфт, ӯ “Эфиопия музокиротро ҳамчун як роҳи созиш барои пур кардан ва ба истифода додани сарбанди Эҳё мешуморад, на ҳамчун як масъалаи амнияти об ва созишнома дар бораи ҳиссаи об, чуноне ки Миср онро баррасӣ мекунад, ин ихтилофи муҳим аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ва техникӣ аст”.

**Созишномаҳо аз "давраи зери мустамликавӣ"**

Созишномаҳое, ки солҳои 1929 ва 1959 имзо шуда буданд, ба Миср ва Судон ҳиссаи бузурги обҳои Нилро дода буд.

Дар ҳоле ки Эфиопия ин созишномаҳоро ҳамчун “созишномаҳои замони мустамликадорӣ” рад карда, дар соли 2010 бо 6 кишвари ҳавзаи Нил барои бозпас гирифтани вето аз Миср ва Судон алайҳи таъсиси лоиҳаҳи бунёдӣ дар рӯдхонаи Нил қарордод имзо кард.

Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ - Раисиҷумҳури Миср соли гузашта дар Созмони Милали Муттаҳид гуфта буд: “Мо ҳуқуқи Эфиопияро барои рушд эътироф мекунем, аммо обҳои Нил масъалаи ҳаёт ва наҷоти Миср аст”.

Дар аввали соли ҷорӣ Абдулфаттоҳ ас-Сисӣ ба умеди дастёбӣ ба тавофуқ ба миёнҷигарии Амрико такя кард, аммо Эфиопия аз музокирот даст кашид ва иддао кард, ки тавофуқномаи пешниҳодкардаи Вошингтон пешниҳодҳоро ба нафъи Қоҳира анҷом дода, масъалаи ихтилоф роҷеъ ба коҳиши хушксолиро дар бар мегирад.

Дар як пажӯҳиши Гурӯҳи Байналмилалии Бӯҳрон гуфта шудааст, ки “Аддис-Абеба эътироз кард, ки ин созишнома онро вазифадор мекунад, ки оби обанборро дар сурати рӯх додани хушксолии тӯлонӣ ба сатҳи ғайри қобили қабул холӣ кунад ва қонунан вазифадор аст, ки сарбанди обанборро бидуни расидан ба созиш, пур накунад”.

Фитсум Арига - сафири Эфиопия дар ИМА гуфт, ки кишвараш “Ҳеҷ як созишномаеро имзо нахоҳад кард, ки боиси даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи обҳои дарёи Нил шавад”.

Иттиҳоди Африқо бо пайгирии Шӯрои Амнияти СММ дар моҳи июн як талоши дигаре ба сари мизи гуфтушунид овардани се кишварро роҳбарӣ намуд, аммо то ҳол созиш ба даст наомадааст.

**Лоиҳаи ваҳдати миллӣ**

Дар Эфиопия, муваффақияти лоиҳаи сарбанди бузурги “Эҳё”-и Эфиопия на танҳо барои таҳкими нақши Аддис-Абеба дар минтақа, балки барои муттаҳид кардани миллате, ки дар натиҷаи хушунати этникӣ аз ҳам ҷудо шудааст, зарур аст.

Дар авоили моҳи июли гузашта, даҳҳо нафар аз эфиопиягиҳо дар ҷараёни тазоҳуроти густурда, ки бар асари марги Ҳашалу Хундеса – овозхон, фаъоли сиёсӣ ва яке аз рамзҳои калонтарин мардуми Оромо, ки гӯё аз лиҳози сиёсӣ ба ҳошия гузошта шудааст, кушта шуданд.

Мунаққидон Абий Аҳмад – нахуствазири Эфиопияро ба нотавонии пешгирии хушунатҳои кишвараш ба он муттаҳам мекунанд, ки бо вуҷуди дар соли 2019 барандаи Ҷоизаи сулҳи Нобел шуданаш барои нақши ӯ дар хотима додан ба ҷанги 20-солаи шаҳрвандии байни Эфиопия ва Эритрея, аз хушунатҳои қавмӣ дар кишвараш ҷилавгирӣ накардааст.

Лоиҳаи сарбанди "Эҳё" мояи ифтихори миллӣ гардид, зеро ин сарбанд аз ҳисоби вомбаргҳои 20% ва 80% фоизии пули андозсупорандагони Эфиопия худмаблағгузорӣ карда мешавад. Сарбанд дар муттаҳидсозии кишвар муваффақият нишон дод ва тамғакоғази (#Ин сарбанди ман) моҳи гузашта дар сайти Твиттер дар Эфиопия ба кор даромад.

Аддису Лашитию - муҳаққиқ ва корманди Барномаи Байналмилалии Иқтисод ва Рушди Институти Брукингс, ба CNN гуфт, "Сарбанди Эҳё як тарҳи миллӣ аст, ки пуштибонии ҳукумат, мухолифон ва мардумро ба даст овардааст. Он ҳамчун нерӯи муттаҳидкунандаи Эфиопия ҳисобида мешавад, зеро он бо пули Эфиопия сохта шудааст".

Манбаъ: Шабакаи ахбори арабӣ *(CNN)*
*Дубай, Аморати Муттаҳидаи Араб*
*Саргузашти пурра.. Сабабҳои ихтилоф миёни Миср, Эфиопия ва Судон роҷеъ ба сарбанди "Эҳё-"и бузурги Эфиопия дар чист?*
*القصة الكاملة.. ما أسباب الخلاف بين مصر وإثيوبيا والسودان حول سد النهضة؟*
https://arabic.cnn.com
13.08.2020

Таҳия ва тарҷума аз арабӣ:
Абдуҳалим Одинаев – ходими калони илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

# ОСИЁИ ҶАНУБӢ ВА ШАРҚӢ АЗ НИГОҲИ ИМРӮЗ

Мавриди зикр аст, ки минтақаи Осиё калонтарин қитъаи рӯи дунё буда, дорои беш аз 40 давлати соҳибистиқлолу худмухтор мебошад. Ин ҷо бо 6 минтақаи асосӣ тақсим мегардад, ки ҳар яки он саҳм ва мақоми хосаи худро доранд ва аз ҳар ҷиҳат аз якдигар тафовут доранд. Масоҳати Осиё 44,4 млн. км$^2$ буда, омӯзишу шиносоӣ бо он хело муҳим арзёбӣ мегардад.

Қитъаи Осиё таърихи қадима дошта, тавсифу таърифи он дар осори устод Мирзо Турсунзода хело хуб васф шудааст. Хулоса, он бо минтақаҳои Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Шарқӣ дорои таърих, тамаддун ва фарҳанги ғанӣ дошта, то ба имрӯз робитаҳои хуби дипломатӣ доранд.

Осиёи Ҷанубӣ дар қисми марказиву ҷанубии Осиё ҷойгир шуд, ба минтақа кишварҳои Афғонистон, Бангладеш, Бутан, Малдив, Непал, Покистон, Ҳиндустон, Шри Ланка шомил мебошанд. Осиёи Шарқӣ бошад яке аз минтақаҳои пешрафта ва тараққикардаи қитъаи Осиё маҳсуб ёфта, иборат аз давлатҳои Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Кореяи Шимолӣ ва қисман Муғулистону Шарқи Дури Русия дохил мешаванд.

Дар ин зимн, чанде пеш аз ҷониби нашриёти "Дониш"-и АМИТ бо ташаббуси Институти Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон китоби "Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ аз нигоҳи имрӯз" дар ҳаҷми 343 саҳифа нашр гардид. Китоби мазкур иборат аз масоили мубрами таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва адабу фарҳангии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқ буда, дар он самтҳои стратегӣ ва амнияту субот мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтанд. Инчунин, дар китоб оид ба масоили мубрами гуногуни минтақа ва дурнамои он мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифта, роҳҳои ҳал ва тавсияву пешниҳодҳо ироа гардидааст.

Бояд қайд кард, ки китоб аз ҷониби ходимону муҳаққиқони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институту Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо назардошти таҳқиқоту тадқиқоти ихтисосии онҳо барои доираи васеи хонандагон, минтақашиносон ва кишваршиносону мутахассисони равобити байналмилалӣ пешниҳод мешавад. Муаллифони китоб дар асоси корҳои лоиҳаҳои тадқиқотии худ аз руи ихтисос ва забондониву минтақашиносӣ баррасӣ ва андешаронӣ карда шудааст, ки хонанда метавонад аз масоили мубрами кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ огаҳӣ илмӣ пайдо кунад.

Китоб зери назари мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Авруопои АМИТ доктори илмҳои

филологӣ, ҳиндшиноси тоҷик, профессор Ҳабибулло Раҷабов рӯи чоп омадааст.

Китоби “Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ аз нигоҳи имрӯз” бо мундариҷа ва номгӯи мақолаҳои илмии ходимони шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институт бар асоси масоили мубрами минтақа таҳия ва мураттаб гардидааст.

Дар оғози китоб мақолаи профессор Ҳабибулло Раҷабов зери унвони “Чанд нуқта оид ба аввалин бархӯрдҳои мазҳабии солҳои 1947 дар Ҳиндустон оварда шудааст, ки муаллиф мавзуъро хеле моҳирона таҳқиқу баррасӣ карда, далелу аснодҳо аз романи нависандаи ҳинд Яшпал (1903-1977) зери унвони “Ҳақиқати қалбакӣ” нақл кардааст. Адиб воқеаҳои солҳои 1947 ва кашмакашҳои мусамонону ҳиндро барои ҳамаи онҳое, ки манфиати халқ ва ҳамбастагиву якдигарфаҳмии мардумони гуногунмазҳабро гарави бе тарсу ҳарос фаъолият кардану зиндагии осоишта доштан меҳисобанд, мисолҳои хуберо пешниҳод кардааст.

Дар роман ватандӯстии мардуми инҷо ва орзуҳои дар дил доштаи онҳо барои озодӣ ва оромии Ватан тасвир шуда, масоилу мушкитолоти муборизони роҳи озодии Ҳиндустонро нишон додааст.

Ҳамин тариқ, дар китоб аҳамият ва мубрамияти заминаҳои таърихию фарҳангии равандҳои геополитикиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ аз ҷониби донишманону муҳаққиқони соҳа Нуъмонҷон Ғаффорӣ, Сайфулло Муллоҷон, Мамадазимов А., Турсунсон Турсунмурод, Арабова Шарофат ва Малахова Зебо хело моҳирона тасвирёбӣ шудааст.

Дар ин зимн, масоили мубрамаи минтақаи Осиёи Шарқӣ аз ҷумла, Кореа, Малайзия, Индонезия, Тайланд ва Ҷопон аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони соҳа Ким Виктор, Нигора Файзуллоева, Сайдалиев Усмоналӣ, Қудратов Комрон ва Меҳри Собириён бо далелу аснодҳои илмӣ андешаронӣ шудааст, ки хонанда метавонад аз он маълумотҳои дақиқу зарӯрӣ дарёфт намояд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин ва нақшу мафҳуми диаспораҳо дар ҷаҳон алалхусус дар Осиёи Миёна, Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқ дар китоби мазкур аз ҷониби коршиносон ва минтақашиносони ҷавону сермаҳсул Ҳабибҷон Мирзоев ва Мирсаид Раҳмонов бо андешаву нигоҳҳои донишмандони минтақа ва ҷаҳон баррасӣ ва натиҷагирӣ гардидааст, ки муҳаққиқон ва магистрантону доктрантҳо ва кишваршиносон метавонанд маълумоти кофӣ гирифта, хуб истифода карда, рисолаҳои илмии худро ба анҷом расонанд.

Хулоса, китоби мазкур метавонад барои кормандони илмӣ, мутахассисони соҳа,аспиратону докторантҳо, магистрантҳо, ҷуғрофияшиносон ва устодону омӯзгорони донишгоҳову марказҳои таҳқиқотии соҳавӣ дастури хуби таълимӣ истифода гардад.

Мавриди зикр аст, ки китоби "Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқӣ аз нигоҳи имрӯз" натиҷаи кору заҳмат ва баррасиҳои ходимони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти Осиё ва Аврупои АМИТ буда, маркази мазкур яке аз муассисаҳои муосири тадқиқотии Тоҷикистон дар назди Академияи миллии илмҳо аст, ки аз соли 2017 оид ба омӯзиши масъалаҳои геопалитикӣ, таъриху муносибатҳои байналмилалӣ ва равобити дипломатии Осиё, Аврупову Амрико ва Африқо ва дурнамои онҳо бо минтақа ва хусусан Тоҷикистон китобу мақолаҳои бешуморе то ба имрӯз нашр расонида, кормандону муҳаққиқони соҳавии он пайваста дар матбуоти даврӣ ва радиову телевизони дохиливу хориҷӣ аз тариқи онлайн ва офлайн бо роҳнамоии роҳбарияти он саҳми арзанда мегӯзоранд. Хулоса, китоби мазкур гаронмояи хубест барои хонандагон, дӯстдорони илму адаб ва минтақашиносони кишвар дар забони соҳибистиқлолии кишвар.

Мирсаид Раҳмонов
ходими калони илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти Осиё ва Аврупои АМИТ

# ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ

**ШОЗИЁЕВА ГУЛМО ПАРВОНАШОЕВНА**
номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари шуъбаи Аврупо ва Америкаи ИОМДОА АМИТ, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 935 47 78 98.

**ИМОМДОДОВА МАНИЖА АБДУРАСУЛОВНА**
магистранти Института омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г. Душанбе, х. Рудаки, 33.

*Дар мақолаи мазкур муаллифон дипломатияи фарҳангиро, ки ҳамаи робитаҳои фарҳангиро дар бар мегиранд, таҳлил намудааст. Бояд қайд кард, ки дипломатияи фарҳангӣ таърихи бисёрсола дошта, то замони мо ба сатҳи байналмилалӣ расидааст. Ҳамчунин дар мақола маводи илмӣ ва дақиқ роҷеъ ба дипломатияи фарҳангӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки усулҳои равобити дутарафаро бо ҳам мепайвандад.*

***Калидвожаҳо:*** *дипломатияи фарҳангӣ, гуфтушунид, вазорат, таърихӣ, робита, фарҳангӣ, Тоҷикистон, созмон.*

Бояд гуфт, ки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи аввали таъсисёбии худ ҳамаи арзишҳои маънавӣ, маданӣ ва фарҳангиро на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он ҳимоя намудааст. Бинобар ин пеш аз он ки моҳият ва вижагиҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳем, бояд нахуст роҷеъ ба дипломатияи фарҳангӣ маълумоти муфассал баён намоем.

*Дипломатияи фарҳангӣ* - фаъолияти махсуси равобити фарҳангии хориҷӣ оид ба татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати фарҳангиву мадании хориҷии давлатҳо, инчунин ҳимояи манфиатҳои маънавӣ ва фарҳангӣ дар хориҷ мебошад. Ҳамчунин дипломатияи фарҳангӣ маҷмуи омилҳо ва усулҳои фарҳангӣ бо назардошти шароити мушаххас ва хусусияти вазифаҳои ҳалшаванда мебошад.

Ҷиҳати доштани таърихи ҳазорсолаи дипломатияи фарҳангӣ арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти ҷомеаи башар мақоми махсусро касб намудааст. Зуҳури ин ё он ҷомеаи фарҳангӣ, ташаккулёбии институтҳои фарҳангӣ, рушди маданияти моддӣ ва маънавӣ тавассути мубодилаи тиҷоратӣ, фарҳангӣ бо дипломатия сахт алоқаманд аст. Дар маркази доираи он бошад, муносибатҳои байни халқҳо, давлатҳо ва ҳар гуна

равобит қарор доранд.

Нақши дипломатияи фарҳангӣ нисбат ба солҳои пеш дар даҳсолаҳои охир, яъне дар замони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон афзудааст, зеро ки “масъалаҳои фарҳангии хориҷӣ таҳти таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст” [3, 102].

Боиси зикр аст, ки маҳз таваҷҷуҳи бевоситаи Ҷаноби Олӣ дар баробари дигар соҳаҳо ба фарҳанг ва маданият басо зиёд аст. Маҳз бо дастуру супоришҳои Президенти кишвар ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои миллӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва дигар суннатҳои фарҳангӣ-маданӣ мавқеи муҳимро ишғол намуда, ба ҷаҳониён, ба хусус ба мамолики Ғарб муаррифӣ гардид.

Дарвоқеъ, дипломатияи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози Иттиҳоди Шӯравӣ то замони ҳозира ҳарчанд муддати кутоҳро дар бар гирифта бошад ҳам, ба нуқтаи ниҳоии рушду инкишофи баланди равобити фарҳангӣ расидааст. Дар ин замина дипломатияи фарҳангӣ ҷузъи таркибии таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва диломатия буда, дар алоқамандӣ ба фарҳанги дигар раванди ҷаҳонӣ-таърихӣ таъмин менамояд.

Ҳамчунин “сиёсати фарҳангии хориҷии ҳукумат метавонад вақте дуруст ва комёб гардад, агар он ба дипломатҳо, шахсиятҳои таҷрибанок, содиқ, оқил, ҳозирҷавоб, ботамкин, ҷасур ва фурӯтан такя карда бошад, ки онҳоро эҳсоси вазифашиносӣ ва масъулиятшиносӣ ҳидоят мекунад ва онҳо хатару зиракиро мефаҳманд, аҳамияти фаросат, эътидол, эҳтиёткорӣ, сабурӣ ва назокату тамкинро эътироф мекунанд» [13, 51].

*Дипломатия фарҳангӣ*, ки маҳз аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикитсон (ВФҶТ) ироа гардидааст дар тӯли арзи ҳастии худ ба ду давраи муайяни таърихӣ ҷудо мешавад, ки аз рӯйи усулҳои ташаккулёбӣ ва шакли ташкилии алоқаҳои байниҷамъиятӣ ва байнидавлатӣ аз ҳам фарқ доранд:

**1. Давраи Иттиҳоди Шӯравӣ**. Ин давраи оғоз ва ташаккули дипломатияи фарҳангӣ мебошад, ки барои он ба сифати меъёри асосии ҳуқуқӣ расму русум, урфу одат ва анъана хос буд. Дар ин давра арзишҳои фарҳангии халқи тоҷик дар доираи давлатҳои собиқ шӯравӣ ё худ дар доираи муносибатҳои байниминтақавӣ суръат мегираифт.

**2. Давраи Истиқлолият**. Бо шуруъ шудани давраи нав *дипломатияи фарҳангӣ* дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ ба *дипломатияи фарҳангии ҷаҳонӣ* табдил ёфтааст. Системаи меъёрҳои ҳуқуқҳои байнидавлатӣ васеъ ва сифатан низ беҳтар гардиданд. Дар дипломатия, хосса, дар дипломатияии фарҳангӣ низ ба сифати бунёдӣ (фундаменталӣ)

усули бо роҳи нарм ҳал намудани зиддиятҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ эълон карда шуда, «хусусиятҳои асосии ҳар гуна дипломатияро дар замони муосир ҷаҳонишавии он дар бар мегирад» [3, 56]. Дар ҷаҳони муосир проблемаҳои наве зухур кардаанд, ки талабот пеш мегузоранд, ки қувваю тавоноии тамоми давлатҳо бояд муттаҳид шаванд.

Масъалаи дипломатияи фарҳангӣ ва нақши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муаррифӣ намудани арзишҳои маданӣ-маърифатӣ ва фарҳангӣ ба мамолики хориҷӣ аз рӯзҳои нахуст дар амал татбиқ шудааст. Аммо роҷеъ ба дипломатияи Шарқ ва Ғарб ва умумияту фарқиятҳои онҳоро на муҳаққиқон ва коршиносони дохилӣ ва на дар хориҷӣ таҳқиқоти пурра навиштаанд. Дар навбати худ бояд қайд кард, ки баъзе ҷанбаъҳои ин масъала дар шакли кутоҳ амалан татбиқ шудаанд.

Зимни таҳлили пурраи дипломатияи фарҳангӣ ва нақши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмин намудани равобити фарҳангӣ бо мамолики Ғарб бештар ба сарчашмаҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики абарқудрати Ғарб, ба мисли Англия, Шветсия, Шветсария, Австрия, Олмон, Фаронса, Италия, ҳамчунин қисмати муайяни Иёлоти Муттаҳидаи Америка (ИМА) ва ғайра рӯ овардем. Дар ин давлатҳои бузурги ҷаҳон субъектҳои фаъоли муносибатҳои байналхалқӣ доир ба ин ҷанбаи муҳимми дипломатияи фарҳангӣ таҳқиқоти муайян анҷом дода нашудааст. Ҳамчунин, мутаассифона, дар кишвари мо китобҳои дарсӣ, маводҳои илмӣ бахшида ба суҳбатҳои дипломатияи фарҳангӣ бо ҷаҳони Ғарб тамоман вуҷуд надоранд. Дар китобҳои муаллифони тоҷик танҳо баъзе масъалаҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ инъикос ёфтаанд. Донишмандони ватанӣ танҳо ба нақши дипломатия ва музокирот дар инкишоф ва таҳкими ҳамкориҳои байналхалқӣ ишора намудаанд. Оид ба нақши дипломатияи фарҳангӣ ва музокирот олимон ва донишмандони зиёди хориҷӣ тадқиқотҳои илмӣ анҷом доданд. Аз ҷумла, олимони зиёди рус ва америкоӣ В.И. Каприлан, О.П. Левин, В.И. Филипин, А. Ковалёв, К. Ҳэмилтон ва Р. Ҷенни, А. Ватсон, Р. Фэлтҳем, Э. Сатоу, Г. Николсон ва ғайраро таъкид намудан ба маврид аст.

*Дипломатияи фарҳангии* муосир шаклҳои зерини фаъолиятро татбиқ намудааст:

- давра ба давра баргузор намудани вохӯриҳои сарони давлатҳо ва намояндагони махсуси фарҳангӣ, баргузор намудани даҳҳаҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ, конфронсҳои байналмилалии маданӣ-фарҳангӣ ва ғ.;

- мукотибаи фарҳангӣ тавассути мубодилаи афкор, ёддоштҳо, номаҳои шахсӣ ва амсоли инҳо;

- таҳия ва бастани шартномаҳо ва созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналмилалӣ, ки доираи васеи масъалаҳои муносибатҳои байнидавлатии фарҳангиро танзим менамояд;

- намояндагии доимии давлат дар хориҷа, ки онро сафоратхонаҳо ва дигар миссияҳо анҷом медиҳанд ва тавассути онҳо робитаҳои мунтазами фарҳангиро бо Вазорати фарҳангии кишвар нигоҳ медоранд;

- тасдиқи арзишҳои миллӣ дар ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама ЮНЕСКО;

- муаррифӣ ва пешниҳод кардани мавқеи расмии давлат оид ба масъалаҳои фарҳангӣ, нашри даврии иттилооти расмӣ ва ғ.

Рушд ва дурнамои назария ва амалияи дипломатияи фарҳангӣ боиси бештар омили ҷаҳонӣ пайдо намудани он ва мураккаб гардидани талабот ба ин навъи фаъолияти касбӣ гардидааст. Дипломатияи фарҳангӣ дар муддати зиёди фаъолияти худ тай намуда, аз марҳалаи ибтидо чун дорои вижагиҳои оддӣ то давраи муосир ба шакли  касбӣ расидааст.

Табиист, ки дар раванди ҳаргуна ҳаводиси таърихӣ “дипломатияи фарҳангӣ ба шакли дигари он аз омилҳои таззодӣ холӣ набуд. Дар назария ва амалияи дипломатияи фарҳангӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада” [4:78], бо риояи усули гузариш як шакли дипломатияи фарҳангии шаклҳои минбаъдаи онро ғанӣ намуда, мутобиқшавии онро бо шароити тағйирёбандаи маданӣ, равонӣ ва дар маҷмӯъ бо вазъи байналмилалӣ таъмин намуд.

Ҳамин тариқ, таъкид намудан лозим аст, ки дипломатияи фарҳангӣ на ҳамчун илм, балки ҳамчун санъати тарҳрезӣ ва амалӣ сохтани сиёсати хориҷӣ аст. Ба андешаи мо, муаллифоне, ки дипломатияро бештар ҳамчун санъат, на илм мешуморанд, ба сифатҳои шахсии дипломатҳо чун ширкаткунандагони музокирот афзалият дода, таъкид менамоянд, ки онҳо иҷрокунандагони баландихтисос ва варзидаи қарорҳои қабулшуда мебошанду халос. Ба ақидаи онҳо дипломатҳо танҳо «шахсони боақлу заковат барои гирд овардани иттилоот» мебошанд, ки онро ба туфайли робитаҳояшон бо ашхоси дорои чунин маълумот, ба даст меоваранд.

Солҳои охир дар илми ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ истилоҳи “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” маъмул гардида, кишварҳои пешрафта, аз ҷумла ИМА, Англия, Фаронса, Италия, Олмон, Русия бо истифода аз қудрати ин арзишҳои иҷтимоӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Доманаи баҳси ин хориқаҳои босубот дар шароити кунунӣ ба

давлатдорӣ, сиёсат ва дипломатия таъсири амиқ расонида, мамлакатҳо муҳимтарин масъалаҳои консептуалии сиёсати хориҷии худро ба ин восита татбиқ карда истодаанд. Онҳо дар сиёсати берунаи худ ба хотири густариши ҳамкориҳои гуманитарӣ ба ин омилҳои ваҳдатофар такя карда, мавқеи худро дар фазои муносибатҳои байналмилалӣ таҳким мебахшанд.

Бо пайдо шудани “мафҳумҳои “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” дар муносибати байни давлатҳо мавқеи фарҳанг боз ҳам устувор гардида, онҳо кӯшиш доранд, ки ҳамкориҳои фарҳангию адабиро тавсеа бахшида, ҳамдигарфаҳмиро миёни халқҳо ва кишварҳо устувор гардонанд” [8, 43].

Мафҳуми “дипломатияи фарҳангӣ” солҳои сиюми қарни XX дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ карда, ҷанбаи тарғиботӣ ва сиёсӣ дошт. Дар ҳамон замон ба хотири ҳарчи бештар амалӣ шудани саноатикунонии мамлакат зарурати ҷалби олимони барҷастаи соҳаи техникаву технология ва шахсиятҳои фарҳангию адабӣ аз кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ пеш омада буд. Сарони вақт барои расидан ба ин ҳадаф аз дипломатияи фарҳангӣ истифода карда, олимони машҳур, адибони шинохта, файласуфони бузург, ба мисли Г. Уэллс, Р. Ролан, Б. Россел, А. Жидро ба кишвари Шӯроҳо даъват мекарданд ва аз таҷрибаи корӣ, илмӣ ва мавқеи ҷамъиятии онҳо истифода намуда, баробари ин робитаро бо кишварҳои хориҷӣ таҳким мебахшиданд. Ин усули кор минбаъд таҳким ёфта, давлатҳои пешқадам аз ин таҷриба истифода мекарданд ва барои тавсеаи дипломатияи фарҳангӣ шеваҳои наву созандаро эҷод намуда, барои рушди фарҳанг роҳи васеъро боз менамуданд. Аммо, пасон, доираи ин сиёсат дар кишвари Шӯроҳо заиф шуда, давлатҳои Ғарб аз дипломатияи фарҳангӣ истифода намуда, барои роиҷ ёфтани он тадбирҳои зиёдеро амалӣ намуданд.

Дар ҷумҳурии мо пеш аз ҳама забон, адабиёт илм, таҳсилот, фарҳанг ва иттилоот ба неруи нарм дохил шуда, бо ин роҳ мақоми кишвар дар арсаи байналмилалӣ афзун гардида истодааст. Таваҷҷуҳ ба сохторҳои фарҳангию адабӣ дар канори унсурҳои моддӣ яке аз хусусиятҳои хоси сиёсати давлати соҳибистиқлоли тоҷикон буда, дар шаклгирии ҷаҳонбинии ҷомеа нақши муҳимро бозида истодаанд.

Ҳукумати мамлакат таҳти сарварии хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба фарҳанг арҷ гузошта, онро ҳастии миллат эълон намуданд ва барои рушди он заминаҳои мусоид фароҳам оварданд. Ин абармарди дунёи сиёсат ҷиҳати эҳёи арзишҳои фарҳангӣ талош намуда, чорабиниҳои зиёдеро ба хотири устувор гардидани фарҳанги миллӣ дар дохил ва хориҷи кишвар баргузор

намуданд, ки ҳар кадом дар боло рафтани мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ нақши босазо бозиданд. Махсусан, эҳёи таърих ва тарғиби шахсиятҳои барҷастаи адабию фарҳангии гузаштаву муосирро Пешвои миллат ҳамчун воситаи худогоҳиву худшиносии шаҳрвандони Тоҷикистон истифода карда, дар давлатсозӣ ва сохтани ҳувияти миллӣ аз ин рукнҳои тавонманд истифода намуда, дар таҳкими пояҳои давлати миллӣ саҳми созгор гузоштанд.

Ҳангоме ки сухан доир ба Тоҷикистони фарҳангӣ меравад, таърих ва ҷуғрофиёи он васеътар аз сарҳадҳои Тоҷикистони имрӯза гардида, бо кишварҳои ҳамсояву ҳамҷавор робита пайдо менамояд ва мавқеи забон ва адабиёти тоҷикӣ низ васеъ густариш меёбад [2, 11].

Таърихи гузаштаи мо ба адабиёт чунон пайванди қавӣ дорад, ки ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳ надорад. Тоҷикистон дорои фарҳанги ғании миллист, ки метавонад бар асоси арзишҳои башарӣ аз неруи нарм, ки ҳар ҷузъи он саршор аз гуманизими беҳамтост, истифода намояд. Ин неруи зоҳиран нарму зотан хеле қавӣ, тавоноии Тоҷикистонро меафзояд ва симои давлати тоҷиконро дар байни кишварҳои ҷаҳон барҷаста месозад.

Хусусияти хоси сохтори сиёсии Тоҷикистон моҳияти миллӣ доштани он аст. Дар оғози Истиқлоли давлатӣ Ҳукумат заминаҳои бедории сиёсию иҷтимоии мардумро фароҳам овард. Аммо набудани неруи созмондиҳандаи миллӣ, ки метавонист орзуву ормони гурӯҳҳои гуногуни мардумро ба як ниёзи миллӣ мубаддал кунад, кишварро ба вартаи задухӯрдҳои дохилӣ кашид. Аммо хиради азалии халқи тамаддунофари тоҷик имкон дод, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ин буҳрони сиёсӣ раҳоӣ ёбем ва роҳи сулҳу суботро ҳамчун воситаи таҳкими ваҳдати комил интихоб карда, ба рушди минбаъдаи кишварамон роҳи васеъро боз намоем.

Ба ин восита Тоҷикистон мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ тавонист устувор намояд ва дар тарғибу тарвиҷи тавоноиҳои фарҳангию адабии мамлакат бо кишварҳои дигар фаъолияти босамареро ба роҳ монад.

Дар сиёсати дохилию хориҷии хеш Тоҷикистон аз осори адабии гузаштаи хеш босамар истифода карда, адабиёти беш аз ҳазорсола, фарҳанги ғанӣ, ҷуғрофиёи ҷолиб барои сайёҳии экологӣ, захираҳои обӣ ва маъданҳои зеризаминии бешумореро, ки аз ҷумлаи боигариҳои беназири Тоҷикистон ба шумор мераванд, барои таҳкими ҳамкориҳои гуманитарӣ истифода карда, мавқеашро дар миёни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон таҳким бахшида истодааст. Ин тавоноиҳои табиӣ ҳамчун неруи нарм дар созмон додан ва мустаҳкам кардани муносибатҳои байналмилалӣ самаранок

истифода гардида, Ҳукумат аз ҳуҷумҳои ғаразноки фарҳанги бегона ба ин восита ҷилавгирӣ мекунад.

Тоҷикистон инчунин фарҳангро ҳамчун воситаи густариши қаламрави таблиғи арзишҳои адабӣ-фарҳангӣ, додугирифти фарҳангӣ истифода намуда, воқеаҳои таърихию адабиро дар фаъолиятҳои дипломатӣ корбарӣ менамояд. Дар баробари ин бо дастрасии васеъ ба шабакаҳои байналмилалии иттилоотӣ чеҳраҳои таърихӣ ва фарҳангии худро муаррифӣ карда, неруи нарми кишварро қавӣ менамояд. Ҳамзамон бо бисёр созмонҳои байналмилалӣ робита карда, ҷунбишҳои байналмилалии экологиро дастгирӣ мекунад, дар ҳаракатҳои зидди ҷанг иштироки фаъолона намуда, анҷуманҳои дӯстӣ бо кишварҳои ҷаҳонро баргузор менамояд ва дар маъракаву чорабиниҳои байналмилалии фарҳангӣ ширкат меварзад. Махсусан, дар тарғиби адабиёти чандҳазорсолаи тоҷик нақши калидӣ мебозад. Бино ба мушоҳидаҳои иддае аз пажӯҳишгарони осори ғиноманди тоҷикӣ Эдвард Браун, С. Айнӣ, Э. Бертелс, А. Мирзоев, Саид Нафисӣ, Эраҷ Афшор, Ёршотир Эҳсон, Ян Рипка, И. Бечка ва дигарон шумораи осори адабии ба забони тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ эҷодшуда ба нисбати адабиётҳои ба забонҳои дигар хеле зиёд аст. Аз нигоҳи сифат низ осори беназири Рӯдакию Фирдавсӣ, Хайёму Саъдӣ, Мавлонову Шайх Аттор, Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ пур аз мафҳумҳои баланди инсониянд, ки аз шуҳрату маҳбубияти онҳо аҳли башар бархурдор буда, адабиёти бисёре аз миллатҳоро зери таъсири созандаи хеш қарор додаанд.

Ба таври шоиста ҷашн гирифтани 700-солагии Камоли Хуҷандӣ, баҳои баланди Котиби генерали ЮНЕСКО, хонум Одри Азулай ба адабиёти тоҷик ва чоп шудани осори Камол бо забонҳои русӣ, англисӣ ва чинӣ, инчунин изҳори назар кардани шахсиятҳои илмию адабӣ дар бораи осори ин нобиғаи Шарқ ҳар кадом бозтобдеҳи истифода аз неруи нарми фарҳанги миллӣ мебошад, ки имиҷи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардорад. Ё ба шумораи зиёд ва ба таври васеъ дар ИМА мутолиа кардани осори Мавлавӣ ин нишонаи тарғиби неруи нарми фарҳанги тоҷикӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Бо ин восита фарҳанг ва маънавиёти тоҷикӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ шуда, маҳбубияти одамони дигар кишварҳо ба андешаҳои гуманистии Мавлоно зиёдтар мегардад.

Ҳамасола тавассути ЮНЕСКО Тоҷикистон ба хотири ҳифзу ҳимояи ёдгориҳои таърихӣ ва мероси моддӣ ва ғайримоддии худ лоиҳаҳои мукаммалро пешниҳод карда, аз ҷониби комиссияҳои босалоҳияти байналмилалӣ эътироф мешаванд ва вобаста ба ҳифзу ҳимоя ва муаррифии онҳо қарорҳои дахлдор қабул мегарданд. Бо ин роҳ мо осори фарҳангии

ғайримоддии халқамон, аз қабили "Шашмақом" "Фалак", "Чакан"-ро муаррифӣ кардем ва имрӯз оламиён дар бораи ин мероси ғайримоддии тоҷикон маълумот доранд ва мутахассисони соҳа доир ба арзиши ин осори фарҳангӣ корҳои илмиву таҳқиқотӣ мебаранд.

Ҳамин тавр, ба таври шоиста мо "Наврӯз"-ро ба қатори ҷашнҳои байналмилалӣ ворид кардем ва дар саросари олам рӯзи 21-уми март ҷашни Наврӯз доир мегардад ва оид ба моҳияти фалсафиву инсонгароёнаи ин ҷашни миллии тоҷикон изҳори назар ва андешаҳои судманд ҳамасола тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд. Ҳоло ба хотири қабул шудани ҷашни "Меҳргон" ба рӯйхати мероси ғайримоддии ҷаҳонӣ ба ЮНЕСКО лоиҳа аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шудааст ва боварӣ дорем, ки ин лоиҳаро низ созмони мазкур эътироф хоҳад намуд. Ҳамзамон, барои ҳифзи ёдгориҳои беназири Саразми бостонӣ ҳамчун нахустин маркази шаҳрдорӣ, ҳунармандӣ ва кишоварзӣ ва Ҳулбук ҳамчун мероси таърихии асри 1Х қарорҳои дахлдори ЮНЕСКО ба имзо расида, бо иштироки Пешвои миллат ва намояндагони сафоратҳои муқими кишвар дар шаҳри Панҷакент ва мавзеи Саразм конфренсияи байналмилалӣ ва ҳамоиши илмӣ баргузор гардид, ки бори дигар бо ин восита неруи нарми Тоҷикистон ба оламиён муаррифӣ гардид ва мавқеи кишвари моро боло бурд.

Боиси зикр аст, ки дипломатияи фарҳангӣ дар зери қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон да зарфи 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи калонро дар арсаи байналмиллаӣ ишғол намудааст.

**АДАБИЁТ**:

1. Каприлан В.И. Современная дипломатия: теория и практика. М.: Международные отношения, 2010. 576 с.
2. Ковалев А. Азбука дипломатии. М., 1993.
3. Левин О.П. Дипломатические беседы, их организация и проведение. М., 1993.
4. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе : «ЭР–граф», 2016. 352 с.
5. Сайидзода З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: Монография. Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016. 216 с.
6. Филипин В.И. Дипломатические беседы. М., 1973.
7. Feltham R.G. Diplomatic Handbook. L. N.Y., 1993.
8. Freeman C.W. The Diplomat's Dictionary. Wash., 1997.
9. Hamilton K., Langhorne . N.Y., 1995.R. The Practice of Diplomacy. Its

Evolution, 6. Theory and Administration. L
10. Hamilton K., Langhorne R. The Practice of Diplomacy. Its Evolution, 6. Theory and Administration. L. N.Y., 1995.
11. Janny R.G. Diplomatic Handbook. L. N.Y, 1993.
12. McDermott G. The New Diplomacy and Its Apparatus. L., 1973.
13. Royal B. Diplomacy. New York, 1987. pp. 51. - С. 51-52.
14. Watson A. Diplomacy. The Dialogue between States. L., 1982.
15. Сатоу Э. Руководство по дипломатической практике. М., 1961.

## МИНИСТЕРСТВО КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И КУЛЬТУРНОЙ ДИПЛОМАТИИ

**Шозиёева Г.П.**
кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник отдела Европы и Америки ИИПСАЕ НАНТ, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992) 935 47 78 93.

**Имомдодова М.А.**
магистрант Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

*В данной статье авторы анализируют культурную дипломатию, которая охватывает все культурные связи. Следует отметить, что культурная дипломатия имеет давнюю историю и вышла на международный уровень. В статье также исследуется научный и точный материал по культурной дипломатии, сочетающей в себе методы двусторонних отношений.*

***Ключевые слова:*** *культурная дипломатия, переговоры, министерство, история, общение, культура, Таджикистан, организация.*

## MINISTRY OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND CULTURAL DIPLOMACY

**Shoziyoeva G.P.**
Candidate of Filology Sciences, Leading Scientific Specialist of the European and American Department of the Institute of Asia and Europe of the National Academy of Sciences of the Tajikistan, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33. Phone.: (+992) 935 47 78 93.

**Imomdodova M.A.**

Master's Degree of the Institute of Asia and Europe of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33.

*In this article, the author analyzes cultural diplomacy, which covers all cultural ties. It should be noted that cultural diplomacy has a long history and has reached the international level. The article also contains scientific and accurate material on cultural diplomacy, which combines the methods of bilateral relations.*

***Keywords:*** *cultural diplomacy, negotiations, ministry, history, communication, culture, Tajikistan, organization.*

**ТДУ (УДК) 327 (575.3)**

# САҲМИ ЮНИСЕФ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГУМАНИТАРӢ ДАР ДАВРАИ БАЪДИҶАНГИИ ТОҶИКИСТОН (2000-2005)

**ШОНАЗАРОВ ФУЗАЙЛ БАҲРОМОВИЧ**
унвонҷӯйи курси 2 – уми кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: bobo_jon_96@mail.ru. Тел.: (+992) 981-00-69-35.

*Масъалаи муҳимтарине, ки асли мақсад дар он ҷо нуҳуфтааст, саҳми ЮНИСЕФ дар ҳалли масъалаҳои гуманитарӣ дар давраҳои баъдиҷангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёнаи аввали даҳсолаи асри XXI, яъне солҳои 2000 то 2005-ум мебошад.*

*Соли 2000-ум дар Тоҷикистон даврае аст, ки пур аз мушкилоти зиёд буд, чунки барқарорсозии марҳалаи давраи баъдиҷангӣ, дар ҳолати вазнин қарор доштани мамлакатро нишон медиҳад.*

*Хушксолӣ дар Тоҷикистон аз ҳама воқеаи муҳиме, ки пас аз 74 сол ба вуқуъ пайваст. Хушксолӣ бештар бо сабабҳои набудани боришот ва наборидани барф дар 4-манотиқи Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст: вилояти Хатлон, вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд), округи тобеи марказ (ҳозира ноҳияҳои тобеи марказ) ва Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон. Вилояти Хатлон, ҷойе, ки маркази калони саноатӣ дар он ҷой гирифтааст, аз ҳама зиёд ранҷ кашид. ЮНИСЕФ вазифаи миёнимуасисавиро барои зуд баҳо додани маҳсулотҳои ғайрихӯрокворӣ аз 20-уми июл то 2-юми августи соли 2000 ба уҳда гирифт.*

***Калидвожаҳо:*** *ЮНИСЕФ, 2000-2005, давраи баъдиҷангӣ, хушксолӣ, набудани боришот, наборидани барф, гуруснагӣ ва беморӣ, Афғонистон, буҳрони гуманитарӣ, вазъи саломатӣ.*

Масъалаи муҳимтарине, ки асли мақсад дар он ҷо нуҳуфтааст саҳми ЮНИСЕФ дар ҳалли масъалаҳои гуманитарӣ дар давраҳои баъдиҷангии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 2000-ум то 2005 мебошад. ЮНИСЕФ бо мақсади дастгирии хонандагоне, ки бо сабабҳои хушксолӣ мактабро тарк намуданд, баромад намуд.

ЮНИСЕФ ҳамкории худро бо Ҳукумати кишвар мустаҳкам намуда, бештар аз рӯйи ҳадафҳои солимгардонӣ, санитарӣ миёни кӯдакон ва занон ба роҳ мондаст.

ЮНИСЕФ дар чаҳорчӯбаи миёнимуассисавӣ дар ҳамкорӣ бо фаъолияти СММ соли 2000-ум ба Тоҷикистон барои амалисозии барномаҳо

2 235 000 доллари ИМА ҷудо намуд. Дар огоҳномаи кӯмакҳо ба таври муфассал навишта шудааст, ки эҳтиёҷоти фаврӣ то охири сол ба 2 123 000 доллари ИМА баробар аст. Ин нишондодҳо кӯмакҳои иловагии ба НММ-и 2000-ум сол ба шумор мераванд, ки ҳаҷми талаботи умумии онҳо то 4 358 000 доллари ИМА-ро ташкил мекунанд [5].

ЮНИСЕФ саҳми дастгирии худро дар масъалаҳои хӯрокворӣ барои саломатии кӯдакон гузошта, дар ин давра бештар ба муқобили бемориҳои дарунравӣ ва бемории сироятии шадиди респираторӣ миёни кӯдакон мубориза мебарад. ЮНИСЕФ тамоми чораҳоро дар ин самт меандешад, ба монанди сари вақт таъмин намудани доруворӣ ба кӯдакон, солимии занони ҳомила ва ҳамчунин солимии момодояҳо аз ҳар гуна бемориҳое ба монанди вараҷа нигоҳ дошта, онҳоро бо мутахассисони тиббӣ таъмин мекунад.

Боз як мушкилоти ҷиддие, ки дар соли 2001 ба вуқӯъ пайваста буд, ин мушкилоти ҷиддии Афғонистон ба шумор мерафт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ вақт ҷанги шаҳрвандии худро, ки солҳои 1992 – 1997 ба амал омада буд, фаромӯш намекард, чунки баъзе ноҳияҳои он то ҳол (2001 сол) ба мушкилиҳои зиёди иқтисодӣ рӯ ба рӯ мебошанд. Вилояти Хатлон бо қисмати шимолии ҶИА ҳамсарҳад аст. Дар ин давра вазъи Афғонистон бениҳоят мураккаб гардид. Зиёда аз 16 000 гуреза аз Афғонистон тавассути сарҳади вилояти Хатлон ворид шуданд, ки гурезаҳо танҳо занону кӯдакон ба ғайр аз мардон мебошанд [11,143]. Ҳукумати Тоҷикистон иброз намуд, ки ин шумораи гурезаҳо ғайриқонунӣ буда, онҳо ягон ҳуҷҷати ворид шудан ба ин кишварро надоранд ва онҳо танҳо барои халосии ҷони худ аз ин гуна ҷангҳо ба Тоҷикистон омадаанд. Дар илова бо ин Ҳукумати Тоҷикистон қайд намуд, ки тамоми тиҷорати ғайриқонунӣ, аз он ҷумла, интиқоли маводи мухаддир зери назари ҷиддӣ қарор мегирад.

Соли 2001 ЮНИСЕФ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи гузаронидани Конфронси миллӣ доир ба ҳимояи кӯдакон аз рӯйи ҳадафҳои пешниҳодшудаи кумитаи СММ доир ба ҳуқуқҳои кӯдакон кӯмак намуд. Ин як воқеаи муҳим буда, барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки як қадаме ба пеш ба ҳимояи ҳифзи иҷтимоии кӯдакон дар Тоҷикистон гузошт.

ЮНИСЕФ кӯмаки худро дар соҳаи об, санитария ва гигиена идома медиҳад. Ӯ аслан бемориҳое, ки тавассути об ба вуҷуд меоянд назорат намуда, ҷойҳои интиқолдиҳандаи обро тоза нигоҳ медоранд. ЮНИСЕФ ин соҳаро ҳамроҳ бо АИЛ «Экология» ва ҳокимияти Хатлон ва Суғд дар масъалаи оби тоза ва барномаи санитарии (WES) барои беҳтар гардонидани сатҳи оби тоза дар муассисаҳои корӣ ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагона ба иҷро мерасонад, то ин кӯдакон ва ҷомеа ба беморӣ гирифтор нашаванд. Дар

ин ҷода ЮНИСЕФ ба Тоҷикистон 1 015 000 доллари ИМА ҷудо намудааст [12].

ЮНИСЕФ доир ба ин соҳаи маориф диққати махсус дода, тамоми соҳаҳои онро фаро гирифт. Шуруъ аз таъмири муассисаҳо оғоз намуда, то таҷҳизоти бехатарӣ ва донишандӯзии хонандагонро дар бар гирифт. Дар ин сол 20 % мактабҳое, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ зарар дида буданд аз таъмир бароварда шуданд. Саводнокии духтарон нисбат ба писарон хеле паст аст. Аз 100 % хонандагоне ба қайд гирифта шуда буданд, 98%-ашон донишандӯзии мукаммал доранд. Дар соҳаи маориф бошад ЮНИСЕФ ба Тоҷикистон 943 000 доллари ИМА ҷудо намудааст [6].

Дар чаҳорчӯбаи муроҷиати соли 2001 – ЮНИСЕФ ба Тоҷикистон 3 581 800 доллари ИМА ҷудо намудааст [12].

Лоиҳаи тахфифи гуманитарии омоданамудаи ЮНИСЕФ барои Тоҷикистон дар соли 2002 чунин аст: Ҳаҷми умумии кӯмак барои 500 000 зан ва 750 000 кӯдак нигаронида шудааст, ки он бахшҳои зеринро дар назар дорад.

1. Саломатӣ – интиқоли маҳсулоти барои саломатӣ.
2. Саломатӣ – беҳтар гардонидани солимии репродуктивӣ.
3. Хӯрокворӣ – ҳаҷми истеъмолкунандагон, яъне барои 1 750 000 нафар зан ва 510 000 нафар кӯдаки аз 12 то 24 моҳ буда, нигаронида шудааст.
4. Санитария ва муҳити атроф.
5. Маориф.

Ин 5 бахши номбаршуда нуктаҳои асосии аҳолии мамлакатро фаро мегиранд. Дар ин 5 бахши мазкур мушкилиҳое ҷой доранд, ки он бояд ҳалли худро пайдо кунад.

Дар масъалаи саломатӣ – интиқоли маҳсулот барои он пеш аз ҳама дар Тоҷикистон, аз он ҷумла, дар баъзе аз ноҳияҳо ба нарасидани доруворӣ дар муассисаҳои тандурустӣ, барои мубориза бар зидди бемории шадиди репродуктивӣ ва дарунравӣ, ки ин ҳодиса ба шадид гардидани вазъи саломатӣ ва дар натиҷа ба фавти он оварда мерасонад, расонида мешавад.

Дар ин самт ЮНИСЕФ ҳар чи зудтар доруворихо ва ашёҳое, ки ба соҳаи тиббӣ заруранд барои 750 марказҳои ҷамъиятии солимӣ дар вилояти Суғд ва НТМ омода намуда интиқол диҳад. Тақсим намудани чунин таҷҳизоти тиббӣ яке аз чорабиниҳои асосии доимии ЮНИСЕФ гардида, он ба монанди гузаронидани чорабиниҳои бемориҳои гурӯҳи чун (ИҲБК)- Идоракунии ҳамгирошудаи бемории кӯдакон ва дар батни модар будаҳо ва навзодон мебошад.

Дар ин соҳа ЮНИСЕФ чунин маблағгузорӣ намудааст:

1. Доруворихое, ки барои ҳаёти инсон бисёр муҳим ва марказҳои тиббии периферӣ (маҷмӯаҳо барои 500 ва 250 адад) – 265 000 доллари ИМА.

2. Интиқол ва паҳн намудани роҳбарон доир ба маҳсулоти асосии доруворӣ – 15 000 доллари ИМА.

3. Омӯзиши мутахассисони тиббӣ (коркарди маводҳо ва чопи он) – 10 000 доллари ИМА.

4. Мониторинг ва фаъолияти ҷомеа – 10 000 доллари ИМА.

5. Лоиҳа – 15 000 доллари ИМА.

Ҳамагӣ 315 000 доллари ИМА – ро ташкил мекунанд.

Доир ба масъалаи – беҳтаргардонии солимии беморон, ҳаҷми истеъмолкунандагони ин раванд – 450 корманди тиб ва ёрдамчиёни анъанавӣ ҳангоми таваллуд (ТВА) мебошанд.

Тибқи нишондиҳандаи Вазорати тандурустӣ шумораи таваллудкунандагон дар хона 36%-ро дар соли 2000-ум ташкил мекунанд. Аммо тибқи нишондодҳои овардашуда ва мониторингҳо он зиёда аз 85% мебошад. Бинобар ҳамин сабаб интиқоли кӯдаки дар хона таваллудшуда ба таваллудхона кори бисёр ҳатмист. Тибқи таҷрибаҳо онҳоро бояд зуд бо фелдшерҳо, момодояҳо таъмин намуда, онҳоро бо доруворихо хуб таъмин намоем.

Бастаи алоқа (таблиғоти бехатарии модарон аз ҷониби ТУТ) ЮНИСЕФ онро бо забони тоҷикӣ ба таври васеъ паҳн мекунад. Зарур аст, ки ба зуд ҳамоҳангӣ намудан бо ФБСС ва ТУТ доир ба дастгирии усулҳои бехатарии интиқоли хун, вале захираҳои асосӣ чун ба монанди бехатарии интиқоли хун ЮНФПА бояд тавассути ҳифзи хизматрасонии модар ва кӯдак (ҲСМК) дастрас бошад. Дастрасии умумии занони ҳомила бо таҳлили хун (ба ҳар ҳоле аз рӯйи тести Элисса) онро бояд аз рӯи дурнамои миёнамуҳлат қайд кард, ки он қисмате аз стратегияи васеи коҳиши БТАҶГ ва паҳни ВИЧ аз модари кӯдак ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт чунин вазифаҳоро ЮНИСЕФ иҷро мекунад:

1. Дар ҳамкорӣ бо Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ) ва Вазорати тандурустӣ тамоми маводи таълимӣ коркард шуда ва чорабиниҳои таълимӣ гузаронида шавад.

2. Сохторҳои маҳаллии тандурустӣ уҳдадориҳои худро барои паҳн намудан ва маводе барои дар мониторингҳо истифода шуда, таҳти назорати ЮНИСЕФ амалӣ кунанд.

3. Дар баробари ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ ва маҳаллӣ ба монанди ИИИ, ТВА омӯхта шуда, пояҳои он мустаҳкам гардонида мешавад. Пешниҳодҳои гузошташуда аз рӯйи лоиҳаи «Бехатарии модарӣ ва нигоҳубини навзод» амалӣ карда мешавад.

ЮНИСЕФ дар ин ҷода чунин маблағгузорӣ кардааст:

1. Маҷмӯаҳои асосии гузошташуда ва маводи ташхисӣ 450 000 доллари ИМА;

2. Омодабошӣ – 30 000 доллари ИМА;
3. Нақлиёти дохилӣ – 10 000 доллари ИМА;
4. Мониторинг ва хароҷоти амалиёт – 20 000 доллари ИМА;
5. Ҳамагӣ – 510 000 доллари ИМА [8].

Дар масъалаи санитарияи об ва муҳити атроф бошад, истеъмолкунандагони ин соҳа 60 000 нафар мактаббачагон дар 100 адад муассиса ва 4000 нафар устодон ва кормандони соҳаи кӯдакони нав ба таҳсил фаро гирифташуда мебошад.

ЮНИСЕФ ин масъаларо ҷиддӣ баррасӣ карда, дар ҳамкорӣ бо ИИИ ва барқарор кардани тартиботи обтақсимкунӣ барои 100 мактаб дар ноҳияҳое, ки аз хушксолӣ ранҷ бурданд, ҳамкорӣ намуд.ЮНИСЕФ дар ин самт чунин маблағгузорӣ намудааст:

1. Амалигардонии иншооти сохтмонӣ (100-мактаб) – 90 000 доллари ИМА;
2. Истеҳсол ва чопи маводи таълимӣ – 20 000 доллари ИМА;
3. Баромадҳо ва омодасозии мулоқот барои 100 мактаб – 25 000 доллари ИМА;
4. Омодасозии омӯзгорон ва кормандони тиб – 25 000 доллари ИМА;
5. Дастгирии лоиҳаҳо – 20 000 доллари ИМА;
6. Ҳамагӣ – 180 000 доллари ИМА[8].

Дар баробари ин ҷода ба ЮНИСЕФ Ҳукумати Британияи Кабир барои амалисозии лоиҳаҳо кӯмак кардааст. Лоиҳа ҷиҳати амалисозии беҳтаргардонии бехатарии гигиенӣ барои 200 мактаб дар ҳудуди вилояти Суғд ва Хатлон нигаронида шудааст. Дар ин лоиҳаи мазкур ЮНИСЕФ муштарак бо ФБСС фаъолият намуда, онро месозанд [13].

ЮНИСЕФ дастгирии худро ба Вазорати маориф дар ин ҷода дареғ намедорад ва кӯшиш мекунад, ки сатҳи сифати таълимро дар мактабҳои кишвар баланд бардорад. Лоиҳаи ЮНИСЕФ бо номи «Мактаб бо кӯдакон меҳрубон аст» дар марҳалаи дуюм баромад намуд [13]. Фаъолияти ЮНИСЕФ доимо ба соҳаи маориф вобаста буда, онҳоро доир ба масъалаи хушксолӣ ва дигар бемориҳое, ки дар он вуҷуд доранд кӯмак мекунад. Дар ин соҳа ЮНИСЕФ чунин маблағгузорӣ кардааст:

А) Амалисозии 30 мактаб (308 000 доллари ИМА) = 240 000 доллари ИМА;

В) Маводи асосии таълимӣ ва либосвориҳо (30Х8500 доллари ИМА) = 255 000 доллари ИМА;

С)Фаъолияти роҳбарони муассисаҳо ва омӯзгорон доир ба азнавсозии ҷомеаи маҳаллӣ – 15 000 доллари ИМА;

D) Мониторинг ва баҳодиҳӣ – 25 000доллари ИМА;

Е) Дастгирии лоиҳаҳо – 20 000 доллари ИМА;

Ҳамагӣ – 555 000 доллари ИМА[8].

ЮНИСЕФ ду лоиҳаро амалӣ мекунад, ки яке «Таъмини бехатарии об ва воситаҳои санитарӣ ва ташвиқоти гигиенӣ» дар 200 мактаб ва «Таъмини оби нӯшокӣ дар сатҳи ҷомеа» дар 100 хоҷагии деҳот, ки он ҳамчунин аз НММ 2003 – ро дарбар гирифта он аз ҳисоби манбае, ки дар соли 2002 ворид гардида буд идора карда мешавад [2].

Дар оянда хуруҷи сурхакон, бо дастгирии ҳамкории Вазорати тандурустӣ (ВТ), ЮНИСЕФ ва ташкилоти ғайридавлатӣ, бо номи «Духтурони бесарҳад» (MSF) ва Созмони байналмиллалии тиббии таъҷилӣ (MERLIN) дар водии Рашт ва вилояти Суғд пешгирӣ карда шуд.

Аз сабаби норасоии маблағгузорӣ дар лоиҳаҳои соҳаи маориф ЮНИСЕФ бо Вазорати маориф якҷоя муҳокимаҳоро баррасӣ намуданд ва он доир ба он буд, ки кадом элементи лоиҳаро истисно намоянд. Либос барои кӯдакони дар оилаҳои қашшоқ ва маводи таълимӣ пеш аз ҳама масъалаҳое мебошанд, ки пинҳон кардани онҳо ғайриимкон аст [9].

Соли 2003 ба Тоҷикистон пешакӣ чунин нақшаи маблағгузориро пешниҳод намуданд:

A) Талабот ба корҳои хоҷагидорӣ – 4 353 370 доллари ИМА;

B) Хизматрасонӣ доир ба ҳамоҳангсозӣ ва дастгирӣ – 1 690 196 доллари ИМА;

C) Маориф – 2 244 000 доллари ИМА;

D) Хӯрокворӣ – 43 101 955 доллари ИМА;

E) Саломатӣ – 3 045 000 доллари ИМА;

F) Ҳимоя/ Ҳуқуқҳои инсон/ Волоияти қонун – 1 852 538 доллари ИМА;

G) Бехатарӣ – 417 000 доллари ИМА;

H) Об ва санитария – 5 302 250 доллари ИМА;

Маблағи умумӣ – 62 006309 доллари ИМА[9].

Ҳифзи солимии модару кӯдак дар шаш беморхонаи ноҳияҳо ва ду таваллудхонаи ноҳиявӣ, аз ҳисоби воҳидҳои ҳифзи солимии модар ва кӯдак ва кормандони роҳҳои усулҳои пеш аз таваллудкунӣ беҳтар карда мешаванд. Барои беҳтаргардонии беморхонаҳо таваллудхонаҳои ноҳияву вилоятҳо шахсони кӯмакрасони ботаҷриба барои пеш аз таваллудкунандагон фаъолият мекунанд, ки онҳо барои 10 000 нафар занони ба синну соли репродуктивӣ расида кӯмак мекунанд [10,28].

Тибқи нишондодҳое, ки ба 12-уми июли соли 2004 оварда шудааст, ягон хел кӯмак доир ба дастгирии чорабинӣ дар соҳаи маориф ва ҳимояи кӯдакон нагирифтааст ва шумораи кӯмакҳо хеле кам нишон дода шудаанд:

A) Саломатӣ ва ғизогирӣ – 2 356 000 доллари ИМА;

B) Об ва санитария – 1 645 000 доллари ИМА;

C) Маориф – 617 000 доллари ИМА;

D) Ҳимояи кӯдакон – 722 000 доллари ИМА;

E) НММ – ҷамъ – 5 340 000 доллари ИМА;

F) Гузариш аз соли гузашта – 532 106 доллари ИМА;

Маблағи умумӣ – 5 340 000 доллари ИМА[14].

Хуруҷи бемории вабо метавонад, аҳволи саломатии кӯдаконро дар ноҳияҳои мазкур бадтар кунад. Бахши буҷаи соҳаи тандурустӣ бештар аз миллион доллари ИМА бе сармоягузорӣ боқӣ мемонад.

Офати табиӣ сатҳи талабот ба оби тоза ва санитарияро зиёд мегардонад. Барои ташкили тартиботи оби тоза ва корезҳо 295 000 доллари ИМА зарур аст [15].

Таҳқиқот ва баҳодиҳиҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи зиёди фавти хурдсолон ва кӯдакони аз синни то 5-сола яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад, ки он ҳалталаб мебошад. Дар бисёре аз қисматҳои мамлакат, махсусан, дар мактабҳо шумораи объектҳои обӣ тоза ва санитария дар ҳолати маҳдуд қарор дорад[16].

Дар Ҳисоботи фаъолияти гуманитарии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, дар соли 2005 доир ба 4 000 000 доллар гуфта мешавад. Дар худи ҳоло ҳозир (2005 сол) танҳо 17% ё худ 693 793 доллари ИМА аз сарчашмаи талаботҳои умумӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ ҳаҷми ин маблағгузорӣ ба 4 млн доллари ИМА баробар аст. Зиёда аз 3 млн доллари ИМА бе маблағгузорӣ боқӣ мондаанд.

Соли 2005 маблағҳое, ки асосан ба соҳаҳо ҷудо карда шуда буданд, чунин аст:

A) Саломатӣ ва ғизогирӣ – 1 600 000 доллари ИМА;

B) Таъмини об ва беҳдошти муҳити зист – 831 122 доллари ИМА;

C) Маориф – 368 878 доллари ИМА;

D) Ҳифзи кӯдакон – 1 200 000 доллари ИМА;

Ҷамъи HAR – 4 000 000 доллари ИМА[15].

Ҳамин тавр, ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон дар солҳои 2001-2005 ба тамоми самтҳои афзалиятноки мамлакат кӯмаки худро мерасонад. ЮНИСЕФ тамоми кӯмакҳои башардӯстонаи худро дар ҳамбастагӣ бо Ҳукумати Тоҷикистон амалӣ месозад. Тоҷикистон бо чунин раванд оҳиста-оҳиста дар миёнаи даҳсолаи аввали асри XXI аз ҳолати ҷанг ба ҳаёти осоишта қадам мемонад.

## АДАБИЁТ


1. Health Care Systems in Transition. Tajikistan. 2000.p 78.
2. Tainsh, R and Badcok, J, 2003. A Dove Should be with Other Doves: An investigation into the reasons why children with disabilities in Tajikistan are placed into institutional care and what it would take for families to be able to bring

up their children in the community setting. Dushanbe: ORA International and London: Tearfund.

3. THOMPSON, R. Financial and economic analysis of the health sector in Tajikistan 1999. York, Centre for Health Economics, University of York,1999.

4. UNITED NATIONS POPULATION FUND Tajikistan: Country populationassessment UNFPA, 1998.

5. Барномаҳои фавқуллодаи ЮНИСЕФ: Ҳисобот доир ба донорҳои Тоҷикистон аз санаи 25-уми сентябри соли 2000-ум сол. Сарчашмаи электронӣ: [манбаи электронӣ]. URL:https://reliefweb.int/report/tajikistan/unicefemergencyprogrammes-tajikistan-donor-update-25-sep-2000 (санаи муроҷиат: 21.07.2021)

6. Гузориши амалҳои башардӯстона. ЮНИСЕФ. Сарчашмаи электронӣ: [манбаи электронӣ]. URL:https://reliefweb.int/report/tajikistan/unicefhumanitarianaction-tajikistan-donor-update-02-jul-2001 (санаи муроҷиат: 23.07.2021)

7. Занятия и виды экономическойдеятельности занятого населения Республики Таджикистан.Том VII. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2013.С.426.

8. Лоиҳаи тахфифи гуманитарии омоданамудаи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон барои соли 2002. ЮНИСЕФ – 2002. С. 9.

9. Муроҷиати муттаҳидаи байиидоравӣ барои Тоҷикистон дар соли 2003: шарҳи нимсола. [манбаи электронӣ]. URL:https://reliefweb.int/report/tajikistan/consolidated-inter-agency-appeal-tajikistan-2003-mid-year-review (санаи муроҷиат: 03. 08.2021)

10. Об изменении численности и размещения населения Республики Таджикистан между переписями населения 2000 и 2010 годов. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2012.С.28.

11. Сафолзода Мухаммади Курбон. Вклад Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в поисках путей решения проблемы Афганистана и развития таджикско-афганских отношений (1992-2014 гг.). Душанбе-2021.С.501

12. Талаботи ҳатмӣ барои саломатӣ/ғизонокӣ, маълумотнокӣ ва эмкунӣ. Фаъолияти гуманитарии ЮНИСЕФ: маълумот доир ба донорҳои Тоҷикистон аз 02 июли соли 2021. Сарчашмаи электронӣ: [манбаи электронӣ]. URL: https://reliefweb.int/report/tajikistan/unicef-humanitarian-action-tajikistan-donor-update-02-jul-2001 (санаи муроҷиат: 23.07.2021)

13. Фаъолияти гуманитарии ЮНИСЕФ. Ҳисобот барои донорҳои Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2002. [манбаи электронӣ]. URL:https://reliefweb.int/report/tajikistan/unicef-humanitarian-action-tajikistan-donor-update-29-may-2002 (санаи муроҷиат: 02. 08.2021)

14. Фаъолияти гуманитарии ЮНИСЕФ: Ҳисобот барои донорҳои Тоҷикистон аз 19-уми июли соли 2004. [манбаи электронӣ]. URL:https://reliefweb.int/report/tajikistan/unicef-humanitarian-action-tajikistan-donor-update-19-july-2004 (санаи муроҷиат: 04. 08.2021)

15. Фаъолияти гуманитарии ЮНИСЕФ: Ҳисобот барои донорҳои Тоҷикистон аз 12-уми сентябри соли 2005. [манбаи электронӣ]. URL: https://reliefweb.int/report/tajikistan/unicef-humanitarian-action-tajikistan-donor-update-12-sep-2005 (санаи муроҷиат: 05. 08.2021)

16. Фаъолияти гуманитарии ЮНИСЕФ: хулоса оид ба Тоҷикистон барои соли 2005. [манбаи электронӣ]. URLhttps://reliefweb.int/report/tajikistan/unicef-humanitarian-action-tajikistan-summary-2005 (санаи муроҷиат: 05. 08.2021).

## ВКЛАД ЮНИСЕФ В ГУМАНИТАРНЫЕ ВОПРОСЫ В ПОСЛЕВОЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ (2000-2005 ГГ.)

**ШОНАЗАРОВ ФУЗАЙЛ БАҲРОМОВИЧ**

соискатель 2 – го курса кафедры новой и новейшей истории факультета истории Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: bobo_jon_96@mail.ru. Тел.: (+992) (+992) 981-00-69-35.

*Важнейшим вопросом является вклад ЮНИСЕФ в решение гуманитарных проблем в послевоенный период Республики Таджикистан в середине первого десятилетия XXI века, т.е. с 2000 по 2005 год.*

*2000 год был для Таджикистана временем больших трудностей, так как послевоенное восстановление показывает, что страна находится в тяжелом положении.*

*Засуха в Таджикистане – самое значительное событие за последние 74 года. Засуха в основном была вызвана отсутствием осадков и снегопадов в четырех регионах Таджикистана: Хатлонской, Ленинабадской (ныне Согдийская), РРП и Горно-Бадахшанской автономной области. Больше всего пострадала Хатлонская область, где расположен крупнейший промышленный центр. ЮНИСЕФ взял на себя роль промежуточного учреждения по оперативной оценке непродовольственных товаров с 20 июля по 2 августа 2000 года.*

***Ключевые слова:*** *ЮНИСЕФ, 2000-2005 гг., послевоенный период, засуха, отсутствие осадков, малоснежье, голод и болезни, Афганистан, гуманитарный кризис, состояние здоровья.*

# UNICEF CONTRIBUTION TO THE SOLUTION OF HUMANITARIAN ISSUES IN POST-WAR TAJIKISTAN (2000-2005)

**SHONAZAROV FUZAYL BAHROMOVICH**
2 – st year applicant of the Department of Modern and Contemporary History, Faculty oh History Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan,Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: bobo_jon_96@mail.ru. Tel.: (+992) 981-00-69-35.

*The most important issue is the contribution of UNICEF to the solution of humanitarian problems in the post-war period of the Republic of Tajikistan in the middle of the first decade of the 21st century, i.e. from 2000 to 2005.*

*The year 2000 was a time of great difficulty for Tajikistan, as the post-war reconstruction shows that the country is in a difficult position.*

*The drought in Tajikistan is the most significant event in the last 74 years. The drought was mainly caused by lack of rainfall and snowfall in four regions of Tajikistan: Khatlon, Leninabad (now Sughd), DRS, and Gorno-Badakhshan Autonomous region. The Khatlon region, where the largest industrial center is located, suffered the most. UNICEF assumed the role of interim agency for the rapid assessment of non-food items from 20 July to 2 August 2000.*

***Key words:*** *UNICEF, 2000-2005, post-war period, drought, lack of rainfall, lack of snow, famine and disease, Afghanistan, humanitarian crisis, state of health.*

# СЕРОТОНИН ВА ХУДКУШӢ

**БЕКЗОДА ДИДАВАР**
ходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. Тел: 111225590. Email: didavar1989@list.ru

*Мавзӯи худкушӣ дар таърихи равоншиносӣ ва имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ва печида ба ҳисоб меравад. Аксари донишмандон доир ба пайдоиши ин мушкилӣ ибрози ақида менамоянд. Донишмандони мазкур аз рӯи ихтисоси худ ба ин масъала менигаранд. Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши серотонинро дар афзоиши рафторҳои худкушона мавриди омузиш қарор додааст.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Серотонин, худкушӣ, хоб, изтироб, агрессия, нейрохимия.*

Асосан вожаи “худкушӣ” дар фарҳангҳои форсие чун Муҳаммад Муин, Алиакбари Деҳхудо ва Ҳасани Амид ба сурати “худро ба василае куштан”, “интиҳор” ва “худкушӣ кардан” шарҳ шудааст [9]. Мафҳуми “худкушӣ” дар фарҳанги муосир ба сурати “хотима додани амдӣ (барқасдона) ба зиндагӣ ба майли худ ва ба дасти худ” омада аст. Таърихи дақиқи нахустин мавриди истифода аз вожаи “худкушӣ” мушаххас нест. Доир ба ин масъала назарҳо гуногун мебошанд. Чунин дидгоҳе низ вуҷуд дорад, ки истилоҳи суитсид аввалин маротиба дар китоби Томас Браун бо номи “Религиозная медицина” соли 1663 истифода шудааст [12,с.76]. Вожаномаи англисии Оксфорд нахустин мавриди истифода аз ин вожаро бо василаи Волтер Чарлтон дар соли 1651-и мелодӣ донистааст. Зоҳиран, вожаи худкушӣ нахустин бор дар соли 1737-и мелодӣ тавассути Десфонтайн дар забони фаронсавӣ истифода шудааст. Баъдҳо дар соли 1762-и мелодӣ Академияи улуми Фаронса ин истилоҳро пазируфта аст. Муҳаққиқ Исломинасаб худкуширо тарҷумаи муносибе барои ин вожа медонад, чаро, ки suicide аз ду вожаи лотинии “sui” ба маънои “худ” ва “cide” ба маънои “куштан” ташкил шудааст.

Нахустин таҳлили машҳури ҷомеашиносӣ доир ба худкушӣ тавассути Эмил Дюркгейм, ҷомеашиноси фаронсавӣ баён гардидааст. Таърифе, ки Эмил Дюркгейм дар соли 1897-и мелодӣ дар китобаш бо номи “Худкушӣ” овардааст чунин аст: “Худкушӣ иборат аст аз ҳар навъ марге, ки натиҷаи мустақим ё ғайримустақими кирдори манфӣ ё мусбати худ қурбонӣ аст, ки мебоист чунон натиҷае ба бор оварад ” [13,с.6]. Донишманди дигар Ахил Делмас низ худкуширо иборат медонад аз “амале, ки ба василае шахс барои маъдум (нобуд) сохтани худ анҷом медиҳад, дар ҳоле, ки ихтиёри марг ва

зиндагӣ дар ҳайтаи (доираи) қудрати уст ва аз лиҳози ахлоқӣ, мувazзаф ба анҷоми ин амал намебошад" [2,с.73-74]. Жан Бочлер дар китоби "Худкушӣ" дар мавриди худкушии гурезгароёна менависад, ки "инсон бо худкушӣ кардан саъй мекунад, аз рӯ ба рӯ шудан бо шароити ғайри қобили таҳаммули зиндагӣ фирор кунад". Ба ибораи дигар вай худкуширо хуруҷ аз шароити номусоид ва душвори зиндагӣ медонад [5,с.178].



Эмил Дюркгейм (1858-1917)




Худкушӣ (1897)

Э. Дюркгейм чаҳор навъи худкуширо баён карда, ки ҳар чаҳор маврид ба навъи робитаи фард бо ҷомеа марбутанд:

**1. худкушии худхоҳона**, ки дар шароити фардгароёна ва ҷудоӣ аз ҷомеа руй медиҳад.

**2. худкушии дигархоҳона**, замоне руй медиҳад, ки шахс вобастагии зиёде бо ҷомеа дошта бошад.

**3. худкушии ҳараҷу мараҷгароёна**, ки натиҷаи нобасомонӣ, ошуфтагӣ ва беқонунии ҷомеа аст. (Э. Дюркгейм аз истилоҳи аномия (беқонунӣ) барои баёни ин вазъияти ҷомеа истифода мекунад).

**4. худкушии тақдиргароёна**, замоне рӯй медиҳад, ки иродаҳо, авотиф ва ангезаҳои аъзои ҷомеа зери назорати шадиди ҷомеа бошанд [8]. Ҳамин тариқ, мавзӯи худкушӣ назди ҷомеашиносон яке аз мавзӯъҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҷомеашиносон дар омӯзиши ин мушкилӣ таъсири ҷомеаро омили муҳим ва ҷиддӣ ба ҳисоб мегиранд. Аз ин сабаб ҷомеашиноси амрикоӣ Роберт Мертон (1910-2003) дар китоби худ бо номи "Социальная структура и аномия" типҳои гуногуни одамонро дар ҷомеа нишон медиҳад. Яке аз ин типҳои одамонро ретретизм мегӯяд, ки ба андешаи Роберт Мертон онҳо ҳадаф ва василаи ҷомеаи худро қабул намекунанд. Ва оқибат ба чунин бунбасте мерасанд, ки бояд аз ҷомеа гурехт ва ё ин ки ба ин зиндагӣ хотима бахшид [6,с.299].

Ҳамин тавр, доир ба таҳлил ва баррасии масъалаи худкушӣ дидгоҳҳои гуногун вуҷуд доранд. Дидгоҳи ҷомеашиносӣ яке аз дидгоҳҳои аввалин ва классикӣ доир ба худкушӣ мебошад. Дидгоҳҳои дигаре ба монанди: дидгоҳи равоншиносӣ, биологӣ, тиббӣ, антропологӣ, генетикӣ ва ғайра вуҷуд доранд.

Дидгоҳи нейрохимиявӣ доир ба масъалаи худкушӣ чунин назар дорад, ки дар кори даст ба худкушӣ задани инсон, гармони **серотонин (гидрокситриптамин)** нақши муҳимро иҷро мекунад. Саволе ба вуҷуд меояд, ки худи серотонин чист? Ҳоло барои равшан сохтани ин савол шуруъ мекунем.

**Серотонин**




Серотонин дар забони англисӣ, **Serotonin** ё **Hydroxytryptamine,** дар забони русӣ бошад, **гидрокситриптамин** гуфта мешавад. Серотонин навъи интиқолдиҳандаи асабӣ буда, аз навъи моноамини биогенӣ мебошад. Аз ҷиҳати биохимикӣ яке аз унсурҳои **триптофан (tryptophan)** аст.

Ин модда аз нигоҳи афкори умумӣ ба унвони ҷорикунандаи **"эҳсоси хуб"** шинохта шудааст [10].



**Витторио Эрспамер** (1909-1999) (Vittorio Erspamer) дорусози итолиёвӣ, ки серотонинро кашф кард

Чи тавре ки гуфта шуд, серотонин аз аминокислотаи зарурӣ бо номи **триптофан (tryptophan)** сохта мешавад. Ин аминокислота бояд аз тариқи режими ғизоӣ вориди бадани инсон шавад. Билофосила дар хӯрокҳое ба монанди: оҷилҳо (маҷмӯае аз меваҳои хушки дарҳамомехта, мисли писта, бодом, нахуд, кишмиш ва ғайра) панир ва гӯшти қирмиз ёфт мешавад. Камбуди **триптофан** метавонад ба коҳиш ва **камшавии сатҳи серотонин** оварда расонад, ки **натиҷаи он вайроншавии феълу атвор** аз қабили **изтироб** ё **афсурдагӣ** мегардад.

***Серотонин чӣ таъсире аз худ ба ҷо мегузорад?***

Серотонин бар ҳамаи узвҳои бадани инсон таъсир мегузорад. Аз эҳсосот сар карда то маҳоратҳои инсонро дар бар мегирад. Серотонин ба унвони собиткунандаи хулқу хӯи табиӣ, эътироф карда шудааст. Моддаи химиявие аст, ки ба **хобидан**, **хӯрдан** ва **ҳазм кардан** кумак мекунад.

Серотонин ҳамчунин ба ин ҳолатҳо кумак мекунад:

1. Коҳиши афсурдагӣ
2. Танзими изтироб
3. Пайвастшавии захмҳо

**Тариқаи коркарди серотонин дар амалкардҳои мухталифи бадан ба шарҳи зер аст:**

**Ҳаракоти рӯда:**

Серотонин умдатан дар меъда ва рӯда мушоҳида мешавад, ки ба контроли ҳаракот ва амалкарди руда кумак мекунад.

**Хулқу хӯ**

Серотонини мавҷуд дар мағз изтироб, шодӣ ва хулқу хӯро танзим мекунад. Сатҳҳои поёни ин моддаи химиявӣ бо афсурдагӣ ҳамроҳ аст ва афзоиши сатҳи серотонин сабаби коҳиши таҳрикот мешавад.

**Ҳолати дилбеҳузурӣ:**

Серотонин яке аз далелҳои эҷоди ҳолати дилбеҳузурӣ аст. Тавлиди серотонин боис мешавад, ки ғизоҳои зарарнок ва нороҳаткунанда аз тариқи дарунравӣ бо суръати бештаре аз бадан хориҷ шаванд. Ин моддаи химиявӣ низ, дар хун афзоиш меёбад, ки бахше аз мағзро контрол карда, ва мағз дар навбати худ дилбеҳузуриро контрол мекунад.

**Хоб:**

Ин моддаи химиявӣ масъули таҳрики бахшҳое аз мағз аст, ки хоб ва бедориро контрол мекунад. Хобу бедории инсон ба минтақае, ки таҳрик шуда ва гирандаҳои серотонин мавриди истифода қарор гирифта, бастагӣ дорад.

**Лахта шудани хун:**

Серотонин боиси борик шудани шарёнҳои кӯчакшуда ва ба лахта ва шах шудани хун кумак мекунад.

**Саломатии устухон:**

Серотонин дар саломатии устухон нақши муҳим дорад. Мизони бисёри болои сатҳи серотонин дар устухонҳо метавонад боиси пӯкии устухон шавад, ки устухонҳоро заиф мекунад.

**Амалкарди ҷинсӣ:**

Сатҳҳои поёни серотонин бо афзоиши шаҳвати ҷинсӣ ҳамроҳ аст, дар ҳоле ки афзоиши сатҳҳои серотонин боиси коҳиши майли ҷинсӣ мешавад.

Замоне, ки сатҳи серотонини бадани инсон муътадил аст, инсон, ин эҳсосро таҷриба мекунад:

1. Шодтар
2. Оромтар
3. Тамаркузи бештар
4. Изтироби камтар
5. Пойдории эҳсоси бештар

Як таҳқиқи соли 2007 анҷомшуда, нишон дод, ки афроди афсурда аксар бо сатҳҳои поёни серотонин рӯ ба рӯ ҳастанд[7].

Мафҳуми серотонин ва чӣ нақш доштани он дар бадани инсон ба мо равшан шуд. Аммо серотонин ба худкуши инсон чӣ нақше дорад? Ҳоло мо ба ин савол ҷавоб медиҳем. Соли 2006 доктори илмҳои тиб, профессор, академики Академияи илмҳои Мактаби Олӣ ва Академияи илмҳои Украина, Юрева Людмила Николаевна, монографияеро зери унвони «Клиническая суицидология» (Днепропетровск, «Пороги», 2006, 472 с.) ба нашр расонид. Ин яке аз таҳқиқотҳои муҳим ва ҷиддии соҳаи суитсидология маҳсуб мешавад. Дар ин китоб доир ба таъсири гармони серотонин дар даст ба худкушӣ задани инсонҳо ишора шудааст. Муҳаққиқ Юрьева Л.Н, дар китобаш менависад, ки "Ҳангоми пажӯҳиши беморони гирифтори афсурдагӣ, ки даст ба худкушӣ зада буданд, норасоии серотонин мушоҳида мешуд" [14,с.47]. Муҳаққиқ суханашро идома дода, менависад: "Дар баъзе таҳқиқотҳо нишон дода шудааст, ки нафароне, ки ба худкушӣ даст задаанд, дар онҳо камбуди серотонин ба мушоҳида расидааст. Нафароне, ки камбуди серотонин доштанд, 10 маротиба зиёдтар аз онҳое, ки сатҳи серотонинашон боло буда аст, бештар ба худкушӣ даст задаанд" [14,с.47]. Барои исботи ин фикр муҳаққиқ Юрева Л.Н, ба навиштаҳои муҳаққиқони дигари хориҷӣ ишора мекунад, ба монанди:

1. Asberg M. 5-HIAA in the cerebrospinal fluid A biochemical suicide predictor?// Arch. Psychiatr.-1976.-Vol. 33.-P.1193-1197.

2. Brown G. L. Aggression Suicide and Serotonin. Relationships to CSF Amine Metabolites// Amer. J. Psychiatr.-1982.-Vol.139, N6.-P.741-746.

3. Becrer U. Low CSF-Serotonin (5-HT) as Marker for Acute Suicidality//Word Congress of Psychiatry Abstracts.-Madrid, 1996. - P.93.



**Юрьева Людмила Николаевна**

Хулоса, бояд дар баробари дигар омилҳои худкушӣ, омили нейрохимиявиро набояд фаромӯш кард. То имрӯз муҳаққиқон доир ба ин масъала пажӯҳишҳо гузаронида истодаанд. Ҳар муҳаққиқ аз дидгоҳ ва ихтисоси худ, кӯшиш ва талош дорад, то ин ки роҳҳои аз байн бурдани худкуширо дарёфт намояд. Таҷрибаҳое, ки гузаронида истодаанд, дорои натиҷаҳои мусбат ҳастанд. Дар оянда аллакай имкон дорад, ки шиддати ин бемориӣ, яъне худкуширо камтар намоянд. Сабаб дар он аст, ки таъсири беруна ба инсон зарба зада, ӯро ба он оварда мерасонад, ки инсон аз дохил пош мехӯрад. Ин сабаб мешавад, ки инсон даст ба худкушӣ занад. Нозукии масъала дар ҳамин аст. Дар ин мақола таъсири гармони серотонинро дар даст ба худкушӣ задани инсон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем. Воқеан, ин гармон ё серотонин, дар даст ба худкушӣ задани инсон, таъсири муҳим ва амиқе дорад, ки инро пажӯҳишҳои анҷомшуда дар ин самт нишон медиҳад.

## АДАБИЁТ:

1. Ашмарина И.П., Стукалова П.В. (ред.).Нейрохимия: Учебник для биологических и медицинских вузов. - 2-е изд. - М.: . Институт биомедицинской химии РАМН, 1996. - 470 с.

2. Баҷнурдӣ Исломинасаб. Буҳрони худкушӣ. Теҳрон нашри Фирдавс 1371-1992.с.73-74.

3. Болдырев А.А., Ещенко Н.Д., Ильюха В.А., Кяйвяряйнен Е.И. Нейрохимия: Учебное пособие для вузов. М.: Дрофа, 2010. - 398с.

4. Лихтерман Л. Б. Неврология черепно-мозговой травмы. М.: 2009; 385.

5. О.Г.Антонова, Р.И.Жидков. Теоретические основы изучения самоубийства как социального явления. Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. Общественные науки.-2014.-№4(32).-с.76.

6. Роберт Мертон. Социальная структура и аномия/Р.Мертон//Социология преступности (Современные буржуазные теории).-М.: Прогресс, 1966.-с.299.

7. Серотонин Serotonin чист? (Матни форсӣ). https://seemorgh.com/health/diseases-and-prevention/important-disease/382034-/

8. Серотонин. (Матни форсӣ) https://fa.wikipedia.org/wiki/

9. Худкушӣ. (Матниформсӣ) https://fa.kamanak.com/pedia/subject/%D8%AE%D9%88%D8%AF%DA%A9%D8%B4%DB%8C

10. Худкушӣ. (Матни форсӣ). https://fa.wikipedia.org/wiki/

11. Хухо Ф. Нейрохимия: Основы и принципы. Пер. с англ. М.: Мир, 1990. - 384с.

12. Эдвин Шнейдман. Равоншиносии худкушӣ: Зеҳни худкушигаро. Тарҷумон, Меҳрдоди Фирузбахт. Теҳрон, Итишороти Расо. 1378-1999.с.178.

13. Эмил Дюркгейм. Худкушӣ. Тарҷумаи Нодир Солорзода Амирӣ. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи аллома Таботабоӣ.1378-1999.с.6.

14. Юрьева Л.Н. Клиническая суицидология: Монография.-Днепропетровськ: Пороги, 2006.стр 47. -472 с.

## СЕРОТОНИН И САМОУБИЙСТВО

**БЕКЗОДА ДИДАВАР**

научный сотрудник Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ. Тел: 111225590. Email: didavar1989@list.ru

*Тема суицида является одной из самых важных и сложных проблем в истории психологии и в наши дни. Большинство ученых высказывают свое мнение о происхождении этой проблемы. Они смотрят на этот вопрос согласно своей специальности. В данной статье автор изучал роль серотонина в усилении суицидального поведения.*

***Ключевые слова:*** *серотонин, суицид, сон, тревога, агрессия, нейрохимия.*

## SEROTONIN AND SUICIDE

**BEKZODA DIDAVAR**

a researcher at the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of NAST. Phone: 111225590. Email: didavar1989@list.ru

*The subject of suicide is one of the most important and complex issues in the history of psychology and today. Most scientists express their opinion about the origin of this problem. These scientists look at this issue according to their specialty. In this article, the author studied the role of serotonin in increasing suicidal behavior.*

***Key words:*** *Serotonin, suicide, sleep, anxiety, aggression, neurochemistry.*

# РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ: ДАСТОВАРДҲО, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**ШАРИФОВ АРДАШЕР**
магистранти курси дуюми ИОМДОА АМИТ 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 33; тел.: (+992) 888845916; e-mail: mailto: e-mail: Sharifov- 5598@mail.ru

**ДАВЛАТОВА ФАРИДА**
докторанти PhD, аз рӯи ихтисоси Таърихи муносибатҳои байналхалқии ИОМДОА АМИТ, Тел: 919343894; Email: farzonaiemomali97@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур муаллиф барқароршавии ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Қирғистонро дар асоси созишномаҳо, аҳдномо ва раванди сафарҳои дуҷонибаи ду кишварро дар давони истиқлолият барассӣ намудааст. Инчунин дар мақола мушкилот ва дурнамои робитаҳои ду кишварро нишон додааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар нишондодҳои муқоисавии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон солҳои охир аз сабабҳои беморији COVID-19 ва масъалаи сарҳиди ҳаҷми савдои тиҷоратӣ байни давлатҳо бар асари ҳаводиси марзӣ муомилоти мол бо Қирғизистон 4 миллион доллар ИМА коҳиш ёфтаст. Қирғистон барои Тоҷикистон роҳи транзитӣ буда, дар оянда масъалаҳои сарҳадӣ ҳалли худро меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Қирғизистон, иқтисод, тиҷорат, робитаҳо, дастоварҳо, мушкилот, дурнамо, истиқлолият.*

Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ яке аз омилҳои асосии робитаҳои дарозмуддати байни кишварҳои ҷаҳон мебошад. Танзимгари робитаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ҳаҷҷатҳои ҳуқуқии байни Тоҷикистон ва Қирғистон мебошанд, ки ба воситаи онҳо ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар марҳилаҳои муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии солҳои 1993-2020 Тоҷикистону Қирғизистон тамоюли муайяни болоравӣ мушоҳида мешавад. Аз замони ба даст овардани истиқлолият байни Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаҳои асосӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии саркашӣ аз андоз аз даромад ва сармоя (Бишкек, 6-уми майи 1998), дар бораи принсипҳои ситонидани андозҳои ғайримустақим аз содирот ва воридоти мол (кор,

хизмат) (Бишкек, 6-уми майи 1998), савдои озод (Бишкек, 19-уми январи 2000), ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ. (Бишкек, 19-уми январи 2000) ба имзо расонида шуданд [5].

Бо оғози кори Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмуи масъалаҳои дуҷониба, ки он 12-уми июли соли 1997 таъсис шудааст, муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар аксарияти самтҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ рушд ёфта, тамоюли мунтазами афзоиши устувор ва мушаххаси нишондиҳандаҳои гардиши савдо ба чашм мерасад. Ҳамкориҳои тиҷоратиии Тоҷикистон ва Қирғизистон ва дар асоси Созишномаи тиҷорати озод байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бишкек, 19-уми январи соли 1999) сурат мегирад.

Агар аз соли соли 1991 то соли 1993 новобаста аз тафовути хурд ҳаҷми тиҷорати кишварҳо муътадил ҷараён дошта бошанд, пас дар соли 1994 нишондоди тиҷоратӣ дуҷониба яку якбора аз 6,2 млн доллари ИМА ба 2,9 млн доллар коҳиш ёфт. Аз ҷониби дигар, нишондоди ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар соли 1996 дар қиёс бо соли пешин 3,3 баробар боло рафта (17,7 млн доллари ИМА - 5,3 млн доллари ИМА) соли 2000 боз коҳиш ёфт. (пурратар нигаред дар ҷадвали зерин) Ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 1991 то 2000

**Ҷадвали 1.**

**Ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 1991 то 2000**
[3, 64]

| Солҳо | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми савдои умуми | 5100 | 4500 | 6200 | 2900 | 5300 | 17700 | 14523,4 | 10617,8 | 11135,4 | 10221,0 |
| Содирот | 1000 | 2000 | 4100 | 1900 | 2600 | 10500 | 9086,7 | 5806,3 | 3906,7 | 2667,6 |
| Воридот | 4100 | 2500 | 2100 | 1000 | 2700 | 7200 | 5436,7 | 4811,5 | 7228,7 | 7553,4 |

Аз тарафи дигар, робитаҳои тиҷоратӣ номутавозун буда, нишондоди муайян надорад. Агар тавозун дар солҳои 1991-1992 манфӣ бошад (3,1 млн ва 0,5 млн доллари ИМА), ин нишондод дар солҳои 1993-1998 асосан мусбат аст, вале солҳои 1999 ва 2000 ин нишондод мутаносибан ба 3,3 млн ва 4,9 млн доллари ИМА манфӣ буд. Дар соли 2007 аз ҳаҷми гардиши тиҷоратии умумии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ба саҳми Қирғизистон - 1,4% воридоти мол рост омада, аз саҳми умумии кӯмаки башардӯстона ба Тоҷикистон - 0,4% -и он аз ин кишвар ворид шудааст. Самаранокии

ҳамкориҳои иқтисодӣ пеш аз ҳама бо нишондодҳои савдои мутақобила асоснок карда мешаванд. Мутобиқи нишондодҳо ҳаҷми савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2008 чунин буд:

**Ҷадвали 2.**

**Ҳаҷми савдои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2001-2008 (млн. доллари ИМА) [2 с.220]**

| Солҳо | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 3,1 | 3,7 | 3,7 | 4,4 | 3,2 | 11,2 | 3,3 | 6,9 |
| Воридот | 9,5 | 5,2 | 26,8 | 52,6 | 69,4 | 28,1 | 34,6 | 37,7 |

Молҳои асосии содирот дар соли 2008: сӯзишвории минералӣ – 1947 ҳазор доллари ИМА –27,5%; реакторҳои ядроӣ, дегҳо, таҷҳизоти механикӣ 806 ҳаз. доллари ИМА - 13,3%; воситаҳои нақлиёти заминӣ 891 ҳаз. доллари ИМА – 17,7% ва ғ. Молҳои асосии воридот дар соли 2008:-коғазҳо – 31,5%; сӯзишворӣ -минералӣ, нефт ва маҳсулоти нефтӣ – 22,8%; воситаҳои нақлиёти заминӣ – 12,2%; какао ва маҳсулот аз он – 9,0 %; шиша ва маҳсулот аз он – 4,2%; маснуот аз асбосемент – 9,8% ва ғ.

Бояд таъкид кард, ки ҳаҷми гардиши тиҷоратӣ байни ду кишвар умуман динамикаи мусбати инкишоф дошта, дар солҳои охир афзоиш ба назар мерасад. Новобаста аз афзоиши нисбии нишондоди ҳаҷми тиҷоратӣ дар муносибатҳои тиҷоратии ҷонибҳо баррасии масъалаи тавозун, савдои манфӣ ва воридоти зиёди мол аз Ҷумҳурии Қирғизистон зарур мебошад. Аз соли 2001 ҳаҷми воридот аз Қирғизистон афзуда содироти мол аз Тоҷикистон хеле кам шуд. Дар шароити рушди иқтисод ва аҳаммияти ҳамкориҳои тиҷоратӣ ин омил хеле нигаронкунанда мебошад. Айни замон муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи пешниҳоди долонҳои нақлиётӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, саноати кӯҳӣ, гидроэнергетика, содироти мутақобилаи молҳои ниёзи мардум нисбатан инкишоф ёфтаанд. Тибқи маълумоти расмӣ дар 10 моҳи соли 2013 ҳаҷми умумии нишондиҳандаҳои гардиши савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 166,8 млн. доллари ИМА - ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 маротиба зиёд буда, аз он содирот ба маблағи 6,6 млн. доллари ИМА ва воридот ба 160,2 млн. доллари ИМА баробар буд.

Вобаста ба ин бояд таъкид кард, ки рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи обу энергетика метавонад омили муҳимми таъминкунандаи рушди иқтисодию иҷтимоии давлатҳо гардад. Ҳар ду ҷониб ҳамчунин, дар

истифодаи муштараки иқтидори транзитӣ ва ташкили роҳҳои нави нақлиётӣ барои баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, ки аз ҷумла дигаргунсозии таъиноти назорат – гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва бунёди роҳҳои минктақавии оҳан ва автомобилгардро тақозо менамояд, муштаракан фаъолият пеш мебаранд. [1, 23]

**Ҷадвали 3.**

**Нишондодҳои муқоисавии тиҷорати хориҷии ҶТ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2010-2016. (млн. доллари ИМА) [2. 200]**

| Солҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Содирот | 6,9 | 3,1 | 7,1 | 7,1 | 7,7 | 9,4 | 9,0 |
| Воридот | 15,4 | 34,4 | 73,1 | 177,3 | 32,7 | 24,4 | 16,8 |

Соли 2017 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон 38,8 миллион долларро ташкил дод. Воридот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 14,5 миллион доллар ва содирот 24,3 миллион долларро ташкил додааст [3, 65].

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ-апрели соли 2018, тибқи маълумоти Кумитаи омори ҶТ, 19,5 миллион доллари амрикоиро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давра 3,8 баробар афзоиш ёфтааст. Содирот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон 3,4 миллион доллар ва воридот аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 миллион доллари амрикоиро ташкил дод.

Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми ҳаҷми савдои кишварҳо дар соли 2019 54 миллиону 238,6 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил додааст. Аммо бинобар таъсири бӯҳрони ҷаҳонӣ ва пандемияи коронавирус дар соли 2020 ҳаҷми муомилот коҳиш ёфтанд. Ҳамин тариқ, дар моҳҳои январ-июли соли 2020 ҳаҷми муомилоти мол 23 миллиону 227,9 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод [6].

Ҳаҷми тиҷорати хориҷии Тоҷикистон ва Қирғистон тавре ки дар боло зикр шудааст, солҳои охир коҳиш ёфтааст. Мушкилоти мавҷуда коҳиш ёфтани ҳатми тиҷоратии кишварҳо ин таъсирии бемории ковид-19 ва мушкилоти сарҳидии киширҳо мебошад.

Бояд гуфт, ки дар асоси маълумотҳои оморӣ соли 1990 ҳаҷми умумии маҳсулоти аз Тоҷикистон ба Қирғизистон ирсолшуда 3,7 фоизро ташкил дод. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қирғизистон молҳои истеъмоли ниёзи мардум ба маблағи 57,6 миллион сум фиристода мешуд. Ҷумҳурии Қирғизистон аз Тоҷикистон 800 ҳазор метри мураббаъ қолин ва маҳсулоти

қолинӣ ба маблағи 15,2 миллион сӯм, 1103 ҳазор метр газворҳои абрешимӣ ба маблағи 7,6 миллион сӯм, 88,4 ҳазор адад маҳсулоти кашбофӣ ба маблағи 1,4 миллион сӯм, маҳсулоти дӯзандагӣ ба маблағи 1,5 миллион сӯм ва дигар намуди маҳсулотро ба даст меовард [1, 27].

Ҷумҳурии Қирғизистон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла 27 ҳазор тонна маргарин ба маблағи 2,4 миллион сӯм, 180 тонна равғани растанӣ ба маблағи 119,7 ҳазор сӯм, ба маблағи 750 ҳазор сӯм машрубот харидорӣ мекард. Ҳамчунин ба Қирғизистон металлҳои ранга ба маблағи 12,9 миллион сӯм, маводи чӯянӣ, асбобҳои электротехникӣ, маҳсулоти мошинсозӣ, ҳама намуди дастгоҳҳо, 5,4 ҳазор адад яхдони мухталиф ба маблағи 1,6 миллион сӯм равона мегардид [4, 80].

Яке аз нишонаҳои ҳамкории мутақобилаи иқтисодӣ ҳаҷми савдо ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид намуд, ки ҳаҷми тиҷорати хориҷии ҷонибҳо дар марҳилаи аввали ҳамкорӣ баъди ба даст овардани истиқлолият хурд буда, рушди устувори муносибатҳои тиҷоратӣ ба назар намерасанд.

Зимни таҳлили ҳаҷми тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар дарваи аввали ҳамкориҳо ва мубодилаи иқтисодӣ метавон ба хулосае омад, ки онҳо иқтидори мавҷудаи иқтисодии ду кишвари ҳамсояро инъикос накарда, бо як нишондоди муайян муаррифӣ намегаштанд.

Сатҳи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии байни ду кишвар амалан дар тамоми соҳаҳои ҳамкорӣ ба иқтидори мавҷудаи Тарафҳо мутобиқат наменамоянд. Дар соҳаи тиҷоратӣ-иқтисодии кишварҳои мо дорои иқтидори бузурги татбиқношуда доранд, ки мебояд ҳаматарафа истифода гарданд. Зиёда аз он мебояд барои тиҷорати мутақобила ва ба сатҳи мусбат расонидани водироту воридоти молҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон талош намуд.

Барои фаъолшавӣ ва тавсеаи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон хуб мешуд, ки коркарди масъалаҳои фаъолияти Намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардад. Шароитҳои мусоид барои алоқаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Қирғизистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, метавонанд дар асоси кори ташкилкунандагони муназзам ва тоҷирон дарҳудуди Тоҷикистон- «Хонаҳои тиҷоратӣ» густариш ёбанд, ки дар асоси ҳисоби хоҷагӣ фаъолият менамоянд.

Бинобар ин, ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи ҳамкориҳои судманд бо Қирғизистон роҳандозии чораҳои зайл мувофиқи мақсад мебошад:

- фаъол намудани тамосҳои сиёсӣ ҷиҳати таҳияи мавқеи

муштарак оид ба масъалаҳои инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ ва истифодаи захираҳои обии минтақа;

- рушди ҳамкориҳо дар татбиқи лоиҳаҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард ва оҳан, ки аҳамияти байналмилалӣ доранд (Тоҷикистон – Қирғизистон – Қазоқистон – Хитой, Халиҷи Форс – Эрон – Афғонистон – Тоҷикистон – Қирғизистон – Хитой ва роҳи оҳани Русия – Қазоқистон – Қирғизистон – Тоҷикистон);

- фаъол намудани ҳамкориҳо дар самти татбиқи лоиҳаи байналмилалии хатти интиқоли барқи CASA-1000 (Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон).

Дар минтақаи Исфара ташкил намудани бозори наздисарҳадӣбарои густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва бо ин роҳ мусоидат намудан ба бозсодироти (реэкспорти) молу коло, ки барои ҳар ду кишвар аҳамиятнок мебошад.

Барои рушди устувор ва босамари муносибатҳо бо Ҷумҳурии Қирғизистон пешниҳод мекунем, ки:

Якум, баррасӣ ва ҳалли ҳарчи зудтари мушкилот дар минтақаҳои баҳсноки ду кишвар ба хотири рафъ намудани омилҳои хатарзо.

Дуюм, азбаски муносибатҳо дар сатҳи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле суст аст, онҳо наметавонанд рисолати иҷтимоии худро дар самти муаррифӣ намудани ҳамдигар иҷро кунанд. Аз ин рӯ, мусоидат намудан ба ҳамкориҳои сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандии ду кишвар метавонад, афкори умумро ба таври назаррас ва мусбат тағйир бидиҳад ва ба наздикии дидгоҳҳо ва мавқеи шаҳрвандон оварда расонад.

Сеюм, муносибати сифатан дигари вилоятҳои ҳамсарҳади ду давлат барои пешгирӣ намудани низоъҳои байниқавмӣ дар қисматҳои муайяннашудаи сарҳади давлатӣ, яъне минтақаи Исфараи Тоҷикистон ва вилояти Боткенти Қирғизистон. Дар ин ҷода ташкили Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Боткент (маркази маъмурии вилояти Боткент) аз манфиат холӣ нест. Бо ин роҳ метавон масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва махсусан иқтисодиро хуб ба роҳ монд. Аз ҷониби дигар, Консулгарӣ метавонад ба тоҷирону кишоварзони тоҷик, ки ҳоло заминҳои вилояти Боткентро ба иҷора гирифта, маҳсулоти кишварзӣ истеҳсол кунад ва кӯмаки худро расонад, ки таъсири бевоситаро ба амнияти озуқвории Тоҷикистон дорад.

Чорум, аз сари нав ба роҳ мондани содироти маҳсулоти саноати сабукиҶумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон. Чунки технологияи

мавҷудаи ин кишвар, пеш аз ҳама, ба маҳсулоти мо муносиб буда, харидорон ва истеъмолгарони воқеии худро дорад [2, 116].

Муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ-иқтисодии байни кишварҳо бо назардошти талошҳои мутақобилаи ду кишвар, дарки монандии имкониятҳоизахиравӣ, табиии, обӣ-энергетикӣ, нақлиётӣ-коммуникатсионӣ, инчунин транзитӣ инкишоф меёбанд. Ба хотири тақвияти гардиши тиҷоратӣ байни кишварҳо бояд ба сохтори содирот ва воридот аҳамият дод. Нишондоди таносуби тиҷоратӣ ба фоидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набуда, зарур аст, ки ҷиҳати ба даст овардани тавозуни мусбат чораҳо андешида шаванд, чунин чораҳо пеш аз ҳама ҷалби сармояи мустақим ба ҳисоб меравад, ки ба таври кофӣ ба назар намерасад. Дар давраи солҳои 2007-2017 аз ҷониби сармоягузорони Ҷумҳурии Қирғизистон ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,6 миллион доллариИМА ворид гардидааст, ки аз он 2,5 миллион доллари ИМА сармояи мустақим ва 3,1 миллион доллари ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ташкил мекунанд ва ин нишондод нисбат ба имконоти мавҷуда хеле кам ба назар мерасад.

Ҷиҳати инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ масъалаи истифодаи ҳудуди якдигар ҳамчун транзит ва баррасии мушкилоти бастани роҳу гузаргоҳҳо зарур мебошад. Дар дурнамо лоиҳаи бунёди роҳи оҳани пайвасткунандаи кишварҳо ва баромад ба Чин ва Афғонистон сатҳи ҳамкориҳои мутақобилаи ҷонибҳоро афзоиш хоҳад дод.

Истифодаи самараноки иқтидори гидроэнергетикии кишварҳо танҳо зимни татбиқи лоиҳаҳои муштарак, пеш аз ҳама CASA – 1000 ба даст меояд. Дар баробари ин, лоиҳаи мазкур бе бунёди НБО Роғун аҳамияти ҷиддӣ нахоҳад дошт ва дар самти амалисозии лоиҳаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо назардошти манфиатҳои миллии худ бояд масъалаҳоро хеле дақиқ то ба охир ҳаллу фасл намоянд. Манфиатҳои мо бояд бо манфиатҳои сармоягузороне, ки лоиҳаро маблағгузорӣ мекунанд, баробар ба назар гирифта шаванд [5].

Бояд қайд, ки нишондодҳои муқоисавии тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон солҳои охир аз сабабҳои беморирии ковид-19 ва масъалаи сарҳиди ҳаҷми савдои тиҷоратӣ байни давлатҳо бар асари ҳаводиси марзӣ ҳаҷми совдо бо Қирғизистон 4 миллион доллар ИМА коҳиш ёфтаст. Қирғистон барои Тоҷикистон роҳи транзитӣ буда, дар оянда масъалаҳои сарҳадӣ ҳалли худро меёбад [7].

Аз ҷониби дигар, дар муносибати кишварҳо баъзе нуктаҳо ба назар мерасанд, ки ба инкишофи сатҳ ва ҳаҷми савдои мутақобила таъсири манфӣ мерасонанд:

- Ҳар ду кишвар шаклҳои монанди ҳоҷагидории истеҳсолиро бо афзалияти кишоварзӣ пеш мебаранд. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон як самти содиротиаш пахта мебошад, ҳол он ки ин навъи маҳсулот дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳаҷми кофӣ истеҳсол мегардад;
- Сатҳи истеҳсоли молҳои ҳар ду кишвар нисбатан паст буда, масрафҳои истеҳсолӣ бинобар кухна шудани силсилаи истеҳсолотӣ баланд мебошад. Аз ин рӯ, ин маҳсулот нархҳои нисбатан баланд низ доранд, ки эҳтимоли харидории онро кам мекунад;
- Набудани силсилаи муайяни истеҳсоли молҳои зарурӣ. Нобобаста аз низоми хоҷагидории шӯравӣ ва вобстагии иқтисодҳои аъзои он, таҷрибаи мубодилаи молу маҳсулот байни Тоҷикистон ва Қирғизистон то ҳол бо истифода аз имкониятҳои якдигар силсилаи пурраи истеҳсоли молу маҳсулот байни кишварҳо мавҷуд нест.

## АДАБИЁТ:


1. Назриев Д. Тоҷикистон-САҲА: муколама ва ҳамкорӣ,- Душанбе «Ирфон», 2009, 352 с.
2. Ризоев, Ш. Ш. Ҷойгоҳи Қирғизистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон/ Ш.Ш. Ризоев // Тоҷикистонва ҷаҳони муосир. – Душанбе: 2012, № 1(30). – 250 с.
3. Ҳамрохон Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с.
4. Хамрохон Зарифи. Внешняя политика Таджикистана, Душанбе: “Ирфон”, 2010. - 352 с.
5. https://mfa.tj/tg/main/view/ (санаи муроҷиат: 11.05.2022)
6. https://rus.Azattyk.org/ (санаи муроҷиат:11.01.2022)
7. https://24.kg/ekonomika/ (санаи муроҷиат:11.05.2022)


# РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО И ТОРГОВОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КЫРГЫЗСТАНА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ: ДОСТИЖЕНИЯ, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**ШАРИФОВ АРДАШЕР**

магистрант ИИПСАЕ НАНТ 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, тел.: (+992) 888845916; e-mail: Sharifov- 5598@mail.ru

**ДАВЛАТОВА ФАРИДА**
докторант PhD, специальность история международных отношений, ИИПСАЕ НАНТ; Тел: 919343894; Email: farzonaiemomali97@mail.ru.

*В данной статье авторы рассматривают возобновление торгово-экономического сотрудничества между Таджикистаном и Кыргызстаном на основе соглашений, договоров и процесс двусторонних визитов между двумя странами с момента обретения независимости. В статье также показаны проблемы и перспективы отношений двух стран. Внешнеторговый оборот Таджикистана с Кыргызстаном за последние годы сократился на 4 миллиона долларов из-за Ковид-19 и приграничной проблемы. Кыргызстан является транзитным маршрутом для Таджикистана, и пограничные вопросы будут решаться в будущем.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Кыргызстан, экономика, торговля, отношения, достижения, проблемы, перспективы, независимость.*

## DEVELOPMENT OF ECONOMIC AND TRADE COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND KYRGYZSTAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE: ACHIEVEMENTS, PROBLEMS AND PROSPECTS

**SHARIFOV ARDASHER**
second-year undergraduate of the Issues of Asian and European countries, National Academy of Sciences of Tajikistan, 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33, tel.: (+992) 888845916; e-mail: e-mail: Sharifov-5598@mail.ru

**DAVLATOVA FARIDA**
PhD student, specialty in the history of international relations of the Institute of stady of problems in Asia and Europe of National Academy of Sciences of Tajikistan; tel: 919343894; E-mail: farzonaiemomali97@mail.ru.

*In this article, the author examines the resumption of trade and economic cooperation between Tajikistan and Kyrgyzstan on the basis of agreements, treaties and the process of bilateral visits between the two countries since independence. The article also shows the problems and prospects of relations between the two countries. The foreign trade turnover of Tajikistan with Kyrgyzstan in recent years has decreased by 4 million dollars of trade between the two countries due to Covid-19*

*and the border problem. Kyrgyzstan is a transit route for Tajikistan and border issues will be dealt with in the future.*

***Key words:*** *Tajikistan, Kyrgyzstan, economy, trade, relations, achievements, problems, prospects, independence.*

## ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷои зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. –с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, с. 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, с. 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

## ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис "Ғуломи озод" // Илм ва ҷомеа", № 2 (10), 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, с. 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, с. 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Ба матбаа _____________ таҳвил гардид. Чопаш _____________
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 $^1/_8$.
Ҷузъи чопии шартӣ 23,0. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 03

Дар матбааи ҶДММ «МУЛКВАР» ба табъ расидааст.